МАТЕМАТИКА 11

АЛГЕБРА ВА АСОСҲОИ АНАЛИЗ
ГЕОМЕТРИЯ
ҚИСМИ 1

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони мактабҳои таълими умумии синфи 11

Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст

Нашри якум

ТОШКАНД
2018

УЎК: 51(075.32)
КБК: 22.1уа72
М 65

Муаллифони қисми Алгебра ва асосҳои анализ

М. А. Мирзааҳмедов, Ш. Н. Исмоилов, А. Қ. Амонов

Муаллифи қисми Геометрия:

Б. Қ. Ҳайдаров

Муқаризон:

Р. Б. Бешимов – Мудири кафедраи «Геометрия ва топология»-и Донишгоҳи Миллии Ўзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек, доктори илмҳои физика-математика.

Қ. С. Ҷуманиёзов – дотсенти кафедраи «Методикаи омўзиши математика»-и факултети физика – математикаи ДДОТ ба номи Низомӣ, номзади илмҳои педагогӣ.

Р. О. Розимов – омўзгори фанни математикаи мактаби рақами 237 –уми ноҳияи Сергелӣ.

С. Б. Ҷуманиёзова – методисти МТР.

С. Р. Сумбердиева – омўзгори фанни математикаи мактаби ихтисосонидашудаи равқами 6-уми ноҳияи Сергелӣ

Ишораҳои дар қисми китоби дарсии “Алгебра ва асосҳои анализ-истифодашуда ва талқини онҳо:

△ – ҳалли масъала (исботнамоӣ) оғоз ёфт

▲ – ҳалли масъала (исботнамоӣ) анҷом ёфт

! – кори назоратӣ ва машқҳои тест (санҷиш)

? – савол ва супоришҳо

– маълумоти асосӣ

* – машқҳои мураккабтар

ISBN: 978-9943-5128-0-1

БОБИ I

ҲОСИЛА ВА ТАТБИҚҲОИ ОН

1–2 МИҚДОРҲОИ ТАҒЙИРЁБАНДА НИСБАТИ АФЗУНШАВАНДАҲО ВА МАЪНОИ ОН. ТАЪРИФИ РАСАНДА. ФУНКСИЯИ АФЗУНШАВАНДА

Миқдорҳои тағйирёбанда нисбати афзуншавандаҳо

Дар ҳаёти инсон ҳисоб кардани миқдори нисбии ду тағйирёбандаи соҳиби воҳидҳои гуногун зуд-зуд ба назар мерасад.

Масалан, суръати автомобил ва роҳи тайнамудаи он нисбати вақт бо км/соат ёки м/сония ҳисоб карда мешавад, сарфи сӯзишворӣ бо км/литр ёки100 км/литр ҳисоб карда мешавад.

Ба ҳамин монанд, маҳорати боскетболчӣ дар як бозӣ бо адади холҳои ҷамъовардаи ӯ муайян карда мешаавад.

Мисол. Дар маҷмӯаи истеҳсолии омӯзишӣ байни донишомӯзони синфи 11 барои босифат ва босуръат чидани матн санҷиш гузаронида шуд.

Маълум гардид, ки Карим дар 3 дақиқа 213-то калимаро чида, ба 6-то хатои имлоӣ, Наргис бошад дар 4 дақиқа 260-то калимаро чида, ба 7 то хатои имлоӣ роҳ додааст. Натиҷаи онҳоро муқоиса намоед.

△ Нисбатҳои хоси ҳар як донишомӯзро тартиб медиҳем:

Карим:

суръати чидани матн $\dfrac{213 \text{то калима}}{3 \text{ дақиқа}} = 71 \dfrac{\text{калима}}{\text{дақиқа}}$;

сифати чидани матн $\dfrac{6 \text{ то хато}}{213 \text{то калима}} \approx 0,0282 \dfrac{\text{хато}}{\text{калима}}$.

Наргис:

суръати чидани матн $\dfrac{260 \text{то калима}}{4 \text{ дақиқа}} = 65 \dfrac{\text{калима}}{\text{дақиқа}}$;

сифати чидани матн $\dfrac{7 \text{ то хато}}{260 \text{то калима}} \approx 0,0269 \dfrac{\text{хато}}{\text{калима}}$.

Яъне, Карим матнро нисбати Наргис зудтар чида бошад ҳам, Наргис ин корро босифаттар иҷро намуд. ▲

Машқҳо

1. Барои санҷиши басомад(частота)-и набз нӯги ангуштон ба ҷойе, ки раги артерия мегузарад, гузошта мешавад ва барои ҳис намудани зарбаҳо ҳамон ҷой фишурда мешавад.

   Мадина ҳангоми ҳисоби набз дар як дақиқа 67-то зарбаро ҳис кард.

   а) маънои басомади набзро фаҳмонед. Он чӣ гуна бузургӣ (ишора) аст?

   б) дар ҳар соат дили Мадина чанд маротиба мезанад?

2. Карим дар хона 14 саҳифа матн чида, ба 8-то хатои имлоӣ роҳ дод. Агар дар 1 саҳифа 380-то калима бошад:

   а) сифати матнчинии Каримро муайян кунед ва бо натиҷаи масоли боло муқоиса намоед. Сифати матнчинии Карим оё хуб шудааст?

   б) Карим ҳангоми чидани 100-то калима чанд хато мекунад?

3. Маъруф 12 соат меҳнат карда 148 метру 20 см, Мурод бошад 13 соат меҳнат карда 157 метру 95 см ҷӯй тоза намуданд. Самарадории меҳнати онҳоро муқоиса намоед.

4. Қисми ҳимояи чархи автомобил 8 мм-ро ташкил мекунад. Пас аз тай намудани 32178 км дар натиҷаи хӯрдашавӣ маълум шуд, чуқурии қисми ҳимояи чарх 2,3 мм гардидааст.

   а) ҳангоми тай намудани 1 км масофа қисми ҳимояи чарх чӣ қадар дигаргун шудааст?

   б) баъди тай намудани 10000 км чӣ?

5. Мадина аз шаҳри Қаршӣ соати 11:43 баромада, соати 15:49 ба шаҳри Гулистон расида омад. Агар ӯ 350 км масофа тай намуда бошад, суръати миёнаи вай чанд соат мешавад?

Мисол. Зарфи силиндршакл дар як хел суръат бо об пур шуда истодааст. Дар он (ҳаҷми) оби дохили зарфи силиндри рехтаистода боиси нисбатан баробар рехтан, дар намуди функсияи хаттии об сатҳи (баландии он) нисбат ба вақт вобаста мешавад (нигаред ба расми 1).



Расми 1.

Дар ин ҳол сатҳи зарфи об нисбати вақт (яъне *суръати тағйирёбии сатҳ*) ададі бетағйир шуда мемонад.

Акнун ба зарфи шаклаш дигар менигарем (расми 2):



Расми 2.

Дар расми 2 тағйирёбии суръати сатҳи об нисбати вобастагии вақт акс ёфтааст.

Саволи 1. Дар расми 3 зарфи барои обгирӣ мувофиқ тасвир шудааст.



Расми 3.

Дар ибтидо дар он об набуд. Баъд он бо суръати “як литр дар як сония” ба пур кардан оғоз шуд. Тағйирёбии сатҳи об нисбати вақт дар кадом графики расми 4 дуруст нишон дода шудааст?



Расми 4.

Саволи 2. Тағйирёбии сатҳи об нисбати вақт дар графикҳои расми 5 дода шудааст:



Расми 5.

Онҳо ба кадом зарфҳои расми 6 мувофиқ меоянд?



Расми 6.

Суръати миёнаи ивазшавӣ

Миқдори ду тағйирёбанда дар намуди функсияи хаттии ба ҳамдигар пайваст бошад, нисбати афзуншавии ин миқдорҳо адади бетағйир мешавад.

Ба якдигар пайвастшавии ду миқдори тағйирёбанда дар намуди функсияи хаттӣ набошад, мо нисбати миёнаи масофаи додашудаи ин миқдори тағйирёбандаро ёфта метавонем. Агар масофа гуногун бошад нисбатҳои миёнаи ҳисобкардашуда ҳам гуногун мешавад.

***Мисол* 1.** Аз боми бинои баланд ба паст нигоҳ карда тӯбча партофта истодаанд. Дар расми 7 *графики аз бом дуршавии (пастшавии)* тӯбча дар вақти t тасвир шудааст:



Расми 7.

△ Дар график нуқтаи F ба $t=2$ сония мувофиқ бошад ва нуқтаи аз он фарқкунандаи M (масалан, ба $t=4$ сония мувофиқ бошад) – ро ишора мекунем.

Суръати миёнаи фосилаи вақти $2 \le t \le 4$ ба $\frac{(80-20)\,m}{(4-2)\,s} = 30\frac{\text{m}}{\text{s}}$ баробар буданашро меёбем.

Маълум мешавад, ки буррандаи FM ба коэфитсиенти кунҷи 30 баробар аст.

▲*Савол. Нуқтаи F– ро* ноҷунбон ҳисобида, ба қиматҳои мувофиқи зерини додашудаи t барои нуқтаҳои M коэффитсиентҳои кунҷҳои буррандаҳои FM -ро ҳисоб намуда, ҷадвалро пур кунед:

t	коэффитсиенти кунҷ
0	
1,5	

t	коэфитсиенти кунҷ
3	
2,5	

1,9			2,1	
1,99			2,01	

Ба кадом хуллоса омадед?

Мисоли 2. Адади мушҳо ҳангоми афзоиш бо гузашти ҳафтаҳо чунин тағйир меёбад (расми 8):



Расми 8.

Дар фосилаи 3 ва 6 ҳафта адади мушҳо ба ҳисоби миёна чӣ гуна тағйир ёфт? Дар муддати 7 ҳафта чӣ ?

△ Суръати афзоиши мушҳо

$\frac{(240-110)\text{ то муш}}{(6-3)\text{ то ҳафта}} \approx 43\frac{\text{муш}}{\text{ҳафта}}$, яъне дар фосилаи 3 ва 6 ҳафта адади мушҳо ба ҳисоби миёна дар як ҳафта 43 то зиёд мешавад.

Худди ҳамин хел дар 7 ҳафта $\frac{(315-50)\text{ то муш}}{(7-0)\text{ то ҳафта}} \approx 38\frac{\text{муш}}{\text{ҳафта}}$.

Дар фосилаи 7 ҳафта адади мушҳо ҳафтае ба ҳисоби миёна 38 то афзудааст. ▲

Дар ҳолати умумӣ: миқдори x аз a то b иваз гардад, суръати миёнаи миқдори тағйирёбии $y=f(x)$

$$\frac{f(b)-f(a)}{b-a}$$

ба нисбати афзуншавӣ баробар аст, дар ин ҷо $f(b)-f(a)$ функсияи афзуншаванда, $b-a$ бошад аргументи афзуншаванда мебошад.

$h=b-a$ гӯён нишон диҳем, суръати миёна намуди $\frac{f(a+h)-f(a)}{h}$-ро мегирад.

Суръати касри $\dfrac{f(a+h)-f(a)}{h}$ аргументи $y=f(x)$ *функсияи* афзуншавандаи h – ро *ба афзуншавандаи x* мувофиқ гуфтан қабул шудааст.

Худи касрро бошад, нисбати камшавӣ мегӯянд.

Машқҳо

6. Ба вақт чӣ гуна вобаста будани роҳи дар атрофи хати рост тайнамудаи нуқта дар графики расми 9 тасвир шудааст.



Расми 9.

Суръати миёнаи нуқтаро

а) дар 4 сонияи аввал;

б) дар 4 сонияи охир;

с) дар 8 сонияи мобайн ёбед.

7. Ҳангоми бо миқдори (андозаи) гуногуни дору гузаронидани коркард дар саҳро тағйирёбии адади ҳашаротҳои зараррасони дар 1 $м^2$ мавҷудбуда дар графики расми 10 нишон дода шудааст.



Расми 10.

а) 1) микдор аз 0 грамм то 10 грамм зиёд шавад; 2) аз 4 грамм то 7 грамм зиёд шавад, тағйирёбии адади ҳашаротҳои дар 1 $м^2$ мавҷудбударо ёбед.

б) миқдор аз 10 грамм то 14 грамм зиёд шавад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

2) графики қонуни ҳаракати ҷисм аз рӯйи хати рост s(t) дар расм дода шудааст.

а) ададҳои s(2),s(3),s(5), s(7) ба чанд баробар?

б) дар кадом фосила функсия афзоянда?

с) дар кадом фосила функсия камшаванда?

д) афзуншавандаҳои s(1) –s(1),s(5)–s(4), s(7)–s(6),s(8)–s(6) –ро ҳисоб кунед.



3–4 МАФҲУМ ДАР БОРАИ ЛИМИТ

Қимати x аз 2 хурд буда, ба 2 наздик равад, ҷадвали қимати функсияи $f(x)=x^2$ ро мебинем:

x	1	1,9	1,99	1,999	1,9999
$f(x)$	1	3,61	3,9601	≈ 3,996 00	≈ 3,999 60

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки қимати *x ба 2 ҳар қадар наздик шавад*, қимати функсияи $f(x)$ ба адади 4 наздик мегардад.

Дар ин ҳолат аргумент(тағйирёбанда)–*и* x ба 2 аз чап наздик шавад мегӯем, ки қиматҳои $f(x)$ ба адади 4 наздик мешавад.

Акнун қиматҳои x аз 2 калон буда, ба 2 наздик шудан гирад ба ҷадвали қимати функсияи $f(x)=x2$ менигарем:

x	3	2,1	2,01	2,001	2,0001
$f(x)$	9	4,41	4,0401	≈ 4,004 00	≈ 4,000 40

Дар ин ҳолат аргументи x ба 2 аз рост наздик шавад, қимати функсия $f(x)$ ба адади 4 *наздик мешавад* мегӯем.

Ду ҳолати болоиро умумӣ гардонида, аргументи x ба 2 наздик шавад, аргументи $f(x)$ ба адади 4 наздик мешавад мегӯем ва инро чунин менависем:

$$\lim_{x\to 2} x^2 = 4.$$

Ин навишта чунин хонда мешавад: аргументи x ба 2 наздик шавад, *лимити функсияи* $f(x)=x^2$ ба 4 баробар аст.

Дар ҳолати умумӣ ба фаҳмиши *лимити функсия* чунин майл мекунем:

$x \neq a$ буда, қиматҳои он ба адади a наздик гашта, қиматҳои $f(x)$ ба адади A наздик бояд шавад. Дар ин ҳол адади A агар ба x a наздик гардад лимити функсияи $f(x)$ мегӯянд ва чунин муайян мекунанд.

$$\lim_{x\to a} f(x) = A.$$

Дар баъзе вақтҳои ҳолати мазкур қиматҳои *x агар ба a* майл намояд, функсияи $f(x)$ ба A майл менамояд, мегӯем.

$\lim\limits_{x \to a} f(x) = A$ ба ҷойи $x \to a$ навиштаҷоти $f(x) \to A$ ҳам истифода мешавад.

Ёдрас. Ҳангоми ба x a майл кардан, иҷрошавии шарти $x \neq a$ муҳим аст.

Мисол. Агар $x \to 0$ бошад лимити функсияи $f(x) = \dfrac{5x + x^2}{x}$ ро ёбед.

△ Шарти $x \neq 0$ иҷро нагардад, яъне $x=0$ бошад. Қимати $x=0$ – *ро ба* $f(x)$ бевосита гузошта бинем, ба номуайянии намуди, $\dfrac{0}{0}$ соҳиб мешавем.

Аз тарафи дигар, барои он ки $f(x) = \dfrac{x(5+x)}{x}$ аст, ин функсия чунин намудро мегирад:

$$f(x) = \begin{cases} 5 + x, & \text{агар } x \neq 0 \text{ бошад} \\ \text{номуайян, агар} & x = 0 \text{ бошад,} \end{cases}$$

Графики функсияи $y=f(x)$ нуқтаи координатаи “гирифта партофташуда” (0; 5) дар намуди хати рости $y=x+5$ мешавад. (расми 11):



Расми 11.

Нуқтаи координатаи (0; 5) нуқтаи бурриши функсияи $y=f(x)$ гуфта мешавад.

Маълум мешавад, дар нуқтаҳое, ки аз ин нуқта фарқ доранд агар қимати х ба 0 наздик шавад, қимати мувофиқи функсияҳои $f(x)$ ба 5 наздик мегардад, яъне лимити он мавҷуд аст: $\lim\limits_{x \to 0} \dfrac{5x + x^2}{x} = 5$. ▲

Дар амал барои ёфтани лимити функсия, лозим бошад, ичро намудани содагардонии дахлдор мувофиқи мақсад аст.

Мисоли 1. Лимитҳоро ҳисоб кунед:

а) $\lim\limits_{x\to 2} x^2$; б) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{x^2+3x}{x}$; с) $\lim\limits_{x\to 3}\dfrac{x^2-9}{x-3}$.

△ а) қиматҳои x ба 2 наздик шавад, қиматҳои x 2 ба 4 наздик мешавад, яъне $\lim\limits_{x\to 2} x^2 = 4$.

б) барои он ки $x\neq 0$ аст

$$\lim_{x\to 0}\frac{x^2+3x}{x}=\lim_{x\to 0}\frac{x(x+3)}{x}=\lim_{x\to 0}(x+3)=3\cdot$$

с) барои он ки $x\neq 3$ аст

$$\lim_{x\to 3}\frac{x^2-9}{x-3}=\lim_{x\to 3}\frac{(x+3)(x-3)}{x-3}=\lim_{x\to 3}(x+3)=6. \ ▲$$

Машқҳо

Лимитро ҳисоб намоед (**8–11**):

8. а) $\lim\limits_{x\to 3}(x+4)$; б) $\lim\limits_{x\to -1}(5-2x)$; с) $\lim\limits_{x\to 4}(3x-1)$

д) $\lim\limits_{x\to 2}(5x^2-3x+2)$; е) $\lim\limits_{h\to 0} h^2(1-h)$; ё) $\lim\limits_{x\to 0}(x^2+5)$.

9. а) $\lim\limits_{x\to 5} 5$; б) $\lim\limits_{h\to 2} 7$; с) $\lim\limits_{x\to 0} c$, *c – адади доимӣ.*

10. а) $\lim\limits_{x\to 1}\dfrac{x^2-3x}{x}$; б) $\lim\limits_{h\to 2}\dfrac{h^2+5h}{h}$; с) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{x-1}{x+1}$; д) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{x}{x}$.

11. а) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{x^2-3x}{x}$; б) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{x^2-5x}{x}$; с) $\lim\limits_{x\to 0}\dfrac{2x^2-x}{x}$.

д) $\lim\limits_{h\to 0}\dfrac{2h^2+6h}{h}$; е) $\lim\limits_{h\to 0}\dfrac{3h^2-4h}{h}$; ё) $\lim\limits_{h\to 0}\dfrac{h^3-8h}{h}$;

ж) $\lim\limits_{x\to 1}\dfrac{x^2-x}{x-1}$; з) $\lim\limits_{x\to 2}\dfrac{x^2-2x}{x-2}$; и) $\lim\limits_{x\to 3}\dfrac{x^2-x-6}{x-3}$.

12. Кадоме аз функсияҳои зерин дар $x \to 3$ будан ба лимит соҳиб аст? Ҳамин лимитро ёбед.

















5–6 ҲОСИЛА, МАЪНОИ ГЕОМЕТРӢ ВА ФИЗИКИИ ОН

Дар расми 12 качхата, бурранда ва расанда тасвир шудааст.



Расми 12.



Расми 13.

Нуқтаи B ҳолатҳои B_1, B_2, ...-ро пайдарпай қабул карда, ба нуқтаи A дар атрофи качхата наздик шавад, (расми 13), буррандаҳои мувофиқ дар качхата майли гирифтани ҳолати расандаи аз нуқтаи A гузарандаро ба тарзи интуитив қабул менамоем:

Маълум аст, ки дар ин ҳолат AB ба коэффитсиенти хати рост ва ба коэффитсиенти кунҷи расанда наздик мешавад.

Мисоли 1. Дар графики функсияи $f(x) = x^2$ дар нуқтаи $A(1;\ 1)$ кунҷи коэффитсиенти хати рости расандаро ёбед (расми 14).



Расми 14.



Расми 15.

△ **Ба графики дахлдори функсияи** $f(x) = x^2$ нуқтаи ихтиёрии $B(x, x^2)$ гузорем (расми 15).

AB коэффитсиенти кунҷи хати рост

$\frac{f(x)-f(1)}{x-1}$ ёки ба $\frac{x^2-1}{x-1}$ баробар.

Нуқтаи B ба нуқтаи *A* дар атрофи каҷхата наздик шавад, қимати x ба 1 наздик мешавад, дар он $x \neq 1$.

Ҳамин тавр бошад, коэффитсиенти хати рости *AB* ба коэффитсиенти кунҷи расандаи k наздик мешавад, яъне:

$$k = \lim_{x\to 1}\frac{x^2-1}{x-1} = \lim_{x\to 1}\frac{(x+1)(x-1)}{x-1} = \lim_{x\to 1}(x+1) = 2\cdot$$

Чунин бошад, k=2. ▲

Агар функсияи $y=f(x)$ дода шуда бошад. Нуқтаҳои ба графики он дахлдори $A(x, f(x))$ ва $B(x+h, f(x+h))$ – ро нигарем (расми 16).

AB коэффитсиенти кунҷи хати рост

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{x+h-x} = \frac{f(x+h)-f(x)}{h}$$

ба нисбати фарқ баробар.

Нуқтаи B ба нуқта *A* атрофи каҷхата наздик шавад, $h\to 0$, яъне h дар ҳолати афзуншаванда майл мекунад, буррандаи *AB* бошад ба графики функсияи расандаи дар нуқтаи *A* гузаронидашуда майл мекунад.

Баробари ин, коэффитсиенти кунҷи хати рости *AB* ба коэффитсиенти кунҷи бурранда наздик мешавад.

Ба тарзи дигар гӯем, қимати h ба 0 майл намуда, дар нуқтаи ихтиёрии $(x, f(x))$ ба коэффитсиенти кунҷи расандаи гузаронидашуда $\frac{f(x+h)-f(x)}{h}$ ба нисбати фарқи қимати лимитӣ, яъне ба қимати

$\lim_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h}$ баробар мешавад.



Расми 16.



Расми 17.

Ба графики функсияи қимати ихтиёрии дар ин лимит мавҷудбудаи x қимати ягонаи коэффитсиенти кунҷи дар нуқтаи $(x, f(x))$ газаронидашудаи расанда мувофиқ гузоштан мумкин аст (расми 17).

Яъне, формулаи, $\lim\limits_{h\to 0}\dfrac{f(x+h)-f(x)}{h}$ функсияи навро ифода мекунад.

Ана ҳамин функсияи $y=f(x)$ **ҳосилаи функсия**, ёки содда карда гӯем **ҳосила номида мешавад**.

Таъриф. Ҳосилаи функсияи $y=f(x)$ **гуфта**, лимити зеринро (агар он мавҷуд бошад) мегӯянд:

$$\lim_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h} \qquad (1)$$

Одатан ҳосилаи функсияи $y=f(x)$ чунин $f'(x)$ ишора мешавад. Амали ёфтани ҳосила дифференсиронӣ номида мешавад.

Ба ҷойи ишораи $f'(x)$ чунин $\dfrac{dy}{dx}$ ишора ҳам қабул шудааст.

Дар намуди “каср” будани ин ишоракуниро чунин фаҳмонидан мумкин.

Агар афзуншавиро $h=\Delta x$, $f(x+\Delta x)-f(x)=\Delta y$ гӯён ишора кунем, аз

$f'(x)=\lim\limits_{h\to 0}\dfrac{f(x+h)-f(x)}{h}$ ба намуди зерин соҳиб мешавем

(расми 18): $f'(x)=\lim\limits_{\Delta x\to 0}\dfrac{\Delta y}{\Delta x}=\dfrac{dy}{dx}$.



Расми 18.

Аз мулоҳизаҳои боло ба чунин хулоса меоем: ҳосилаи функсияи $y=f(x)$ дар нуқтаи x_0 ба қимати графики функсияи дар ҳамин нуқта гузаронидашудаи коэффитсиенти кунҷи расанда баробар аст. Маънои геометрии ҳосила аз ҳамин иборат аст.

Мисоли 2. Нуқтаи моддӣ $s=s(t)$ (масофа бо метрҳо - s, вақт бо сонияҳо - t чен мешавад) мувофиқи қонун дар атрофи хати рост ҳаракат карда истодааст. Суръати $v(t)$ дар ҳамин нуқтаи моддиро ҳангоми (лаҳзаи) вақти t ёбед.

△ Маълум, ки суръати лаҳзавии нуқта дар фосилаи вақти хурд Δt тақрибан ба суръати миёнаи $v(t)=\dfrac{s(t+\Delta t)-s(t)}{\Delta t}$ баробар аст. Δt *ба сифр майл кунад, фарқи миёнаи суръати лаҳзавӣ* ва суръати миёна ҳам ба сифр майл мекунад. Ин тавр бошад, суръати лаҳзавии ҳолати t *дар нуқтаи* моддӣ

$$v(t)=\lim_{\Delta t\to 0}\frac{s(t+\Delta t)-s(t)}{\Delta t}=\lim_{\Delta t\to 0}\frac{\Delta s}{\Delta t}=s'(t). \blacktriangle$$

Ҳамин тавр, суръати лаҳзавии қонуни ҳаракати нуқта дар ҳолати t ба ҳосилаи аз функсияи $s(t)$ гирифташуда баробар будааст.

Маънои физикии ҳосила ҳам аз ҳамин иборат аст. Умумӣ карда гӯем, ҳосила суръати тағйирёбандаи функсия аст.

Мисолҳо

Аз таърифи ҳосила истифода бурда, ҳосилаи функсияҳоро ёбед.

1. $f(x)=x^2$; **2.** $f(x)=5$; **3.** $f(x)=x^3-7x+5$;

4. $f(x)=x^4$; **5.** $f(x)=\frac{1}{x}$; **6.** $f(x)=\sqrt{x}$; **7.** $f(x)=\sqrt[3]{x}$.

△ **1. Ҳангоми** $h\neq 0$ будан

$$f'(x)=\lim_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\lim_{h\to 0}\frac{(x+h)^2-x^2}{h}=$$

$$=\lim_{h\to 0}\frac{\cancel{x^2}+2xh+h^2-\cancel{x^2}}{h}=\lim_{h\to 0}\frac{\cancel{h}(2x+h)}{\cancel{h}}=\lim_{h\to 0}(2x+h)=2x.$$

2. $h\neq 0$ бошад $f(x+h)=5$, $f(x+h)-f(x)=5-5=0$,

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{0}{h}=0 \text{ ин тавр бошад, } f'(x)=\lim_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=0.$$

3. Ҳангоми $h\neq 0$ будан

$f(x+h)=(x+h)^3-7(x+h)+5=x^3+3x^2h+3xh^2+h^3-7x-7h+5;$

$f(x+h)-f(x)=x^3+3x^2h+3xh^2+h^3-7x-7h+5-x^3+7x-5=$

$=3x^2h+3xh^2+h^3-7h.$

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{3x^2h+3xh^2+h^3-7h}{h}=3x^2+3xh+h^2-7.$$

Дар $h\to 0$ ҳангоми $3xh+h^2\to 0$ будан

$$f'(x)=\lim_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=3x^2-7.$$

4. Мувофиқи формулаҳои зарби мухтасар $a^4-b^4=(a-b)(a+b)(a^2+b^2)$.

Яъне, $(x+h)^4-x^4=(x+h-x)(x+h+x)((x+h)^2+x^2)=$

$=h(2x+h)(2x^2+2xh+h^2)=2hx(2x+h)(x+h)+h^3(2x+h)=$

$=2hx(2x^2+h(3x+h))+h^3(2x+h)$; $h\to 0$ бошад,

$2h^2x(3x+h)\to 0$ ва ҳангоми $h^3(2x+h)\to 0$ будан

$$\lim_{h\to 0}\frac{(x+h)^4-x^4}{h}=\lim_{h\to 0}(4x^3+2hx(3x+h))+h^2(2x+h))=4x^3.$$

Яъне, $f'(x)=(x^4)'=4x^3$.

5. $f(x)=\frac{1}{x}$, $x\neq 0$ бошад,

$$f(x+h)-f(x)=\frac{1}{x+h}-\frac{1}{x}=\frac{x-(x+h)}{(x+h)x}=-\frac{h}{(x+h)x},$$

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{-1}{(x+h)x}.$$

Дар $h \to 0$ ҳангоми $x+h \to x$ будан $f'(x)=-\frac{1}{x^2}$ мешавад.

6. $f(x)=\sqrt{x}$, $x>0$, $x+h>0$ бошад, $\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{\sqrt{x+h}-\sqrt{x}}{h}$ нисбати фарқро месозем ва онро содда мегардонем:

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{\left(\sqrt{x+h}-\sqrt{x}\right)\left(\sqrt{x+h}+\sqrt{x}\right)}{h\left(\sqrt{x+h}+\sqrt{x}\right)}=$$

$$=\frac{(x+h)-x}{h\left(\sqrt{x+h}+\sqrt{x}\right)}=\frac{h}{h\left(\sqrt{x+h}+\sqrt{x}\right)}=\frac{1}{\sqrt{x+h}+\sqrt{x}}.$$

Дар $h \to 0$ ҳангоми $\sqrt{x+h} \to \sqrt{x}$ будан, $f'(x)=\frac{1}{2\sqrt{x}}$ мешавад.

7. Нисбати камшавандаро месозем:

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}=\frac{\sqrt[3]{x+h}-\sqrt[3]{x}}{h}=\frac{\left(\sqrt[3]{x+h}-\sqrt[3]{x}\right)\left(\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}\right)}{h\left(\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}\right)}=$$

$$=\frac{x+h-x}{h\left(\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}\right)}=\frac{h}{h\left(\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}\right)}=$$

$$=\frac{1}{\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}}.$$

Дар $h \to 0$ $\frac{1}{\sqrt[3]{(x+h)^2}+\sqrt[3]{(x+h)x}+\sqrt[3]{x^2}} \to \frac{1}{3\sqrt[3]{x^2}}$. Ин тавр бошад, $\left(\sqrt[3]{x}\right)'=\frac{1}{3\sqrt[3]{x^2}}$.

Ҷавоб: **1.** $2x$. **2.** 0. **3.** $3x^2-7$. **4.** $4x^3$. **5.** $-\frac{1}{x^2}$. **6.** $\frac{1}{2\sqrt{x}}$. **7.** $\frac{1}{3\sqrt[3]{x^2}}$. ▲

Ёдовар шудан ҷоиз аст, ки агар миқдори x аз x ба $x+h$ тағйир ёбад, тағйирёбии миқдори $y=f(x)$ ба нисбати фарқи суръати миёнаи

$$\frac{f(x+h)-f(x)}{h}$$

баробар аст.

Аз ин ифодаи $\lim\limits_{h\to 0}\frac{f(x+h)-f(x)}{h}$ миқдори $y=f(x)$ тағйирёбии **суръати лаҳзавиро мефаҳмонад.**

Машқҳо

13. Ҳосилаи функсияи зерин ба чӣ баробар аст?

а) $f(x)=x^3$; б) $f(x)=x^{-1}$; с) $f(x)=x^{\frac{1}{2}}$; д) $f(x)=c$.

14. Ҷадвалро ба дафтаратон кӯчонед ва пур кунед:

а)

$f(x)$	$f'(x)$
x^1	
x^2	
x^3	
x^{-1}	
$x^{\frac{1}{2}}$	

б) ба фикратон ҳосилаи функсияи $y=x^n$ ба чӣ баробар аст (дар ин ҷо n – адади ратсионалӣ)?

15. Аз таъриф истифода бурда, ҳосилаи функсияро ёбед:

а) $f(x)=2x+3$; б) $f(x)=3x^2+5x+1$; с) $f(x)=2x^3+4x^2+6x-1$.

16*. Ба дафтаратон кӯчонед ва пур кунед:

а) $f(x)=ax+b$ uchun $f'(x)=...$;

б) $f(x)=ax^2+bx+c$ uchun $f'(x)=...$;

с) $f(x)=ax^3+bx^2+cx+d$ uchun $f'(x)=...$

17*. Тасдиқҳои зеринро исбот намоед:

а) $f(x)=cg(x)$ бошад, дар ин ҳолат $f'(x)=cg'(x)$;

б) $f(x)=g(x)+h(x)$ бошад, дар ин ҳолат $f'(x)=g'(x)+h'(x)$.

18*. Мувофиқи таърифи функсия қиматҳои ҳосилаҳоро муқоиса кунед:



а) $f'(-7)$ ва $f'(-2)$; с) $f'(-9)$ ва $f'(0)$;
б) $f'(-4)$ ва $f'(2)$; д) $f'(-1)$ ва $f'(5)$..

19. 1. Ба графики функсияи болоӣ нигоҳ карда, нуқтаҳои қаноатбахшандаи x_1, x_2 – и ин шартҳоро ёбед (нуқтаҳои тири x_1, x_2 – Ox: –9, –8, ..., 5, 6,):

а) $f'(x_1) > 0,\ f'(x_2) > 0$; б) $f'(x_1) < 0,\ f'(x_2) > 0$;

с) $f'(x_1) < 0,\ f'(x_2) < 0$; д) $f'(x_1) > 0,\ f'(x_2) < 0$.

2. Ба график нигоҳ карда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а) функсия дар кадом фосила афзуншаванда? Дар кадом фосила камшаванда?

б) афзоиши функсияро дар фосилаҳои [0; 3], [3;6], [–9; –6] ҳисоб кунед.

3. Функсия дар кадом нуқта қимати калонтарин ва дар кадом нуқта қимати аз ҳама хурдтаринро қабул мекунад?

4. Функсия дар кадом нуқтаҳо ба сифр мубаддал мешавад?

5. Дар кадом фосила функсия қиматҳои мусбатро қабул мекунад?

6. Дар кадом фосила функсия қиматҳои манфиро қабул мекунад?

7–9 ҚОИДАҲОИ ҲИСОБИ ҲОСИЛА

Агар ҳар як функсияҳои $f(x)$ ва $g(x)$ ба ҳосила соҳиб бошад, дар ин ҳолат қоидаҳои зерини дифференсиронӣ бамаврид аст:

1. Ҳосилаи сумма ба суммаи ҳосилаҳо баробар аст:

$$(f(x) + g(x))' = f'(x) + g'(x). \quad (1)$$

2. Ҳосилаи фарқ ба фарқи ҳосилаҳо баробар аст:

$$(f(x) - g(x))' = f'(x) - g'(x) \quad (2)$$

Мисоли 1. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $f(x)=x^3+x^2-x+10$; 2) $f(x)=\sqrt{x}-\dfrac{1}{\sqrt{x}}$.

∆ Дар ёфтани ҳосилаҳо аз қоидаҳои 1, 2 ва бандҳои 1, 3 –и ҷадвали ҳосилаҳо истифода мебарем, яъне:

1) $f'(x)=(x^3)'+(x^2)'-(x)'+10=3x^2+2x-1;$

2) $f'(x)=\left(x^{\frac{1}{2}}\right)'-\left(x^{-\frac{1}{2}}\right)'=\dfrac{1}{2}x^{-\frac{1}{2}}+\dfrac{1}{2}x^{-\frac{3}{2}}.$

Ҷавоб: 1) $3x^2+2x-1$; 2) $\dfrac{1}{2}x^{-\frac{1}{2}}+\dfrac{1}{2}x^{-\frac{3}{2}}$. ▲

3. Зарбшавандаи тағйирнаёбандаро аз нишони ҳосила берун баровардан мумкин: $(cf(x))'=c\cdot f'(x)$, c – адади доимӣ (3)

Мисоли 2. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $f(x) = 7x^3-5x^2+4$; 2) $f(x)=3\sqrt{x}+\dfrac{5}{x}-x^3$.

△ Дар ёфтани ҳосилаҳо аз қоидаҳои 1, 2, 3 ва бандҳои 1, 3 –и ҷадвали ҳосилаҳо истифода мебарем, яъне:

1) $f'(x)=(7x^3-5x^2+4)'=(7x^3)'-(5x^2)'+(4)'=21x^2-10x;$

2) $f'(x)=\left(3\sqrt{x}+\dfrac{5}{x}-x^3\right)'=3\left(\sqrt{x}\right)'+5\cdot\left(\dfrac{1}{x}\right)'-(x^3)'=\dfrac{3}{2\sqrt{x}}-\dfrac{5}{x^2}-3x^2.$

Ҷавоб: 1) $21x^2-10x;$; 2) $\dfrac{3}{2\sqrt{x}}-\dfrac{5}{x^2}-3x^2$. ▲

4. Ҳосилаи зарб: $(f(x)g(x))'=f\,'(x)g(x)+f(x)g'(x).$ (4)

Мисоли 3. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $f(x)=(2x+4)(3x+1)$; 2) $f(x)=(3x^2+4x+1)(2x+6)$; 3) $f(x)=\sqrt[3]{x}\cdot\left(x^2-5x\right)$

△ Дар ёфтани ҳосилаҳо аз қоидаҳои 1, 3, 4 ва бандҳои 1, 3 –и ҷадвали ҳосилаҳо истифода мебарем, яъне:

1) $f'(x)=((2x+4)(3x+1))'=(2x+4)'(3x+1)+(2x+4)(3x+1)'=$
$=2(3x+1)+3(2x+4)=6x+2+6x+12=12x+14;$

2) $f\,'(x)=((3x^2+4x+1)(2x+6))'=(3x^2+4x+1)'(2x+6)+$
$+(3x^2+4x+1)(2x+6)'=(6x+4)(2x+6)+2(3x^2+4x+1)=18x^2+52x+26.$

3) $f'(x)=\left(\sqrt[3]{x}\cdot\left(x^2-5x\right)\right)'=\left(\sqrt[3]{x}\right)'\left(x^2-5x\right)+\sqrt[3]{x}\left(x^2-5x\right)'=$

$$=\frac{1}{3\sqrt[3]{x^2}}\left(x^2-5x\right)+\sqrt[3]{x}\,(2x-5)=\frac{x^2-5x}{3\sqrt[3]{x^2}}+(2x-5)\sqrt[3]{x}=\frac{x^2-5x+3(2x-5)\sqrt[3]{x^3}}{3\sqrt[3]{x^2}}=$$

$$=\frac{x^2-5x+6x^2-15x}{3\sqrt[3]{x^2}}=\frac{7x^2-20x}{3\sqrt[3]{x^2}}=\frac{x(7x-20)}{3\sqrt[3]{x^2}}=\frac{\sqrt[3]{x}}{3}(7x-20).$$

Ҷавоб: 1) $12x+14;$; 2) $18x^2+52x+26$; 3) $\frac{\sqrt[3]{x}}{3}(7x-20)$. ▲

5. Ҳосилаи тақсим:

$$\left(\frac{f(x)}{g(x)}\right)'=\frac{f'(x)g(x)-f(x)g'(x)}{(g(x))^2},\quad \text{дар инҷо}\quad g(x)\neq 0.. \qquad (5)$$

Мисоли 4. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $f(x)=\frac{x+1}{x-2}$; 2) $f(x)=\frac{3x+7}{x-5}$; 3) $f(x)=\frac{\sqrt{x}}{5x-7}$.

Δ Дар ёфтани ҳосилаҳо аз қоидаҳои 1, 3, 5 ва бандҳои 1,3 –и ҷадвали ҳосилаҳо истифода мебарем, яъне:

1) $f\,'(x)=\left(\frac{x+1}{x-2}\right)'=\frac{(x+1)'(x-2)-(x+1)(x-2)'}{(x-2)^2}=\frac{x-2-(x+1)}{(x-2)^2}=-\frac{3}{(x-2)^2};$

2) $f\,'(x)=\left(\frac{3x+7}{x-5}\right)'=\frac{(3x+7)'(x-5)-(3x+7)(x-5)'}{(x-5)^2}=$

$$=\frac{3(x-5)-(3x+7)\cdot 1}{(x-5)^2}=\frac{3x-15-3x-7}{(x-5)^2}=-\frac{22}{(x-5)^2};$$

3) $f'(x)=\left(\frac{\sqrt{x}}{5x-7}\right)'=\frac{(\sqrt{x})'\cdot(5x-7)-\sqrt{x}\cdot(5x-7)'}{(5x-7)^2}=$

$$=\frac{\frac{1}{2\sqrt{x}}(5x-7)-\sqrt{x}\cdot 5}{(5x-7)^2}=\frac{5x-7-10x}{2\sqrt{x}(5x-7)^2}=-\frac{7+5x}{2\sqrt{x}(5x-7)^2}.$$

Ҷавоб: 1) $-\frac{3}{(x-2)^2}$; 2) $-\frac{22}{(x-5)^2}$;; 3) $-\frac{7+5x}{2\sqrt{x}(5x-7)^2}$. ▲

Мисол 5. Ҳосилаи функсияҳоро ёбед:

1) $f(x) = \sin x$; 2) $f(x) = \cos x$; 3) $f(x) = \mathrm{tg}x$.

△ 1) барои ёфтани тарҳшавандаи нисбӣ аз формулаи зарби фарқи синусҳо истифода мебарем:

$$\frac{\sin(x+h)-\sin x}{h}=\frac{2\sin\frac{h}{2}\cos\frac{2x+h}{2}}{h}=\frac{\sin\frac{h}{2}}{\frac{h}{2}}\cos\frac{2x+h}{2}.$$

Дар $h\to 0$ *будан*, $\frac{\sin\frac{h}{2}}{\frac{h}{2}}\to 1$, $\cos\frac{2x+h}{2}\to\cos x$ исбот намудан мумкин.

Ҳамин тавр, $(\sin x)'=\cos x$.

2) барои ёфтани тарҳшавандаи нисбӣ аз формулаи зарби фарқи косинусҳо истифода мебарем:

$$\frac{\cos(x+h)-\cos x}{h}=-\frac{2\sin\frac{h}{2}\sin\frac{2x+h}{2}}{h}=-\frac{\sin\frac{h}{2}}{\frac{h}{2}}\sin\frac{2x+h}{2}=-\frac{\sin\frac{h}{2}}{\frac{h}{2}}\cdot\sin(x+\frac{h}{2}).$$

Дар $h\to 0$ будан; $\sin(x+\frac{h}{2})\to\sin x$ исбот кардан мумкин.

Пас, $(\cos x)' = -\sin x$.

3) аз қоидаи 5- уми ёфтани ҳосила, инчунин аз ҷавобҳои қисми 1 ва 2 – и ҳамин мисол истифода бурда, ҳосилаи функсияи, $f(x)=\mathrm{tg}x=\frac{\sin x}{\cos x}$ -ро меёбем:

$$f'(x)=(\mathrm{tg}x)'=\left(\frac{\sin x}{\cos x}\right)'=\frac{(\sin x)'\cos x-\sin x(\cos x)'}{\cos^2 x}=$$

$$=\frac{\cos x\cos x-\sin x(-\sin x)}{\cos^2 x}=\frac{\cos^2 x+\sin^2 x}{\cos^2 x}=\frac{1}{\cos^2 x}.$$

Ҷавоб: 1) $(\sin x)' = \cos x$; 2) $(\cos x)' = -\sin x$; 3) $(\mathrm{tg}x)' = \dfrac{1}{\cos^2 x}$. ▲

Дар ҳисоб кардани ҳосила аз қоидаҳои дифференсиронӣ ва ҷадвали зерин истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

Ҷадвали ҳосилаҳо

№	*Функсияҳо*	*Ҳосилаҳо*
1.	c – доимӣ	0
2.	$kx+b$, k, b – доимиҳо	k
3.	x^p, p – доимӣ	px^{p-1}
4.	$\sin x$	$\cos x$
5.	$\cos x$	$-\sin x$
6.	$\mathrm{tg}x$	$\dfrac{1}{\cos^2 x}$
7.	$\mathrm{ctg}x$	$-\dfrac{1}{\sin^2 x}$
8.	a^x, $a>0$	$a^x \ln a$
9.	e^x	e^x
10.	$\ln x$	$1/x$
11.	$\lg x$	$\dfrac{1}{x \cdot \ln 10}$
12.	$\log_a x$, $a>0$, $a=1$	$\dfrac{1}{x \cdot \ln a}$

? Савол ва супоришҳо

1. Қоидаҳои ҳисоби ҳосиларо гӯед. Ба ҳар як қоида мисол оред.
2. Бандҳои 4, 5 – и ҷадвали ҳосилаҳоро исбот намоед.
3. Ҳосилаи функсия дар нуқтаи $x=x_0$ чисту функсияи ҳосилавӣ чӣ маъно дорад? Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Бо мисолҳо фаҳмонед..

Машқҳо

Ҳосиларо ёбед (**20–22**):

20. 1) $y = x^4$; 2) $y = \frac{1}{x^2}$; 3) $y = \frac{1}{x^3}$.

21. 1) $y = x^4 - x^2 + x$; 2) $y = \frac{1}{x} + x$; 3) $y = x^3 + \sqrt[3]{x}$;

4) $y = x^4 + x^3 + x^2 - x - \frac{1}{x} - \frac{1}{x^2}$.

22. 1) $y = (x-1)(x^2-5)$; 2) $y = \frac{x^2-4}{x-2}$;

3) $y = (x^4 - \sqrt{x})(x^2 + x)$; 4) $y = \frac{\sqrt{x}+1}{x-1}$.

23. Дар ҷисми додашуда суръати вақт t_0 -ро ҳисоб кунед:

1) $s(t) = t^3 - 2t^2 + t$; $t_0 = 5$; 2) $s(t) = 5t + t^3 + \sqrt{t}$, $t_0 = 4$.

24. Ҳосилаи функсияи дар нуқтаи абсисса додашударо ҳисоб кунед:

1) $f(x) = x^2 + 5x - 3$, $x_0 = 1$;

2) $f(x) = 4 - 3x$, $x_0 = -2$;

3) $f(x) = 2\sqrt{x} + x^3 + \frac{1}{2}$, $x_0 = 4$;

4) $f(x) = x^2 + \lg 2$, $x_0 = 1$.

Ҳосиларо ёбед (**25–29**):

25. 1) $y = 2x^3 - 4x^2 + 5$; 3) $y = \frac{4}{x} + \frac{x}{4}$;

2) $y = 7x^2 - 2x + \sqrt{7}$; 4) $y = x^2 + \frac{1}{x^2}$.

26. 1) $y = (x-2)(x+2)$; 3) $y = \frac{x^2-9}{x-3}$;

2) $y = (x+2)^3$; 4) $y = x^2 + \lg 7 + \sin\frac{\pi}{9}$.

27. 1) $y = x^8 + 7x^2 + 5x$; 2) $y = 2x^8 + x^6$;

3) $y = \frac{x^4}{x^6 - 1}$; 4) $y = \frac{x^2 + x + 1}{x^3 - 1}$;

5) $y = x^{-2} + \frac{1}{x}$; 6) $y = x^4 - 4x$;

7) $y = \sqrt[5]{x^4} + \sqrt[3]{x^2}$; 8) $y = (x^5 + x^{-5})(x^2 + x^{-2})$.

28. 1) $f(x)=x^5+5x^4+4x^3+3x^2+2x+1$; 2) $f(x)=\sin^2 x+\cos^2 x$;

3) $f(x)=\dfrac{x}{\cos x}$; 4) $f(x)=\mathrm{tg}x$; 5) $y=8^x$;

6) $y=\log_2 x+\log_2 3$; 7) $y=2^x x$; 8) $y=x\ln x$;

9) $y=e^x\cos x$; 10) $y=2e^x-\ln x+\dfrac{1}{x}$.

29. 1) $y=2^x\sin x$; 2) $y=e^x(\cos x+\sin x)$; 3) $y=x\mathrm{tg}x$;

4) $y=\dfrac{\ln x}{x}$; 5) $y=3\sin^2 x$; 6) $y=5x+\sqrt{x}+\sqrt[3]{x}$;

7) $y=(x+1)(\ln x+1)$; 8) $y=(2+x)^3$; 9) $y=(3x+5)^6+2019$.

30. Суръати ҷисмро дар вақти додашудаи t_0 ёбед:

1) $s(t)=t^2+5t+1,\quad t_0=1$; 2) $s(t)=4t^3+\dfrac{1}{t}+1,\quad t_0=1$.

31. Ҳосилаи функсияро дар нуқтаи додашуда ёбед:

1) $f(x)=(x+1)^3,\quad x_0=-1$; 2) $f(x)=\sin x,\quad x_0=\dfrac{\pi}{2}$.

32. Ҳосиларо ёбед:

1) $y=2\sin x$; 2) $y=\sqrt{3}-\mathrm{tg}x$; 3) $y=-3\cos x$; 4) $y=\mathrm{tg}x-\mathrm{ctg}x$;

5) $y=4x-\cos x$; 6) $y=x^2\sin x$; 7) $y=\dfrac{x}{\sin x}$; 8) $y=x\sin x+\cos x$.

33. Ҳосилаи дар нуқтаи x_0 будаи функсияро ҳисоб кунед:

1) $f(x)=\dfrac{2x+1}{3x-5},\quad x_0=2$; 2) $f(x)=\mathrm{tg}x-x+2,\quad x_0=\dfrac{\pi}{4}$;

3) $f(x)=x(\lg x-1),\quad x_0=10$; 4) $f(x)=\mathrm{tg}x-\dfrac{1}{2}\ln x,\quad x_0=\dfrac{\pi}{4}$.

34. Нуқтаи бо сифр табдилдиҳандаи ҳосиларо ёбед:

1) $f(x)=x^4-4x$; 2) $f(x)=\mathrm{tg}x-x$;

3) $f(x)=x^8-2x^4+3$; 4) $f(x)=\log_2 x-\dfrac{x}{\ln 2}$.

10–12 ҲОСИЛАИ ФУНКСИЯИ МУРАККАБ

Функсияи мураккаб. Функсия $y=(x^2+3x)^4$ -ро аз назар мегузаронем. Агар мо нишондиҳандаи $g(x)=x^2+3x$, $f(x)=x^4$ дохил намоем, функсияи $y=(x^2+3x)^4$ шакли $y=f(g(x))$ - ро мегирад. Мо функсияи $y=f(g(x))$-ро *функсияи мураккаб* мегӯем.

Мисоли 1. Агар $f(x)=x^2$ ва $g(x)=\dfrac{x-2}{x+3}$ бошад, инҳоро ёбед:

1) $f(g(2))$; 2) $f(g(-4))$; 3) $g(f(1))$;
4) $f((-4))$; 5) $f(f(1))$ 6) $g(g(-1))$.

△ Аз функсияҳои додашуда истифода бурда ҳисобҳоро иҷро мекунем:

1) $f(g(x))=f\left(\dfrac{x-2}{x-3}\right)$, аз он $f(g(2))=f\left(\dfrac{2-2}{2+3}\right)=f(0)=0^2=0$;

2) $f(g(-4))=f\left(\dfrac{-4-2}{-4+3}\right)=f(6)=6^2=36$;

3) $g(f(1))=g(1^2)=g(1)=\dfrac{1-2}{1+3}=-\dfrac{1}{4}$;

4) $g(f(-4))=g((-4)^2)=g(16)=\dfrac{16-2}{16+3}=\dfrac{14}{19}$;

5) $f(f(1))=f(1^2)=f(1)=1^2=1$;

6) $g(g(-1))=g\left(\dfrac{-1-2}{-1+3}\right)=g\left(-\dfrac{3}{2}\right)=\dfrac{-\dfrac{3}{2}-2}{-\dfrac{3}{2}+3}=\dfrac{-3,5}{1,5}=-\dfrac{7}{3}$.

Ҷавоб: 1) 0; 2) 36; 3) $-\dfrac{1}{4}$; 4) $\dfrac{14}{19}$; 5) 1; 6) $-\dfrac{7}{3}$. ▲

Барои функсияи мураккаби ҳосила формулаи зерин бамаврид аст:

$$(f(g(x)))'=f'(g(x))\cdot g'(x) \qquad (1)$$

Мисоли 2. Ҳосилаи функсияро ёбед (k, b – ададҳои тағйирнаёбанда):

1) $f(x) = (kx + b)^n$; 2) $f(x) = \sin(kx + b)$;

3) $f(x) = \cos(kx + b)$; 4) $f(x) = \mathrm{tg}(kx + b)$.

∆ 1) ба функсияҳои 1) $f(t) = t^n$ ва $t(x) = kx + b$ формулаи (1) -ро истифода мебарем:

$$((kx+b)^n)' = (t^n)' \cdot (kx+b)' = nt^{n-1} \cdot k = n \cdot k \cdot (kx + b)^{n-1}.$$

2) ба функсияҳои $f(t)=\sin t$ ва $t(x) = kx+b$ формулаи (1) -ро истифода мебарем:

$$(\sin(kx+b))' = (\sin t)' \cdot (kx+b)' = k \cdot \cos t = k \cdot \cos(kx + b).$$

3) ба функсияҳои $f(t) = \cos t$ ва $t(x) = kx + b$ формулаи (1)-ро истифода мебарем:

$$(\cos(kx+b))'=(\cos t)' \cdot (kx+b)'=-k \cdot \sin t=-k \cdot \sin(kx+b).$$

4) *ба функсияҳои* $f(t) = \mathrm{tg} t$ ва $t(x) = kx+b$ формулаи (1)-ро истифода мебарем:

$$(\mathrm{tg}(kx + b))' = (\mathrm{tg} t)' \cdot (kx + b)' = \frac{1}{\cos^2 t} \cdot k = \frac{k}{\cos^2(kx+b)}.$$

Ҷавоб: 1) $((kx + b)^n)' = n \cdot k \cdot (kx + b)^{n-1}$; 2) $(\sin(kx + b))' = k \cdot \cos(kx+b)$;

3) $(\cos(kx+b)'=-k \cdot \sin(kx+b)$; 4) $(\mathrm{tg}(kx+b)'= \frac{k}{\cos^2(kx+b)}$. ▲

Мисоли 3. Ҳосилаи *функсияи* $f(x) = \sin 8x \cdot e^{(3x+2)}$- ро ёбед.

△ Мувофиқи қоидаи 4- уми ҳосилаёбӣ ва формулаи (1) -ро истифода бурда, ҳосиларо меёбем:

$$f'(x) = (\sin 8x e^{(3x+2)})' = (\sin 8x)' e^{3x+2} + \sin 8x \cdot (e^{3x+2})' = \cos 8x e^{3x+2} \cdot (8x)' +$$
$$+ \sin 8x e^{3x+2} \cdot (3x+2)' = e^{3x+2} \cdot (8\cos 8x + 3\sin 8x).$$

Ҷавоб: $e^{3x+2} \cdot (8\cos 8x + 3\sin 8x)$. ▲

Мисоли 4. Ҳосилаи функсияи $h(x) = (x^3 + 1)^5$ - ро дар нуқтаи $x_0=1$ ёбед.

△ **Аз** формулаи (1) истифода бурда ҳосиларо ҳисоб мекунем:

$h'(x)=5(x^3+1)^4(x^3+1)'=5(x^3+1)^4 3x^2=15x^2(x^3+1)^4$.

Ин тавр бошад, $h'(1) = 15(1^3+1)^4 \cdot 1^2 = 15 \cdot 16 = 240$. *Ҷавоб*: 240. ▲

Мисоли 5. Ҳосилаи функсияи $f(x) = 2^{\cos x}$- ро ёбед.

∆ **Аз** формулаи (1) истифода бурда ҳосиларо ҳисоб мекунем:

$f'(x)=2^{\cos x}\ln 2\,(\cos x)' = -\sin x\, 2^{\cos x}\ln 2$. *Ҷавоб*: $-\sin x\, 2^{\cos x}\ln 2$. ▲

Мисоли 6. Ҳосилаи функсияи $f(x)=\mathrm{tg}^5 x$ -ро ёбед.

△ Аз формулаи (1) истифода бурда ҳосиларо ҳисоб мекунем:

$$f'(x)=5\,\mathrm{tg}^4 x(\mathrm{tg}\,x)' = 5\mathrm{tg}^4 x\frac{1}{\cos^2 x}. \qquad \text{\textit{Ҷавоб}}: \frac{5\mathrm{tg}^4 x}{\cos^2 x}. \ ▲$$

Мисоли 7 . Ҳосилаи функсияи $h(x)=3^{\cos x}\cdot\log_7(x^3+2x)$-ро ёбед.

△ Ишораҳои $f(x)=3^{\cos x}$ ва $g(x)=\log_7(x^3+2x)$ дохил намуда, формулаи ёфтани ҳосилаи функсияи мураккаби формулаи (1) – ро истифода мебарем:

$$f'(x)=(3^{\cos x})'=3^{\cos x}\ln 3\cdot(\cos x)'=-3^{\cos x}\ln 3\cdot\sin x,$$

$$g'(x)=(\log_7(x^3+2x))'=\frac{1}{(x^3+2x)\ln 7}\cdot(x^3+2x)'=\frac{3x^2+2}{(x^3+2x)\ln 7}$$

инчунин функсияи $h(x)$ -ро афзуншавии 2 функсия меҳисобем:

$$h'(x) = (3^{\cos x}\cdot\log_7(x^3+2x))' = (3^{\cos x})'\cdot\log_7(x^3+2x) +$$

$$+ 3^{\cos x}\cdot(\log_7(x^3+2x))' = -3^{\cos x}\cdot\ln 3\cdot\sin x\cdot\log_7(x^3+2x)+\frac{3^{\cos x}(3x^2+2)}{(x^3+2x)\ln 7}.$$

Ҷавоб: $-3^{\cos x}\cdot\ln 3\cdot\sin x\cdot\log_7(x^3+2x)+\dfrac{3^{\cos x}(3x^2+2)}{(x^3+2x)\ln 7}$. ▲

? Савол ва супоришҳо

1. Чаро функсияи мураккаб мегӯянд? Мисол оред.
2. Соҳаи муайяни функсияи мураккаб чӣ хел ёфта мешавад?
3. Формулаи ёфтани функсияи мураккабро навишта метавонед?
4. Ёфтани ҳосилаи функсияи мураккабро бо як–ду мисол нишон диҳед.

Машқҳо

35. Агар $f(x)=x^2-1$ бошад, функсияҳои нишондодашударо ёбед:

1) $f(\frac{1}{x})$; 2) $f(2x)$; 3) $f(x^2-1)$; 4) $f(x+1)-f(x-1)$.

36. Агар $f(x)=\frac{x+1}{x-1}$ бошад, функсияҳои нишондодашударо ёбед:

1) $f(\frac{1}{x})$; 2) $f(\frac{1}{x^2})$; 3) $f(x-1)$; 4) $f(x+1)$.

37. Агар $f(x)=x^2$, $g(x)=x-1$ бошад, инҳоро ёбед:

1) $f(g(x))$; 2) $f(f(x))$; 3) $g(g(x))$; 4) $g(f(x))$.

38. Агар $f(x)=x^3$, $g(x)=x^2+1$ бошад, инҳоро ёбед:

1) $\frac{f(x^2)}{g(x)-1}$; 2) $f(x)+3g(x)+3x-2$;

3) $f(g(x))$; 4) $g(f(x))$.

Аз баробарӣ истифода бурда, $f(x)$ ро ёбед (**39–42**):

39. $f(x+1)=x^2-1$. **40*.** $f(x)+3\cdot f(\frac{1}{x})=\frac{1}{x}$.

41. $f(x+3)=x^2-4$. **42*.** $2f(x)+f(\frac{1}{x})=x$.

Ҳосила代ро ёбед (**43–44**):

43. 1) $f(x)=(3x-2)^5$; 2) $f(x)=e^{\sin x}$; 3) $f(x)=(4-3x)^7$;

4) $f(x)=\sin^2 x$; 5) $f(x)=\frac{1}{(2x+9)^3}$; 6) $f(x)=\ln(4x-1)$;

7) $f(x)=\sqrt{4x-5}$; 8) $f(x)=(2x-1)^{10}$; 9) $f(x)=\cos^8 x$.

44*. 1) $e^{\sin x}\cdot \mathrm{tg}\frac{1}{x}$; 2) $3^{\mathrm{ctg}x}\cdot\log_a\cos x$; 3) $\ln\cos x$;

4) $(x^2-5x+4)^3\cdot 10^{\mathrm{tg}x}$; 5) $7^{\log 3x}\cdot(x^3-2x+1)^3$; 6) $3^{\cos x}\cdot(x^2-8x+4)^2$;

7) $\mathrm{ctg}x\cdot\ln(x^2+x)$; 8) $x^2\cos^{30}x+4$; 9) $5\ln x\cdot\mathrm{ctg}x$.

13–14 РАСАНДАИ АЗ ГРАФИКИ ФУНКСИЯ ГУЗАРОНИДА ВА МУОДИЛАҲОИ НОРМАЛӢ

Муодилаи расанда. Аз графики функсияи $y = f(x)$ муодилаи расандаи аз нуқтаи $(x_0; f(x_0))$ гузарандаро меёбем (расми 19). Барои он ки расанда хати рост аст, намуди умумии он $y = kx + b$ мешавад. Мувофиқи маънои геометрии ҳосила $k = \operatorname{tg}\alpha = f'(x_0)$, яъне муодилаи расанда намуди $y = f'(x_0)x + b$-ро мегирад. Барои он ки ин расанда аз нуқтаи $(x_0; f(x_0))$ гузаштааст, $f(x_0) = f'(x_0)x_0 + b$ мешавад, аз он $b = f(x_0) - f'(x_0)x_0$. Дар ин ҷо b – и ёфтаамонро ба муодилаи расанда гузошта, муодилаи,

$$y = f'(x_0)x + f(x_0) - f'(x_0)x_0 \quad \text{ёки}$$

$$y - f(x_0) = f'(x_0)(x - x_0) \qquad (1)$$

-ро ҳосил мекунем.

Муодилаи $y - f(x_0) = f'(x_0)(x - x_0)$ дар нуқтаи $(x_0; f(x_0))$ муодилаи расандаи аз функсияи $y = f(x)$ гузаронида мешавад.



Расми 19.

Мисоли 1. Муодилаи расандаи аз графики функсияи $f(x) = x^2 - 5x$ нуқтаи абсиссаи $x_0 = 2$ гузаронидаро нависед.

▲ Аввал қимати функсия ва ҳосилаи аз функсия гирифтаро дар нуқтаи $x_0 = 2$ меёбем:

$$f(x_0) = f(2) = 2^2 - 5\cdot 2 = -6, \quad f'(x) = 2x - 5, \quad f'(2) = 2\cdot 2 - 5 = -1.$$

Ёфтаамонро ба баробарӣ (1) гузошта, муодилаи расандаро ҳосил мекунем:

$y - (-6) = -1\cdot(x - 2)$ ёки $y = -x - 4$. *Ҷавоб:* $y = -x - 4$. ▲

Мисоли 2. Муодилаи расандаи графики функсияи $f(x)=x^3-2x^2$ –ро дар нуқтаи абсиссаи $x_0=1$ гузарандаро нависед.

△ Аввал қимати функсия ва ҳосилаи аз функсия гирифтаро дар нуқтаи $x_0=1$ -ро меёбем:

$$f(x_0)=f(1)=1^3-2\cdot 1^2=-1, \qquad f'(x)=3x^2-4x, \qquad f'(1)=3\cdot 1^2-4\cdot 1=-1.$$

Ёфтаамонро ба баробарӣ (1) гузошта, муодилаи расандаро ҳосил мекунем:

$y-(-1)=-1(x-1)$ ёки $y=-x$. *Ҷавоб:* $y=-x$. ▲

Агар расандаи аз графики функсия $y=f(x)$ нуқтаи абсиссаи x_0 гузаранда ба хати рости $y=kx+b$ параллел бошад, $f'(x_0)=k$ мегардад. Мувофиқи ин шарт расандаи бо хати рост параллели функсияи додашуда ёфта мешавад.

Мисоли 3. Барои функсияи $f(x)=x^2-3x+4$ муодилаи расандаи ба хати рост пареллели $y=2x-1$-ро нависед.

△ Мувофиқи шарти паралелии хати рост ба расандаи додашуда, муодилаи $f'(x_0)=2$ ёки $2x_0-3=2$ ҳосил мекунем. Ин баробарӣ барои он ки $x_0=2{,}5$ аст абсиссаи расанда аз нуқтаи $x_0=2{,}5$ буда мегузарад. Ҳисобнамоиро ичро менамоем:

$$f(x_0)=f(2{,}5)=2{,}5^2-3\cdot 2{,}5+4=6{,}25-7{,}5+4=2{,}75$$
$$f'(x_0)=f(2{,}5)=2.$$

Акнун муодилаи расандаро меёбем:

$$y-2{,}75=2(x-2{,}5) \quad \text{ёки} \quad y=2x-2{,}25.$$

Ҷавоб: $y=2x-2{,}25$. ▲

Мисоли 4. Муодилаи расандаи аз графики функсияи $f(x)=x^3-2x^2+3x-2$ нуқтаи абсиссаи $x_0=4$ гузарандаро созед ва бо расанда аз тири Ox кунҷи равиши мусбат ташкилкардаи синусро ёбед.

△ Аввал қимати функсия ва ҳосилаи аз функсия гирифтаро дар нуқтаи $x_0=4$ меёбем:

$$f(x_0)=f(4)=3\cdot 4^3-2\cdot 4^2+3\cdot 4-2=170, \quad f'(x)=3x^2-4x+3,$$
$$f'(4)=3\cdot 4^2-4\cdot 4+3=35.$$

Ёфтаамонро ба баробарӣ (1) гузошта, муодилаи расандаро ҳосил мекунем:

$y-170=35(x-4)$ ёки $y=35x+30$.

Мувофиқи маънои геометрии ҳосила $\text{tg}\alpha=35$, аз ин

$$\sin\alpha=\frac{1}{\sqrt{1+\mathrm{ctg}^2\alpha}}=\frac{1}{\sqrt{1+\frac{1}{\mathrm{tg}^2\alpha}}}=\frac{\mathrm{tg}\alpha}{\sqrt{1+\mathrm{tg}^2\alpha}}=\frac{35}{\sqrt{1+35^2}}=\frac{35}{\sqrt{1226}}.$$

Ҷавоб: $y=35x+30$; $\sin\alpha=\frac{35}{\sqrt{1226}}$. ▲

Мисоли 5*. Параболаи $f(x)=x^2$ абсциссааш x_0 буда, расандаи аз нуқтаи A гузаранда дар нуқтаи $\frac{1}{2}x_0$ тири Ox –ро бурида мегузарад. Ин даъворо исбот намоед.

△ $f'(x)=2x$, $f(x_0)=x_0^2$, $f'(x_0)=2x_0$.

Муодилаи расанда мувофиқи (1) $y=2x_0\cdot x-x_0^2$ мешавад. Бо тири Ox нуқтаи буриш будани $\left(\frac{x_0}{2};0\right)$ маълум аст. Аз параболаи $y=x^2$ абсиссааш x_0 буда, дар нуқтаи A тарзи сохтани расандаи гузаронидашуда пайдо мешавад: Тавассути нуқтаи A ва нуқтаи $\left(\frac{x_0}{2};0\right)$ хати рости гузаронидаи $y=x^2$ ба параболаи нуқтаи A мерасад.

Муодилаи нормалӣ. Ба графики функсияи $y=f(x)$ ба расандаи дар нуқтаи абсиссаи $x=x_0$ гузаронидашуда дар нуқтаи $x=x_0$ перпендикулияр буда

$$y-f(x_0)=-\frac{1}{f'(x_0)}(x-x_0) \qquad (2)$$

ба хати рости графики функсияи $y=f(x)$ дар нуқтаи абсиссадори x_0 гузаронидашуда нормал гуфта мешавад (расми 19).

Мисоли 6. Дар графики функсия $f(x)=x^5$ муодилаи нормалии аз нуқтаи абсиссадори $x_0=1$ гузарандаро созед.

△ Мувофиқи формулаи ҳосила $f'(x)=5x^4$ мешавад. Қимати функсия ва ҳосилаи онро дар нуқтаи $x_0=1$ ҳисоб намоед:

$f(1)=1^5=1$ ва $f'(1)=5\cdot1^4=5$. Ин қиматҳои мусоидро ба муодилаи нормалӣ мегузорем ва муодилаи $y-1=-\frac{1}{5}(x-1)$ ёки $y=-\frac{1}{5}x+\frac{6}{5}$ ҳосил мекунем.

Ҷавоб: $y=-\frac{1}{5}x+\frac{6}{5}$. ▲

Ёдрас: Муодилаи расандаи аз графики фунсияи $f(x)=x^5$ нуқтаи абсиссадори $x_0=1$ гузаронидашуда $y=5x-4$ мешавад (исбот намоед!). Зарби кунҷи коэффитсиенти нормал ва расанда $5\cdot(-\frac{1}{5})=-1$ буданашро ба эътибор гиред.

Савол ва супоришҳо

1. Муодилаи расандаи аз графики функсияи $y=f(x)$ дар нуқтаи абсиссаи x_0 гузаронидаро нависед.
2. Муодилаи нормалии ба графики функсияи $y=f(x)$ дар нуқтаи абсиссаи x_0 гузаронидаро нависед.
3. Расандаи функсияи додашуда ба ягон хати рост пареллелбуда чӣ хел ёфта мешавад? Бо мисол фаҳмонед.

Машқҳо

45. Муодилаи расандаи дар нуқтаи абсиссаи ба графики функсияи $x_0=1$; $x_0=-2$; $x_0=0$ гузаронидаро ёбед:

1) $f(x)=2x^2-5x+1$; 2) $f(x)=3x-4$; 3) $f(x)=6$;
4) $f(x)=x^3-4x$; 5) $f(x)=e^x$; 6) $f(x)=2^x$;
7) $f(x)=2^x+\ln 2$; 8) $f(x)=\sin x$; 9) $f(x)=\cos x$;
10) $f(x)=\cos x-\sin x$; 11) $f(x)=e^x x$; 12) $f(x)=x\cdot\sin x$.

46. Муодилаи расандаи ба хати рост параллелбударо барои функсияи $y=7x-1$ нависед:

1) $f(x)=x^3-2x^2+6$; 2) $f(x)=4x^2-5x+3$; 3) $f(x)=8x-4$.

47. Нуқтаҳои бо функсияҳои расандаи додашудаи $f(x)$ ва $g(x)$ параллелбударо ёбед:

1) $f(x)=3x^2-5x+4$, $g(x)=4x-5$;
2) $f(x)=8x+9$, $g(x)=-5x+8$;
3) $f(x)=7x+11$, $g(x)=7x-9$;
4) $f(x)=x^3-8$, $g(x)=x^2+5$;
5) $f(x)=x^3+x^2$, $g(x)=5x-7$;
6) $f(x)=x^4+11$, $g(x)=x^3+10$.

48. Муодилаи нормали дар нуқтаи абсиссаи графики функсияи

а) $x_0 = 1$; b) $x_0 = -2$; d) $x_0 = 0$ бударо ёбед:

1) $f(x)=3x^2-5x+1$; 2) $f(x)=3x-40$; 3) $f(x)=7$;

4) $f(x)=x^3-10x$; 5) $f(x)=e^x$; 6) $f(x)=12^x$;

7) $f(x)=\sin x$; 8) $f(x)=\cos x$; 9) $f(x)=\cos x-\sin x$;

10) $f(x)=e^{\pi x}$; 11) $f(x)=x\cdot\cos x$; 12) $f(x)=x\cdot\sin x$.

!

Намунаи кори назоратӣ

Варианти I

1) Барои функсияи $f(x)=x^3+2x^2-5x+3$ агар $x_0=2$ ва $\Delta x=0{,}1$ бошад, нисбати аргументи афзуншандаро аз функсияи афзуншаванда ёбед.

2) Ҳосилаи функсияи $f(x)=-8x^2+4x+1$-ро дар нуқтаи $x_0=-3$ ҳисоб намоед.

3) Муодилаи расандаро ба графики функсияи $f(x)=x^3-7x^2+8x-5$ дар нуқтаи абссиссадори $x_0=-4$ нависед.

4) Ҷисм бо қонунияти $s(t)=8t^2-5t+6$ дар ҳаракат аст. Агар t – сония, s – бо метрҳо ҳисоб карда шавад, суръати лаҳзавии нуқтаро дар $t_0=8$ сония ёбед.

5) 5. Ҳосилаи зарбро ёбед: $(3x^2-5x+4)\cdot e^x$.

Варианти II

1) Ҳосилаи тақсимро ёбед: $\dfrac{x^2-5x+6}{x+1}$.

2) Ҳосилаи функсия мураккабро ёбед: $\mathrm{ctg}^{15}x$.

3) Ҳосилаи функсияи $f(x)=\sqrt{x\sqrt{x}}$ дар нуқтаи $x_0 = \dfrac{1}{16}$. ҳисоб кунед.

4) Муодилаи расандаро ба графики функсияи $f(x)=l_n(x+1)$ дар нуқтаи $x = 0$ гузаронидаро нависед.

5) Ҷисм бо қонунияти $s(t) = 0{,}5t^2 - 6t+1$ дар ҳаракат аст, суръати лаҳзавии нуқтаро дар $t_0 = 16$ сония ёбед (t – бо сония, s – бо метрҳо ҳисоб мешавад).

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

49. Функсияи $y=f(x)$ дода шудааст, h ва Δy -ро мувофиқи нуқтаҳои x_0 ва x ҳисоб кунед:

1) $f(x)=4x^2-3x+2$, $x_0=1$, $x=1{,}01$; 2) $f(x)=(x+1)^3$, $x_0=0$, $x=0{,}1$.

50. Барои функсияи додашуда агар $x_0=3$ ва $\Delta x=0{,}03$ бошад, : а) афзоиши функсияро; б) афзоиши функсияро нисбати афзоиши аргумент ёбед:

1) $f(x)=7x-5$; 2) $f(x)=2x^2-3x$; 3) $f(x)=x^3+2$; 4) $f(x)=x^3+4x$.

51. Барои функсияҳои додашуда $x_0=2$ ва $\Delta x=0{,}01$ бошад: а) квадрати функсияро; б) афзоиши функсияро нисбати афзоиши аргумент ёбед:

1) $f(x)=-4x+3$; 2) $f(x)=-8$; 3) $f(x)=x^2+10x$; 4) $f(x)=x^3-10$.

52. $x\to 0$ бошад, ба кадом адад майл мекунад:

1) $f(x)=x^3-2x^2+3x+4$; 2) $f(x)=x^5-6x^4+8x-7$;

3) $f(x)=(x^2-5x+1)(x^3-7x^2-11x+6)$;

4) $f(x)=\dfrac{x^2-x-19}{x^2+7x-28}$; 5) $f(x)=\dfrac{x^3-8x}{x^3+x^2+x+1}$?

53. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $y=17x$; 2) $y=29x-3$; 3) $y=-15$; 4) $y=16x^2-3x$;

5) $y=-5x+40$; 6) $y=18x-x^2$; 7) $y=x^2+15x$;

8) $y=16x^3+5x^2-2x+14$; 9) $y=3x^3+2x^2+x$.

54. Ҳосилаи функсияро дар нуқтаҳои: а) $x=-3$; б) $x=1{,}1$; с) $x=0{,}4$; д) $x=-0{,}2$ ҳисоб кунед:

1) $y=15x$; 2) $y=9x+3$; 3) $y=-20$; 4) $y=5x^2+x$;

5) $y=-8x+4$; 6) $y=8x-x^2$; 7) $y=x^2+25x$; 8) $y=x^3+5x^2-2x+4$.

55. Ҳосилаи функсияи $y=f(x)$ мувофиқи таъриф ёбед :

1) $f(x)=2x^2+3x+5$; 3*) $f(x)=\dfrac{x+1}{x}$;

2) $f(x)=(x+2)^3$; 4*) $f(x)=\dfrac{x^2+1}{x}$.

56. Ҳосилаи функсияи $y=f(x)$ -ро дар нуқтаи x_0 ёбед:

1) $f(x)=4x^3+3x^2+2x+1$, $x_0=1$;   2) $f(x)=\frac{1}{3}x^3+\sin 22°$, $x_0=-1$;

3) $f(x)=(2x+1)(\sqrt{x}-1)$, $x_0=4$;   4) $f(x)=\frac{x^3-1}{x^2+1}$, $x_0=-3$

57. Ҷисм бо қонунияти $s(t)=\frac{4}{3}t^3-t+5$ дар ҳаракат аст (s бо метр, t – бо сония). Суръати ҷисмро дар 2 сония ёбед.

58. Ҳосилаи функсияро ёбед:

1) $y=\frac{1}{\sqrt{x}}+2\sqrt{x}$;   2) $y=\sqrt[3]{x}+2x^3$;

3*) $y=\sqrt[5]{x}+x\cdot \mathrm{tg}x-\log_3 x$;   4) $y=(2x+3)^3$;

5*) $y=x\cdot \ln x\cdot (x+1)$;   6) $y=(x+\sqrt{x})(\sqrt{x}-2)$;

7) $y=\frac{x+2}{\sin x}$;   8) $y=10^x+\log_2 5+\cos 15°$;

9) $y=3^{-x}\cdot \sin x$;   10*) $y=\mathrm{tg}x\cdot \cos x+7^x\cdot x^7$;

11) $f(x)=\frac{1}{4}x^4-8x^2+3$;   12) $f(x)=\frac{\sqrt{2}}{2}x-\sin x+5$;

13) $f(x)=x^{10}-80x$;   14) $f(x)=8x-\frac{2^x}{\ln 2}$.

59. Қимати ҳосилаи функсияро дар нуқтаи x_0 ҳисоб кунед:

1) $f(x)=\frac{1}{\cos x}$, $x_0=0$;   2) $f(x)=(x^2+3x)\ln x$, $x_0=1$;

3) $f(x)=\frac{\mathrm{arctg}x}{1+x^2}$, $x_0=1$;   4) $f(x)=e^x(x-\ln 2)$, $x_0=\ln 2$.

60*. Нобаробарии $f'(x)>0$ -ро ҳал кунед:

1) $f(x)=x\cdot \ln 27-3^x$;   2) $f(x)=\sin x-2x$;

61. Ҷисм бо қонунияти $s(t)=\frac{1}{3}t^3-\frac{3}{2}t^2+2t$ дар ҳаракат аст.

Суръати ҷисм кай ба сифр(нол) баробар мешавад? Маънои ин чист?

62. Ҳосиларо ёбед: 1) $y=x^5-x^4+x$; | 2) $y=\frac{1}{x^2}-x$; | 3) $y=x^4+\sqrt[5]{x}$.

63. Суръати ҷисмро дар вақти t_0 ёбед:

1) $x(t)=t^4-2t^3+t$, $t_0=-5$; 2) $x(t)=-5t+t^2-\sqrt{t}$, $t_0=4$.

Ҳосиларо ёбед (**64–66**):

64. 1) $y=(x+2)(x^2-5x)$; | 2) $y=\frac{x^2-3x}{x+8}$; 3) $y=(x^4+\sqrt{x})(x^3-5x)$;

4) $y=2x^3+4x^2+5x$; 5) $y=\frac{14}{x}-\frac{x}{14}$; 6) $y=7x^2+12x+\sqrt{2019}$.

65*. 1) $y=\frac{x^8}{x^{10}-1}$; 2) $y=\frac{x^3+x+1}{x^5+7}$; 3) $y=(x^{10}+x^{-10})(x^8+x^{-8})$.

66*. 1) $y=\frac{3^x\cdot\sin x}{\cos x}$; 2) $y=e^{5x}(\cos x-\sin x)$;

3) $y=x\mathrm{ctg}x$; 4) $y=\frac{\ln x}{x^2}$.

67*. Ҳосиларо дар нуқтаи x_0 ҳисоб кунед:

1) $f(x)=\frac{5x+1}{13x-5}$, $x_0=-2$; 2) $f(x)=\mathrm{ctg}x-2x+2$, $x_0=\frac{-\pi}{4}$;

3) $f(x)=x^2(\lg x-1)$, $x_0=1$; 4) $f(x)=\mathrm{ctg}x-\frac{1}{20}\ln x$, $x_0=1$.

68*. Ҳосилаи функсияи мураккабро ёбед:

1) $x^2\cdot\sin x$; 2) $\log_{15}\cos x$; 3) $\ln\mathrm{ctg}x$;

4) $\mathrm{tg}^{35}x$; 5) $e^{\mathrm{ctg}x}$; 6) $23^{\cos x}$;

7) $35^{\sin x}$; 8) $(x^2-10x+7)\ln\cos x$;

9) $\frac{x^5-6x+4}{e^x}$; 10) $e^{-3x}(x^4-3x^2+2)$; 11) $\ln\mathrm{tg}x$;

12) $\frac{x^3+7x+1}{e^{2x}}$; 13) $e^{5x}(x^5+8x+11)$; 14) $\ln\cos 2x$.

18–21 БО ЁРИИ ҲОСИЛА САНҶИДАНИ ФУНКСИЯ ВА СОХТАНИ ГРАФИКҲО

Афзоиш ва камшавии функсия. Бо функсияҳои афзуншаванда ва камшаванда шинос ҳастед. Акнун борои муайян намудани фосилаи зиёдшавӣ ва камшавӣ аз мафҳуми ҳосила истифода мебарем.

Теоремаи 1. Функсияи $y = f(x)$ дар фосилаи $(a; b)$ муайян гардида ва ҳосилааш мавҷуд бошад. Агар $x \in (a; b)$ барои $f'(x) > 0$ бошад, функсияи $y = f(x)$ дар фосилаи $(a; b)$ функсияи афзоянда мешавад (расми 20).

Теоремаи 2. Функсияи $y = f(x)$ дар фосилаи $(a; b)$ муайян гардида ва ҳосилааш мавҷуд бошад. Агар $x \in (a; b)$ барои $f'(x) < 0$ бошад, функсияи $y = f(x)$ дар фосилаи $(a; b)$ функсияи камшаванда мешавад (расми 21).



Расми 20.



Расми 21.

Теоремаҳои 1, 2- ро беисбот қабул мекунем.

Мисоли 1. Фосилаи камшавӣ ва зиёдшавии функсияро ёбед:

$$f(x) = 2x^3 - 3x^2 - 12x + 3.$$

Δ Ин функсия дар фосилаи $(-\infty; +\infty)$ муайян шудааст. Ҳосилаи он:

$$f'(x) = 6x^2 - 6x - 12 = 6(x-2)(x+1).$$

$f'(x) > 0$, $f'(x) < 0$ нобаробариҳоро бо усули фосилавӣ ҳал кунед $(-\infty; -1)$ ва дар фосилаи $(2; +\infty)$ афзоиши функсия инчунин дар фосилаи $(-1; 2)$ камшавии функсияро дониста мегирем.

Бигӯем, дар фазо нуқтаҳои A ва A_1 ва хати рости l дода шуда бошад. Агар l ба хати рости фаромадаи AK ва A_1K перпендикулярҳои баробар ва байни худ кунҷи φ ташкил намояд, дар ин ҳолат *l нисбати хати рост ба кунҷи φ дар натиҷаи гардиш* нуқтаи A ба нуқта A_1 гузашт мегӯянд (расми 55).

57



Агар дар фазо ҳар як нуқтаи додашудаи шакли F -ро нисбатан ба хати рости l ба кунҷи φ гардонем, шакли нави F_1 ҳосил мешавад. Дар ин ҷо шакли F нисбат ба хати рости l ба кунҷи φ чарх занад ба шакли F_1 гузашт мегӯянд. Дар расми 56 шаклҳои аз чунин чархзанӣ пайдошуда нишон дода шудааст.

Масалан, куби дар расми 57 тасвиршударо ба хати рости l нисбатан ба кунҷи 180° чарх занонида куби навро ҳосил мекунем.

Гардиш нисбати хати рост ҳам ҳаракат мешавад.

Гардиши хати рост нисбати l дар кунҷи 180° *l нисбати хати рост симметрия* номида мешавад.

Ҳамворӣ, тир ва маркази симметрияи шаклро *элементҳои симметрияи он* номида мешавад.

Дар нуқтаи $A(x;\ y;\ z)$ ҳамвориҳои координата, тирҳои координата ва нуқтаҳои симметрӣ нисбати ибтидои координата ба координатаҳои зерин соҳиб мешавад:

Элементи симметрия	**Координатаҳои нуқтаи симметрӣ**
Ҳамвории Oxy	$(x;\ y;\ -z)$
Ҳамвории Oxz	$(x;\ -y;\ z)$
Ҳамвории Oyz	$(-x;\ y;\ z)$

Тири Ox	$(x; -y; -z)$
Тири Oy	$(-x; y; -z)$
Тири Oz	$(-x; -y; z)$
Тири O	$(-x; -y; -z)$

3.6. Симметрия дар табиат ва техника

58



Дар табиат симметрияро дар ҳар қадам рӯ ба рӯ шудан мумкин. Масалан, аксари мавҷудоти ҷондор, хусусан, сохти инсон ва ҳайвон, барги набототот ва гулҳо симметрӣ сохта шудааст (расми 58).Чунин, унсурҳои беҷони табиат ҳам ҳастанд; масалан, заррахои барф, кристалҳои намак, сохти молекулиярии моддаҳо ҳам аз шаклҳои аҷоиби симметрӣ иборат аст. Албатта, ин беҷиз нест, чунки шаклҳои симметрӣ дар баробари зебо будан, ба кадом маъное аз ҳама мукаммал ва мақбул ба ҳисоб мераванд. Чунин бошад, гуфта метавонем, ки ҳусн ва мукаммалии табиат дар асоси симметрия бунёд шудааст. Эҷодкороне ҳамчун муҳандис, меъмор ва бунёдкор аз ин зебоӣ ва мукаммалии табиат андоза гирифта, биною иншоот, дастгоҳу механизмҳо, воситаҳои техникӣ ва нақлиёти бунёднамудаи зиёди онҳо ҳам симметрӣ офарида шудааст. Дар ин кор ёрдами фанни геометрия ба онҳо беқиёс аст.

3.7. Монандии шаклҳои фазовӣ

Дар фазо $k \neq 0$ ва шакли F_1 -ро ба шакли F_2 ивазкунии акснамоӣ дода шуда бошад. Дар ин акснамоӣ шакли F_1 -ро дар нуқтаҳои ихтиёрии X_1 ва X_2 ва шакли акснамудаи онҳо F_2 барои нуқтаҳои Y_1 ва Y_2 $X_1Y_1 = k \cdot X_2Y_2$ бошад, ин ивазнамоӣ *ивазнамоии монандӣ* номида мешавад (расми 59).

59



60

Дида истодаем, ки фаҳмиши ивазнамоии монанд дар фазо ҳамчун дар ҳамворӣ дароварда мешавад. Инчунин, таърифи навъҳои қатори зерини он, хосиятҳо ва исботи онҳо ҳам ба хосиятҳои ҳамворӣ монанд аст. Аз ин боис, ба исботи ин хосиятҳо намеистем ва мустақилона иҷро намудани онро тавсия медиҳем.

Ивазнамоии монандӣ дар фазо хати ростро ба хати рост, нурро ба нур, порчаро ба порча ва кунҷро ба кунҷ инъикос мекунонад. Ҳамчунин, ин ивазнамоӣ ҳамвориро ҳам ба ҳамворӣ инъикос мекунонад.

Яке аз ду шаклҳои дар фазо додашуда, ба дуюмаш бо воситаи ивазнамоии монандӣ инъикос ёбад, онҳоро *шаклҳои монанд* меноманд.қонеъкунанда ба нуқтаи X_1 ивазкунандаи инъикоскунанда нисбати нуқтаи *O гомотетияи коэффитсиентдори k* меноманд (расми 61). Нуқтаи *O маркази гомотетия*, адади k бошад *коэффитсиенти гомотетия* меноманд.

Ҳар як нуқтаи шакли F бо ҳамин усул инъикос ёбад, дар натиҷа шакли F_1 ҳосил мешавад ва дар ин *гомотетия шакли F ба шакли F_1 инъикосёфта* меноманд.

Мебинем, ки таърифи гомотетия дар фазо ба ҳамворӣ буда қариб як хел аст. Инчунин, як қатор хосиятҳои он ҳам ҳаст, ки онҳо ва исботи Дар фазо шакли F, нуқтаи O ва фарқи k дар адади сифр $(k \neq 0)$ дода шуда бошад. Шакли F -ро нуқтаи ихтиёрии X шарти $\overline{OX_1} = k\,\overline{OX}$

-ро онҳо ҳам ба ҳамворибуда монанд аст. Аз ин сабаб, ба исботи ин хосиятҳо намеистем ва мустақил иҷро намудани онро тавсия медиҳем.

61



62 а) б)



Нисбати нуқтаи O гомотетияи коэффитсиентдори k ивазнамоии монандӣ аст.

Коэффитсиенти гомотетияи k аз ноли ихтиёрӣ адади фарққунанда буда, дар $k=1$ шакли F худаш ба худаш инъикос меёбад, дар $k=-1$ бошад, шакли F ба нуқтаи O ба шакли нисбатан симметрии F_1 инъикос мешавад. Дар ҳолатҳои дигар гомотетия масофаҳои мобайни нуқтаҳоро нигоҳ намедорад, яъне он ҳаракат намешавад. Дар натиҷаи гомотетия масофаи байни нуқтаҳо як хел ҷониби адади k меафзояд, яъне андозаҳои шакл дигар мешавад, лекин шакли он дигар намешавад.

Дар гомотетияи аз маркази он нагузаранда а) хати рост - параллел ба хати рост (расми 62.а); б) ҳамворӣ бошад ба ҳамвории ба он параллел инъикос мешавад (расми 62.б).

Дар гомотетия хати рости аз маркази гомотетия гузаранда, ёки ҳамворӣ худ ба худ инъикос мешавад.

Масъалаҳо оиди мавзӯъ ва супоришҳои амалӣ

83. Дар кӯчиши параллелии атрофи вектори $\overline{p}=(-2;\ 1;\ 4)$ нуқтаи а) (3; –2; 3); б) (0; 2; –3); с) (2; –5; 0) ба кадом нуқта мекӯчад?

84. Дар кӯчиши параллелӣ нуқтаи A(4; 2; –8) ба нуқтаи (3; 7; –5) мекӯчад. Кӯчиши паралелӣ атрофи кадом вектор амалӣ мешавад?

85. Дар параллелкӯчонӣ : а) хати рост ба хати рост; б) нур ба нур; с) ҳамворӣ ба ҳамворӣ; д) порча ба порчаи ба он баробар кӯчиданро исбот намоед.

86. Ба нуқтаи нисбатан симметрияи марказибудаи O (–2; 3; –1) нуқтаи A (4; 2; –3) аз кадом нуқта мегузарад?

87. Дар шаклҳои дар расми 63 тасвиршуда маркази симметрия будани нуқтаи O - ро асоснок намоед.

88. Нуқтаҳои нисбати ибтидои координата дар симметрияи марказибудаи (–2; 5; –9), (2; 2; –7), (–6; 12; –2) аз кадом нуқтаҳо мегузарад?

89*. Ҳаракат будани маркази симметрияро исбот намоед.

63 а) б) с) д)



90*. Нисбати ҳамворӣ дар ҳаракат будани симметрияро исбот кунед.

91. Нуқтаи буриши диагонали параллелепипед (расми 50) нисбат ба *O* маркази симметришакл буданашро исбот намоед.

92. Нуқтаҳои (1; 2; –3), (0; 2; –3), (2; 2; –3) ба ҳамвориҳои координата нисбатан дар симметриябуда ба кадом нуқтаҳо мегузарад?

93. Нуқтаи (2; 4; –1) ҳангоми инъикоси координатаи ҳамвории нисбатан симметрӣ ба нуқтаи (2; –4; –1) гузашт. Инъикоснамоӣ нисбати кадом координатаи ҳамворӣ ба амал бароварда шуд?

94. Дар асоси намунаи 1 катакчаҳои холии дар ҷадвали зерин бударо пур кунед.

№	Нуқтаи додашуда	Нуқтаи симметрӣ	Ба чӣ нисбатан симметрӣ?
1	(1; 2; 3)	(1; 2; –3)	нисбати ҳамвории *Oxy*
2	(2; 4; –1)		нисбати ҳамвории *Oxz*
3		(1; 2; 3)	ҳамворӣ *Oyz*
4	(–1; –2; –3)	(–1; 2; 3)	
5	(–1; 6; 3)		тири *Oy*
6		(–3; 8; –2)	тири *Oz*
7	(4; 1; –2)		нуқтаи *O*

95. Шаклҳои дар расми 49 тасвирёфта ба нуқтаи *O* маркази симметрӣ буданашро асоснок намоед.

96*. Ҳаракат будани гардиш нисбат ба хати ростро нишон диҳед.

97. Нисбат ба нуқтаи *O* ивазкунандаи монандӣ будани гомотетияи коэффитсиенти k -ро нишон диҳед.

98. Нисбати ҳамвории *Oxy дар* симметрияии ихтиёрӣ аз нуқтаи $(x; y; z)$ ба нуқтаи $(x; y; -z)$ гузаштанро нишон диҳед.

99. Нисбати ҳамвории *Oxy дар* симметрияии ихтиёрӣ аз нуқтаи $(x; y; z)$ ба нуқтаи $(x; -y; z)$ гузаштанро нишон диҳед.

100. Дар параллелкӯчонӣ нуқтаи (1; 2; –1) ба нуқтаи (1; –1; 0) гузашт. Ибтидои координата дар ин ивазнамоӣ аз кадом нуқта мегузарад?

101. Дар параллелкӯчонӣ нуқтаи (3; 4; –1) ба нуқтаи (2; –4; 1) гузашт. Дар ин ивазнамоӣ ибтидои координата ба кадом нуқта мегузарад?

102*. Аз нуқтаи $A(2; 1; 0)$ ба нуқтаи B $(1; 0; 1)$ аз нуқтаи C $(3; –2; 1)$ ба нуқтаи D $(2; –3; 0)$ кӯчиши параллел гузарандан имконпазир аст?

103*. Аз нуқтаи A $(–2; 3; 5)$ ба нуқтаи B $(1; 2; 4)$ аз нуқтаи C $(4; –3; 6)$ ба нуқтаи D $(7;–2;5)$ кӯчиши параллел гузарондан имконпазир аст?

104. Муайян кунед, ки объектҳои ҷондору беҷони дар расми 58 тасвиршуда ба сифати ҷисми фазоӣ чӣ гуна шакли симметриро соҳибанд? Маркази симметрӣ, тири симметрӣ ва ҳамвориҳои симметрии онҳоро (агар мавҷуд бошад) кашида нишон диҳед.

105. Аз лӯхтакчаҳои якхелаи дар расми 60 тасвиршуда, нисбат ба лӯхтаки аз ҳама бузург коэффитсентҳои монандиро муайян кунед.

106. Дарозии қуллаи тетраэдри мунтазам ба 12 см баробар. Қуллаи тетраэдри гомотетики коэффитсиентдори тетраэдри: а) 3; б) –4; с) $\frac{1}{2}$; д) $-\frac{1}{3}$; буда, ба чӣ баробар аст?

107. Секунҷаи ихтиёрии ABC –ро кашед ва ягон нуқтаи O-ро ишора кунед. Дар гомотетияи секунҷаи ABC секунҷаи марказаш аз нуқтаи O гузаранда ва коэффитсиенташ ба: а) 2; б) –3; с) $-\frac{1}{2}$; д) $\frac{1}{4}$ баробар бударо созед.

108. Тетраэдри ихтиёрии $SABC$ кашед. Тетраэдри дар гомотетияи тетраэдри $SABC$ -и марказаш аз нуқтаи S ва коэффитсиенташ ба: а) 1,5; б) –2; с) $\frac{1}{2}$; д) $\frac{1}{4}$ баробарбударо созед.

109. Куби ихтиёрӣ кашед. Шакли фазовии геометрии дар гомотетияи ин куб, ки марказаш дар ягон қуллаи куб ва коэффитсиенташ ба: а) 2; б) –2; с) $\frac{1}{2}$; д) $-\frac{1}{2}$ баробарбударо созед.

110. Нуқтаи координатаҳои марказаш аз ибтидои координата гузаранда ва коэффитсиенташ ба: а) 2,5; б) –2,5; с) $\frac{1}{4}$; д) $\frac{1}{4}$ баробарбударо дар гомотетияи нуқтаи $A(–2; 3; 5)$ ёбед.

111. Координатаҳои нуқтаи аз маркази нуқтаи $O(–1;2;2)$ ва коэффитсиенташ ба: а) 0,5; б) –2; с) $\frac{1}{4}$; д) $-\frac{1}{4}$ баробарбуда дар гомотетияи нуқтаи $A(2; 4; 0)$ гузарандаро ёбед.

112. Дар нуқтаҳои қуллаҳояш $O(0; 0; 0)$, $A(4; 0; 0)$, $B(0; 4; 0)$, $C(0; 0; 4)$ буда тетраэдри: а) марказаш дар нуқтаи O, коэффитсиенташ ба 1 баробар; б) марказаш дар нуқтаи A, коэффитсиенташ ба 2 баробарбударо дар қуллаи координатаҳои тетраэдри аз гомотетия гузаранда ёбед.

113*. Дар гомотетия инъикоси аз маркази он нагузарандаи: а) хати рости ба хати рости ба худ параллел, б) ҳамвории ба ҳамвории ба худ параллелро нишон диҳед.

114*. Дар гомотетия ба ҳам инъикосшавии хати рост ёки ҳамворӣ аз маркази он гузарандаро нишон диҳед.

МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА ТАКРОРИ БОБИ 4

4.1. Санҷиши тестии 1

1. Нуқтаҳои $A(x_1;\ y_1;\ z_1)$ ва $B(x_2;\ y_2;\ z_2)$ дода шудааст. z_2-z_1 чиро мефаҳмонад?

А) AB координатаи миёнаи порчаро; Б) AB дарозии порчаро;
С) $\overline{AB}$ дарозии векторро; Д) $\overline{AB}$ яке аз координатаҳои векторро.

2. Дар расми 64 $AB\perp\alpha$, $a\subset\alpha$, $AO=OB$ бошад,

А) нуқтаҳои A ва B ба нуқтаи O нисбатан симмерӣ мешавад;
Б) нуқтаҳои A ва B ба хати рости a нисбатан симметрӣ мешавад;
С) нуқтаҳои A ва B ба ҳамвории α нисбатан симметрӣ мешавад;
Д) порчаи AB ба хати рости a нисбатан симметрӣ мешавад;

64


65


66


3. Дар расми 65 нуқтаи B дар ҳамвории AOC намехобад. Дар он векторҳои OA, $\overline{OB}$ ва $\overline{OC}$ …

А) коллинеар; Б) компланар;
С) самти якхела; Д) компланар нестанд.

4. Нуқтаҳои $M(-7;\ 1;\ 4)$ ва $N(-1;\ -3;\ 0)$ дода шудааст. Координатаҳои буриши миёнаи MN ёбед.

А) $(-4; -1; 4)$; Б) $(-4; -1;2)$; С) $(-4; -2; 2)$; Д) $(-3; 2; 2)$.

5. Нуқтаҳои $A(0; -3; 2)$ ва $B(4; 0; -2)$ дода шудааст. Миёнаи порчаи AB ба чӣ дахл дорад?

А) ба тири Ox ; Б) ба тири Oy; С) ба тири Oz; Д)ба ҳамвории Oxy.

6. Масофаи аз нуқтаи $A(3; 4; -3)$ то тири Oz бударо ёбед.

А) 3; Б) 5; С) $2\sqrt{3}$; Д) $\sqrt{34}$.

7. Ҷамъи векторҳои $\overline{CD}+\overline{DE}+\overline{EF}$ - ро ёбед.

А) $\overline{O}$; Б) $\overline{CF}$; С) $\overline{DF}$; Д) $\overline{CE}$.

8. Дар кадом қимати $м$ векторҳои $\overline{a}(м; 4; -3)$ ва $\overline{b}(4; 8; -6)$ коллинеар мешавад? А) 2; Б) 5; С) 1; Д) 3.

9. Нуқтаи O дар ҳамвории α намехобад. Дар гомотетияи марказаш нуқтаи O буда, ҳамвории α аз ҳамвории фарққунандаи β мегузарад. Агар хати рост a ба ҳамвории α дахлдор бошад, …

А) $\alpha \parallel \beta$ мешавад; Б) ҳамвории α бо ҳамвории β бурида мешавад;
С) $a\subset\beta$ мешавад; Д) $\alpha\perp\beta$ мешавад.

10. Хати рости AB ба ҳамвории BCD перпендикуляр аст. Зарби скалярии кадом векторҳо ба нол баробар мешавад?

А) $\overline{CA}$ ва $\overline{CB}$; Б) $\overline{BD}$ ва $\overline{AD}$; С) $\overline{AC}$ ва $\overline{BC}$; Д) $\overline{AB}$ ва $\overline{CD}$.

11. Куби қуллааш ба 1 баробарбудаи $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дода шудааст (расми 66). $(\overline{AB}+\overline{BC})\cdot\overline{BB}$ -ро ёбед.

А) 1; Б) 0; С) –1; Д) 0,5.

12. Дар кадом қимати p кунҷи байни векторҳои $\overline{a}(1; 1; 0)$ ва $\overline{b}(0; 4; p)$ ба 60° баробар мешавад?

А) 4; Б) 4 ёки –4; С) 16; Д) 16 ёки –16.

13. Куби $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дода шудааст. Дар параллелкӯчонӣ порчаи A_1D ба порчаи D_1C мегузарад. Дар ин кӯчидан ҳамвории AA_1B_1 ба кадом ҳамворӣ мегузарад?

А) DB_1B; Б) DCC_1; С) AA_1C_1; Д) ABC.

14. Ҳамвории α ба секунҷаи дар он нахобандаи ABC ҳамвории симметрӣ аст. Кадом тасдиқ дуруст?

А) $(ABC)\perp\alpha$; Б) ABC секунҷаи баробарпаҳлӯ;

С) секунҷаи ABC симметрияи марказӣ дорад;

Д) секунҷаи ABC тири симметрия дорад.

15. Куби $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дода шудааст. $\overline{A_1B_1}+\overline{BC}-\overline{DD_1}$ -ро ёбед.

А) $\overline{A_1C}$; Б) $\overline{BD_1}$; с) $\overline{B_1D}$; Д) $\overline{AC_1}$.

16. Кадом ивазнамоии геометрӣ ду хати шикастаи яке аз хатҳои ростро ба дигараш мегузаронад?

А) кӯчиши параллел; Б) нисбати ҳамворӣ симметрӣ;

С) чархзанӣ; Д) гомотетия.

17. Ба нуқтаи $M(-1; 2; -4)$ аз ҳамвории Oyz нуқтаи нисбатан симметрӣ бударо ёбед. А) (1; –2; 4); Б) (1; 2; –4); С) (–1; –2; –4); D) (–1; 2; 4).

18. Дар параллелкӯчонӣ вектори $\overline{AB}$ аз вектори $\overline{DC}$ мегузарад. Кадом тасдиқ нодуруст аст?

А) $\overline{AB}=\overline{DC}$; Б) миёнаи порчаи AC ва BD рӯ бу рӯ меафтад;

С) $\overline{AB}, \overline{AC}$ ва $\overline{DC}$ векторҳои компланар; Д) $ABCD$ параллелограмм.

19. Нуқтаи В(–3; 2; –5) аз ҳамвории Oyz дар кадом масофа хобидааст?

А) 2; Б) 5; С) 3; Д) $\sqrt{34}$.

20. Нуқтаҳои А(1; –2; 0), В(1;–4; 2) С(3; 2; 0) теғаҳои секунҷаи ABC. Дарозии медианаи CM –ро ёбед.

А) $2\sqrt{3}$; Б) $3\sqrt{2}$; С) $\sqrt{6}$; Д) 18.

21. Агар векторҳои коллинеар бошад m+n -ро ёбед.

А) 3; Б) 5; С) –4; Д) 9.

22. Нуқтаҳои А(–1; –9; –3) ва В(0;–2; 1) дода шудааст. Векторро мувофиқи векторҳои координата (ортҳо) паҳн намоед.

A) $(\overline{BA}) = \overline{i} + 9\overline{j} - \overline{k}$; B) $(\overline{BA}) = \overline{i} - 9\overline{j} + \overline{k}$;
C) $(\overline{BA}) = -\overline{i} - 9\overline{j} - 4\overline{k}$; D) $(\overline{BA}) = \overline{i} + 9\overline{j} - 4\overline{k}$.

23. Нуқтаҳои ва дода шудааст. Кунҷи байни векторҳои АС ва *BD* –ро ёбед.

A) 150°; B) 30°; C) 45°; D) 90°.

24. $|\overline{a}| = 6$, $|\overline{a}+\overline{b}| = 11$, $|\overline{a}-\overline{b}| = 7$ буданаш маълум бошад, $|\overline{b}|$ ро ёбед.

А) 11; Б) 18; С) 20; Д) 7;

25. Трапетсияи А*BCD* асосҳояш *BC* ва *AD* дода шудааст. Агар $\overline{AB}(-7;4;5)$, $\overline{AC}(3;\ 2;\ -1)$, $\overline{AD}(20;\ -4;\ -12)$, *M* ва *N*- ба таври мувофиқ *AB ва CD* миёни тарафҳо бошад, суммаи координатаҳои вектори $\overline{MN}$ ро ёбед.

А) 1; Б) 2; С) 3; Д) 4;

4.2. Масъалаҳо

115. Координатаҳои буриши миёнаи қуллаҳо дар нуқтаҳои *A*(1; –2; 4) ва *B*(3; –4; 2) бударо ёбед.

116. Нуқтаи *A*(*x*; 0; 0) ба нуқтаҳои *B*(1; 2; 3) ва *C*(–1; 3; 4) дар дурии баробар маълум бошад, *x* -ро ёбед.

117. Агар нӯги як порча дар нуқтаи *A*(1; –5; 4), миёнааш дар нуқтаи *C*(4; –2; 3) бошад, координатаҳои нӯги дуюми он чӣ гуна мешавад?

118. Нуқтаи нисбати ҳамвории *Oxz* симмерӣ будаи нуқтаи *A*(1; 2; 3) -ро ёбед.

119. Нуқтаи нисбати ибтидои координатаҳо ба нуқтаи *A*(1; 2; 3) симметрия бударо ёбед.

120. Нуқтаи ба ҳамвории *Oxy* дар нуқтаи (1; 2; 3) нисбатан симметрӣ бударо ёбед.

121. Нуқтаи ба тири *Oy* дар нуқтаи (2; –3; 5) нисбатан симметриро ёбед.

122. Кадоме аз нуқтаҳои додашуда дар ҳамвории *Oyz* мехобад?
A(2; –3; 0); *B*(2; 0; –5); *C*(1; 0; – 4); *D*(0; 9; –7); *E*(1; 0; 0).

123. Кадоме аз нуқтаҳои додашуда дар ҳамвории *Oyz* мехобад?
A(– 4; 3; 0); *B*(0; –7; 0); *C*(2; 0; –8); *D*(2; –4; 6); *E*(0; – 4; 5)?

124. Масофаи аз нуқтаи $A(-3;\ 8;\ 3\sqrt{33})$ то тири *Ox* бударо ёбед.

125. Нуқтаҳои *A*(3; –2; 5) ва *B*(–4; 5; –2) дода шудааст. Координатаҳои вектори $\overline{AB}$ -ро ёбед.

126. Интиҳои вектори $\overline{a}(1;\ -2;\ 3)$ нуқтаи *B*(2; 0; 4) бошад, ибтидои ин векторро ёбед.

127. Нуқтаи *B*(0; 4; 2) охири вектори $\overline{a}(2;\ -3;\ 1)$ бошад, координатаҳои ибтидои ин векторро ёбед.

128. Дарозии вектори $\overline{a}(x;\ 1;\ 2)$ ба 3 баробар. Қиммати *x* -ро ёбед.

129. Модули вектори $\overline{a}(4;\ -12;\ z)$ ба13 баробар. Қиммати *z* -ро ёбед.

130. Агар $\overline{a}(6;\ 2;\ 1)$ ва $\overline{b}(0;\ -1;\ 2)$ бошад, дарозии вектори $\overline{c}=2\overline{a}-\overline{b}$ -ро ёбед.

131. Агар $\overline{p}(2;\ 5;\ -1)$ ва $\overline{q}(-2;\ 2)$ бошад, дарозии вектори $\overline{м}=4\overline{p}+2\overline{q}$ -ро ёбед.

132. Афзоиши скалярии векторҳои $\overline{a}(2;\ -3;\ 4)$ ва $\overline{b}(-2;\ -3;\ 1)$ -ро ёбед.

133. Афзоиши скалярии векторҳои $\overline{м}(-1;\ 5;\ 3)$ ва $\overline{n}(2;\ -2;\ 4)$ -ро ёбед.

134. Дар кадом қиммати *м* векторҳои $\overline{a}(1;\ м;\ -2)$ ва $\overline{b}(м;\ 3;\ -4)$ перпендикуляр мешаванд?

135. Дар кадом қиммати *n* векторҳои $\overline{a}(n;\ -2;\ 1)$ ва $\overline{b}(n;\ n;\ 1)$ перпендикуляр мешаванд?

136. Дар кадом қиммати *м* векторҳои $\overline{a}=м\overline{i}+3\overline{j}+4\overline{k}$ ва $\overline{b}=4\overline{i}+м\overline{j}-7\overline{k}$ перпендикуляр мешаванд?

137. Нуқтаҳои $A(1;\ -2;\ 2)$, $B(1;\ 4;\ 0)$, $C(-4;\ 1;\ 1)$ ва $D(-5;\ -5;\ 3)$ дода шудааст.Кунҷи байни векторҳои $\overline{AC}$ ва $\overline{BD}$ -ро ёбед.

138. Дар кадом қиммати *n* векторҳои $\overline{a}(2;\ n;\ 6)$ ва $\overline{b}(1;\ 2;\ 3)$ коллинеар мешаванд?

139. Дар кадом қиммати *м* векторҳои $\overline{a}(2;\ 3;-4)$ ва $\overline{b}(м;-6;\ 8)$ параллел мешаванд?

140. Дар кадом қиммати *м* ва *n* векторҳои $\overline{a}(-1;\ м;\ 2)$ ва $\overline{b}(-2;\ -4;\ n)$ коллинеар мешаванд?

141. Нуқтаҳои $A(2;\ 7;\ -3)$ ва $B(-6;\ -2;\ 1)$ дода шудааст. Вектори $\overline{BA}$ -ро мувофиқи координатаҳои векторҳо (ортҳо) кушоед.

4.3. Намунаи кори назоратии 1

1. Нисбат ба ҳамвории *Oxy* нуқтаи ба нуқтаи (1; 2; 3) симметрӣ бударо ёбед.
2. Агар $\overline{a}(6;\ 2;\ 1)$ ва $\overline{b}(0;\ -1;\ 2)$ бошад, дарозии вектори $\overline{c}=2\overline{a}-\overline{b}$ -ро ёбед.
3. Нуқтаҳои $A(2;-1;0)$ ва $B(-2;3;2)$ дода шудааст. Масофаи ибтидои координата то мобайни порчаи AB -ро ёбед
4. Нуқтаҳои $A(1;\ -2;\ 2)$, $B(1;\ 4;\ 0)$, $C(-4;\ 1;\ 1)$ ва $D(-5;\ -5;\ 3)$ дода шудааст. Кунҷи байни векторҳои $\overline{AC}$ ва $\overline{BD}$ –ро ёбед.
5. *(Масъалаи иловагӣ барои донишомӯзони хуб аз бар карда).* Дарозии секунҷаи қуллаҳояш дар нуқтаҳои $A(4;\ 5;\ 1)$, $B(2;\ 3;\ 0)$ ва $C(2;\ 1;\ -1)$ будаи медианааш BD – ро ёбед.



БОБИ II. ПРИЗМА ВА СИЛИНДР

5. КУНҶҲОИ БИСЁРРӮЯ ВА БИСЁРРӮЯҲО

5.1. Кунҷҳои бисёррӯя

Дар синфи 10 бо кунҷи дурӯя шинос шуда будем.

Ду нимҳамвории (рӯяҳояш) α ва β ва шакли геометрии онҳоро аз хати рости (теғааш) умумии AB иборат иҳотанамуда кунҷи дурӯя номида мешавад (расми 1) ва ба тарзи (α β) ишора мешавад.

1



2



Аз нуқтаи ихтиёрии P - и теғаи кунҷи дурӯяи дар рӯяҳо хобидаи он ва аз ин теға нурҳои перпендикуляри PR ва PQ мебарорем. Кунҷи дурӯяи ∠QPR – ро секунҷаи хатдор номида мешавад (расми 2).

Кунҷи дурӯя мисли кунҷҳои ҳамвор ба рӯйихати кунҷи хатдор нигоҳ карда, тез, кунд, рост ва каҷ мешавад (расми 3). Монанди кунҷҳои ҳамвор ду кунҷи дурӯя ҳамсоя ва вертикалӣ буданаш мумкин (расми 4).

3

а)



б)



с)



4

а)



б)



5



Нимҳамвории кунҷи дурӯяро ба ду баробар тақсимкунанда, *биссектори* он номида мешавад (расми 5).

Масъалаи 1. Кунҷи хатдори ба 60° баробар будаи кунҷи дурӯяи дар рӯяҳояш аз нуқтаҳои A ва B (расми 6) ба теғаи он перпендикуляри AA_1 ва BB_1 фароварда шудааст. Агар $AA_1 = 12$, $BB_1 = 10$ ва $A_1B_1 = 13$ бошад, порчаи AB ро ёбед.

6



Ҳал. Хатҳои рости $BB_1||CA_1$ ва $A_1B_1||CB$ -ро мегузаронем. Чоркунҷаи параллелограми A_1B_1BC ҳосил мешавад. Хати рости A_1B_1 ба ҳамвории секунҷаи A_1AC перпендикуляр мешавад, чунки он ба ду хати рости дар ҳамворӣ хобидаи A_1A ва A_1C перпендикуляр аст. Он вақт хати рости BC ҳам ба ин ҳамворӣ перпендикуляр мешавад.

Яъне,секунҷаи ABC секунҷаи росткунҷа будааст.

Мувофиқи теоремаи косинус:

$$AC^2 = AA_1^2 + A_1C^2 - 2AA_1 \cdot A_1C \cdot \cos\alpha = 12^2 + 10^2 - 2 \cdot 12 \cdot 10 \cdot \cos 60^{\circ} = 124.$$

Мувофиқи теоремаи Пифагор: $AB = \sqrt{AC^2 + BC^2} = \sqrt{124 + 169} = \sqrt{293}$

Ҷавоб: $AB = \sqrt{293}$. □

7



8



9



Дар фазо нурҳои аз як нуқта барояндаи a, b ва c се кунҷи ҳамвори (ab), (bc) ва (ac)–ро ташкил мекунад (расми 7). Ин шакли (abc)–и аз кунҷҳои ҳамвор ташкилёфтаро кунҷи серӯя меноманд. Кунҷҳои серӯяи кунҷҳои ҳамворро рӯяҳо, кунҷҳои бисёррӯяи онҳоро теғаҳо, қуллаи умумии кунҷи серӯяро бошад қулла меноманд. Кунҷҳои дурӯяи аз рӯяҳои кунҷи серӯя ташкилёфта кунҷҳои дурӯяи кунҷи серӯя номида мешавад.

Се кунҷи ҳамвори кунҷи серӯя (ab), (bc) ва (ac) ро кунҷҳои ҳамвор ҳам меноманд.

Кунҷҳои ҳамвори кунҷи серӯяро ба таври мувофиқ, α, β, γ гӯён ишора намоем (расми 8), барои онҳо нобаробарии секунҷа бамаврид аст, яъне аз ду суммаи дар ихтиёри онҳо монда хурд мешавад: $\alpha+\beta<\gamma$,

$\alpha+\gamma<\beta$, $\beta+\gamma<\alpha$ ва суммаи кунҷҳои ҳамвор аз 360° хурд мешавад: $\alpha+\beta+\gamma<360^{\circ}$.

Мафҳуми кунҷи бисёррӯя ҳам чунин дароварда мешавад (расми 9).

5.2. Бисёррӯяҳо

Эътибор дода бошед, то ин вақт ба сифати шакли фазоӣ хосиятҳои як қатор ҷисмҳо, хусусан бисёррӯяҳоро омӯхтем. Ин шаклҳои фазоиро сабаби *ҷисм* номиданамон, онҳоро ба сифати ягон ҷисми моддии фазоро ишғолкарда ва қисми бо сатҳ иҳоташуда тасаввур карадан мумкин аст. Ин ҷо баъзи мафҳумҳои ба бисёррӯя дахлдорро ёдовар мешавем.

Бисёррӯя гуфта, ҷисми бо бисёркунҷаҳои ҳамвор иҳоташударо меноманд (расми 10).

10



11



Бисёррӯя дар як тарафи ихтиёрии ҳамвории хобидаи рӯя хобад, онро *бисёррӯяи барҷаста* меноманд. Дар расми 10 бисёррӯяи барҷаста, дар расми 11 бошад бисёррӯяҳои ғайрибарҷаста тасвир ёфтааст.

Шумораи рӯяҳои бисёррӯяҳои ихтиёрии барҷастаро бо P, шумораи қуллаҳояшро бо $Қ$ ва шумораи тегаҳояшро бо T ишора намоем. Барои бисёррӯяҳои ба мо маълум ҷадвали зеринро пурра мекунем:

	Номи бисёррӯя	Р	Қ	Т	
	Пирамидаи секунҷа	4	4	6	
	Пирамидаи чоркунҷа	5	5	8	
	Призмаи секунҷа	5	6	9	
	Призмаи чоркунҷа	6	8	12	
	Пирамидаи n- кунҷа	$n+1$	$n+1$	$2n$	
	Призмаи *n-* кунҷа	$n+2$	$2n$	$3n$	

Аз ҷадвал барои ҳар як бисёррӯя $P + Қ - T = 2$ буданашро ҳис намудан мумкин. Маълум мешавад, ки ин муносибат барои ҳамаи бисёррӯяҳои барҷаста дуруст будааст. Инро бори аввал соли 1752 математики швейтсариягӣ Леонард Эйлер муайян намуд.

Теоремаи Эйлер. Барои бисёррӯяи барҷастаи ихтиёрӣ: муносибати $Р + Қ - Т = 2$ бамаврид мешавад, дар ин ҷо $Р$ – рӯяҳои бисёррӯя, $Қ$ – қуллаҳояш, $Т$ – бошад шумораи теғаҳояш.

Барои исботи ин теорема намеистем. Аз он ҷунин натиҷаҳо бармеояд. Онҳоро бо истифода аз теоремаи Эйлер мустақилона исбот намоед.

Натиҷаи 1. Шумораи кунҷҳои бисёррӯяи ҳамвор аз шумораи теғаҳои он ду маротиба зиёд.

Натиҷаи 2. Шумораи кунҷҳои бисёррӯяи ҳамвор доимо ҷуфт мешавад.

Натиҷаи 3. Агар аз ҳар як қуллаи бисёркунҷа теғаҳои якхелаи адади k наздик шавад, муносибати $Қ \cdot k = 2Т$ бамаврид мешавад.

Натиҷаи 4. Агар тамоми рӯяҳои бисёррӯя аз кунҷҳои якхелаи n ташкил ёфта бошад, муносибати $Р = 2Т$ бамаврид мешавад.

Натиҷаи 5. Суммаи кунҷҳои бисёррӯяи ҳамвор ба $360°(Р - Т)$ баробар.

Рӯяҳояш аз бисёркунҷаҳои мунтазами ба ҳамдигар баробар иборат ва бисёррӯяи барҷастае, ки аз ҳар қуллаи он теғаҳои шумораашт якхела бароварда шудааст *бисёррӯяи мунтазам* номида мешавад.

Маълум мешавад, бисёррӯяҳои мунтазам панҷ хел мешудааст (инро мустақил санҷида бинед). Инҳоянд:

Шакл					
Ном ва талқини он	Тетраэдри мунтазам (чоррӯя)	Куб, гексаэдр (шашрӯя)	Октоэдр (ҳаштрӯя)	Додекаэдр (дувоздаҳ-рӯя)	Икосаэдр (бистрӯя)
Рӯяҳояш	секунҷаи мунтазам	чоркунҷаи мунтазам	секунҷаи мунтазам	панҷкунҷаи мунтазам	секунҷаи мунтазам
Шумораи рӯяҳояш	4	6	8	12	20
Шумораи теғаҳояш	6	12	12	30	30
Шумораи қуллаҳо	4	8	6	20	12
Шумораи теғаҳои аз ҳар як қулла бароmada	3	3	4	3	5

Маълумоти таърихӣ

Ҳамаи бисёррӯяҳои мунтазам дар Юнони қадим маълум буд. Китоби охирон – 13–уми машҳури Уқлидус (Евклид) "Ибтидо" ба бисёррӯяҳои мунтазам бахшида шудааст. Ин бисёррӯяҳоро аксар ҷисмҳои Платон ҳам меноманд. Олими бузурги Юнони қадим Платон (солҳои 427–347 -и пеш аз милод) баён мекунад, ки дар тасвири идеалистии олам ин чорто ҷисм ба чор унсур (элимент)-и олам монандӣ дорад: тетраэдр – оташ, гексаэдр – Замин, икосаэдр – об, октаэдр – ҳаво, бисёррӯяи панҷум – додекаэдр бошад нишони сохтори олам ("моҳияти панҷум") гуфта шудааст.

Дар асри XVIII ба назарияи бисёррӯяҳо Леонард Эйлер (1707–1783) саҳми босазо гузошт. Соли 1758 теорема ва исботи Эйлер дар бораи қуллаҳои бисёррӯяи барҷаста ва муносибати байни шумораи рӯяҳо ва тегаҳо эълонамуда, дунёи рангбаранги бисёррӯяҳоро ба тартиб овард ва ҷозибаи зебоии геометриро аз назари алгебравӣ баён намуд.

Масъалаҳо доир ба мавзӯъ ва супоришҳои амалӣ

142. Кунҷи миёнаи ҳамворӣ 47°. Ченаки градуси кунҷи дурӯяи аз буриши ин ҳамвориҳо ҳосилшударо ёбед.

143. Ченаки градуси кунҷи дурӯя ба 52° баробар. Ченаки градуси кунҷи дурӯяи ба ин кунҷ ҳамсоя ба чӣ баробар мешавад?

144. Кунҷи ҳамвори 100° будаи кунҷҳои мобайни хатҳои рости ба рӯяҳои кунҷи дурӯя перпендикулярро ёбед.

145. Ченаки градуси кунҷи дурӯяи байни биссекторҳои кунҷҳои дурӯяи ҳамсоя ба чӣ баробар?

146. Нуқтаи *A* дар бессектори кунҷи дурӯяи ченаки градусаш ба 60° буда хобидааст. Агар ин нуқта дар масофаи10 см дар теғаи кунҷи дурӯя хобида бошад, дар он масофаи рӯяҳои кунҷи дурӯяро ёбед.

147. Нуқтаи *A* ба як рӯяи кунҷи дурӯяи ченаки градусаш 30° дахлдор бошад, дар рӯяи дуюм дар масофаи 6 см хобидааст. Аз ин масофа то нуқтаи теғаи кунҷи дурӯяро ёбед.

148*. Нуқта *A* аз рӯяҳои кунҷи дурӯяи рост дар масофаи 3 дм ва 4 дм хобидааст. Масофаи аз ин нуқтаи кунҷи дурӯя то теғаи онро ёбед.

149*. Баробар будани тамоми кунҷҳои тетраэдри мунтазамро исбот намоед ва ченаки градуси онҳоро ёбед.

150. Кунҷи серӯяи кунҷҳояш ҳамвори: а) 30°; 60°; 20°; б) 45°; 80°; 130°; с) 30°; 60°; 20°; д) 20°; 60°; 70°; е) 76°; 34°; 110° вуҷуд дорад?

151*. Тамоми кунҷҳои дурӯяи барҷаста аз суммаи кунҷҳои ҳамвор 360° хурд буданашро исбот намоед.

152. Дар параллелепипеди кунҷи рост $AB=5$, $AD=4$ ва $AA_1=3$ бошад, кунҷи ABD_1 ро ёбед (расми 12).

12



13



14



153. Дар параллелопеди кунҷи рост $AB=4$, $AD=3$ ва $AA_1=5$ бошад, кунҷи DBD_1 ёбед (расми 13).

154. Кунҷи DBH -и куби дар расми 14 бударо ёбед.

155*. Бисёррӯяи барҷастаи n -то қулла дошта ба суммаи тамоми кунҷҳои ҳамвории $360°(n-2)$ баробар буданашро исбот намоед.

156*. Ду маротиба зиёд будани шумораи кунҷҳои ҳамвории бисёррӯя аз шумораи теғаҳои онро исбот намоед.

157*. Доим ҷуфт шудани шумораи кунҷҳои ҳамвори бисёррӯяро исбот намоед.

158*. Ба $360°(P-T)$ баробар будани суммаи кунҷҳои ҳамвори бисёррӯяро исбот намоед.

159. Дар кубҳои расми 15 бузургии кунҷҳои ҷудо нишондодашударо муайян кунед.

15



16



160*. Ба пашшаи дар сатҳи куби расмҳои 16: а) аз қуллаи A то қуллаи B; б)аз маркази рӯяи куб то маркази рӯяҳои муқобил роҳи аз ҳама наздикро нишон диҳед (нишондод: аз паҳншавии куб истифода баред).

161. Оё шакли фазовии дар расми 17 тасвирёфта, бисёррӯяи мунтазам мешавад? Сатҳи он аз чанд квадрат иборат аст? Он чанд қулла ва теға дорад?

162. Кадоме аз паҳнои дар расми 18 тасвирёфта ба октоэдр дахл дорад?

163. Бисёррӯяи ба дохили куб кашидашудаи дар расми 19 тасвирёфта: а) тетраэдри мунтазам; б) октаэдр буданашро асонок намоед.

17

18



19



20



164. Шумораи қулла, теға ва рӯяҳои бисёррӯяи дар расми 20 тасвиршударо муайян кунед, онҳоро ба баробарии Эйлер гузошта санҷед.

165. Аз ҳар як қуллаи бисёррӯяи барҷаста сетоӣ теға мебарояд. Агар шумораи теғаҳои ин бисёррӯя ба: а) 12; б) 15 баробар бошад, он чанд қулла ва рӯя дорад?

166*. Бисёррӯяи 3 то рӯя ва дар ҳар рӯяаш 13 тоӣ теғадошта мавҷуд аст?

167. Аз ҳар қуллаи бисёррӯяи барҷаста чортои теға мебарояд. Агар шумораи теғаҳои ин бисёррӯя ба12 баробар бошад, он чанд қулла ва рӯя дорад?

168. Шумораи қуллаҳо, теғаҳо ва рӯяҳои а) тетраэдри мунтазам; б) куб; с) октоэдр; д)додекаэдр; е) икосаэдрро ёбед ва барои ин бисёррӯяҳо бамаврид будани муодилаи Эйлерро санҷед.

169. Шумораи рӯяҳои бисёррӯяи мунтазамро ёбед, агар шумораи қуллаҳояш 8 то, шумораи теғаҳояш 12 то бошанд ва номи онҳоро муайян намоед.

170. Шумораи рӯяҳои бисёррӯяи мунтазамро ёбед, агар шумораи қуллаҳояш 6 то, шумораи теғаҳояш 12 то бошанд ва номи онҳоро муайян намоед.

21



171. Шумораи теғаҳои бисёррӯяро ёбед, агар шумораи қуллаҳояш 10 то, шумораи рӯяҳояш 7 то бошад.

172. Шумораи рӯяҳои бисёррӯяро ёбед, агар шумораи қуллаҳояш 14 то, шумораи теғаҳояш 21 то бошад.

173. Бисёркунҷаи расми 21 62 то рӯя ва 120 то қулла дорад, шумораи теғаҳои онро ёбед.

6. ПРИЗМА ВА САТҲИ ОН

6.1. Призма ва буриши он

Бо призмаҳо дар синфҳои поёнӣ шинос шуда будед. Ҳамин тавр бошад, ҳам доир ба онҳо баъзе мафҳум ва хосиятҳоро ёдовар мекунем.

Призма гуфта бисёррӯяеро мегӯем, ки ду рӯяаш (асос) аз *n* кунҷаи баробар, боқимонда *n* то рӯяаш бошад аз параллелограммҳо иборат аст (расми 22).

22



23

а)



б)



Ба асос перпендикуляр ёки перпендикуляр набудани рӯяҳои паҳлӯи призмаро ба назар гирифта, ба призмаҳои *рост* ёки *моил ҷудо* мекунанд. Дар расми 23.а призмаи шашкунҷаи рост, дар расми 23.б бошад призмаи секунҷаи моил тасвир шудааст. Маълум аст, ки рӯяҳои паҳлӯи призмаи рост аз чоркунҷаҳои рост иборат аст.

24

а)



б)



с)



25



Призмаи рости асосаш аз бисёркунҷаи мунтазам иборат *призмаи мунтазам* номида мешавад (расми 24). Рӯяҳои паҳлӯи призмаи мунтазам аз чоркунҷаи рости баробар иборат аст.

Перпендикуляри аз асоси призма ба ягон нуқтаи асоси дуюм фароварда *баландии* призма номида мешавад (расми 23.б).

Буриши диаганалии призма гуфта, буриши асосҳои призмаи диагоналҳои мувофиқ гузаронидашударо меноманд (расми 24.а). Шумораи буришҳои диагонали призма ба як асоси шумораи диагоналҳои призма баробар аст.

Буриши перпендикулярии призма гуфта, буриши перпендикулярии тамоми паҳлӯи онро меноманд (расми 25).

$\frac{n(n-3)}{2}$ то диагонал доштани кунҷи барҷастаи n - ро ба ҳисоб гирем, шумораи буриши диагоналии призмаи n-кунҷа ҳам $\frac{n(n-3)}{2}$ то мешавад.

Дар ҳар як буриши диагоналӣ ду диагонали призмаро гузаронидан мумкин. Яъне,призмаи n-кунҷа ҷамъ $n(n-3)$ то диагонал дорад.

Масъалаи 1. Масофаҳои байни теғаҳои паҳлӯи призмаи моили секунҷа ба тарзи мувофиқ, 7 см, 15 см ва 20 см. Масофаи калонтарини рӯяи рости рӯйи призмаро то теғаи рости дар муқобили он буда ёбед.

Ҳал. Маълум аст, ки масофаи байни хатҳои рости параллел ба дарозии перпендикуляри аз ягон нуқта ба дуюми гузаронидаи хатҳои рост баробар аст. Дар ин вақт дарозии паҳлӯҳои буриши перпендикуляри призмаи додашудаи ABC ба ин масофаҳо баробар мешавад (расми 26). Дар рӯяи аз ҳама калони рӯйи призма тарафи аз ҳама бузург AC=20 см мехобад. Масофаи аз теғаи B_2B_1 то ҳамвории $A_2A_1C_1C_2$ буда, ба баландии BD –и секунҷаи ABC баробар мешавад. Он гоҳ мувофиқи формулаи Герон:

26



$$S_{ABC} = \sqrt{p(p-a)(p-b)(p-c)}, \quad p = \frac{a+b+c}{2},$$

$$p = \frac{a+b+c}{2} = \frac{7+15+20}{2} = 21,$$

$$S_{ABC} = \sqrt{21(21-7)(21-15)(21-20)} = \sqrt{21 \cdot 14 \cdot 6 \cdot 1} = 42.$$

Аз тарафи дуюм, $S_{ABC} = \frac{AC \cdot BD}{2}$. Он гоҳ, $42 = \frac{AC \cdot BD}{2}$ ёки $BD = 4{,}2$ см.

Ҷавоб: 4,2 см.

6.2. Параллелепипед ва куб

Призмаи асосҳояш аз параллелограмм иборат *параллелепипед* номида мешавад (расми 27). Параллелепипедҳо ҳам монанди призма рост (расми 27.а) ва моил (расми 27.б) шуданаш мумкин.

Рӯяҳои ба қуллаи умумӣ соҳиб набудаи параллелепипед *рӯяҳои муқобил* номида мешавад.

27

а)



б)



Параллелепипед:

– 12 то теға дорад, ҳар чортои он аз буришҳои баробар иборат аст (расми 28.а),

– 6 то рӯя дорад, рӯяҳои муқобили он байни худ параллел ва баробар мешавад (расми 28.б),

– 4 то диагонал дорад, онҳо дар як нуқта бирида мешавад ва дар нуқтаи бариш ба ду қисми баробар тақсим мешавад (расми 28.с),

– дар нуқтаи буриши диагоналҳо маркази симметрияи он мешавад (расми 28.с).

Параллелепипеди рост тири симметрӣ (расм 28.d) ва ҳамвории симметрӣ дорад (расм 28.е).

28



Параллелепипеди рости асосаш аз чоркунҷаи рост иборатро *параллелепипеди росткунҷа* меноманд (расми 29).

Аён аст ки, ҳамаи рӯяҳои параллелепипеди росткунҷа аз чоркунҷаи рост иборат мешавад.

29



30



31



32

$$d^2 = a^2 + b^2 + c^2$$



Параллелепипеди росткунҷа се тири симметрӣ (расми 30) ва сето ҳамвории симметрӣ дорад (расм 31).

Се теғаи аз як қуллаи он баромадаи параллелепипеди росткунҷаро *ченакҳои* он меноманд.

Хосият: Ченакҳои квадрати диагонали d -и параллелепипеди росткунҷа: ба суммаи квадратҳои a, b ва c баробар аст (расми 32):

$$\boldsymbol{d^2 = a^2 + b^2 + c^2}.$$

Параллелепипеди росткунҷаи ченакҳояш баробар *куб* номида мешавад. Аён аст ки, тамоми рӯяҳои куб аз квадратҳои баробар иборат мешавад. Куб ба як маркази симметрӣ, 9 то тири симметрӣ ва 9 то ҳамвории симметрӣ соҳиб аст.

Дар боло як қатор хосиятҳои призмаро шуморида гузаштем. Баъзе аз онҳоро дар синфи 10 исбот намуда будем. Аз сабаби он ки исботи хосиятҳои боқимонда содда аст, онҳоро барои мустақил исбот намудан гузоштем.

6.3. Сатҳи пурра ва паҳлӯи призма

Дар расми 33 баландиҳои HH_1 ва DD_1 - и призмаи $ABCDEA_1B_1C_1D_1E_1$ тасвир ёфтааст. Аён аст ки, баландии призмаи мунтазам ба теғаи рости он баробар мешавад.

33


34


35


Сатҳи паҳлӯи призма (саҳеҳтар, масоҳати *сатҳи паҳлӯ*) ба ҷамъи масоҳати рӯяҳои паҳлӯӣ баробар аст, сатҳи пурра бошад ба ҷамъи масоҳати ду асос ва сатҳи паҳлӯ баробар аст.

$$\boldsymbol{S_{пурра} = S_{паҳлӯ} + 2S_{асос}}.$$

Теорема. Сатҳи паҳлӯи призмаи рост ба параметри асоси ҳосили зарби баландии он баробар аст:

$$\boldsymbol{S_{паҳлӯ} = P_{асос} \cdot h}.$$

Исбот. Баландии призмаи додашуда h, параметри асос $P=AB+BC+\ldots+KA$ бошад (расми 34). Аён аст ки, ҳар як паҳлӯи призмаи рост чоркунҷаи рост аст. Асоси ин чоркунҷаи рост ба тарафи мувофиқи призма, баландии он бошад ба баландии призма баробар аст.

Яъне, $S_{паҳлӯ}=AB\cdot h+BC\cdot h+...+KA\cdot h=(AB+BC+...KA)\cdot h=P\cdot h.$ □

Теорема. Сатҳи паҳлӯи призма ба перпендикуляри периметри буриши он ба ҳосили зарби дарозии теғаи рост баробар аст: $\boldsymbol{S_{паҳлӯ}=P\cdot l}$.

Исбот. Периметри буриши перпендикуляр ба P баробар аст (расми 35). Буриш призмаро ба ду қисм тақсим мекунад (расми 36). Яке аз ин қисмҳоро гирифта, асосҳои призмаро болоиҳам афтанда, параллел мекӯчонем. Дар натиҷа призмаи рости нав ҳосил мешавад (расми 36.б). Аён аст ки, сатҳи паҳлӯи ин призма ба сатҳи паҳлӯи призмаи додашуда баробар аст. Асоси он аз буриши перпендикуляри додашуда иборат буда, теғаи рост ба l баробар мешавад.

Яъне, мувофиқи теоремаи дар боло исботшуда: $S_{паҳлӯ}=P\cdot l$ □

36 а) б)





Масъалаҳо оиди мавзӯъ ва супоришҳои амалӣ

174. Масоҳати як паҳлӯи тетраэдр 6 см^2 бошад, сатҳи пурраи онро ёбед.

175. Масоҳати як паҳлӯи октаэдр 5,5 см^2 бошад, сатҳи пурраи онро ёбед.

176. Масоҳати як паҳлӯи додекаэдр 6,4 см^2 бошад, сатҳи пурраи онро ёбед.

177. Масоҳати сатҳи пурраи куб 105,84 см^2 бошад, масоҳати ҳар як паҳлӯ ва дарозии теғаи онро ёбед.

178. Масоҳати сатҳи пурраи октоэдр $32\sqrt{3}$ см^2 бошад, масоҳати ҳар як паҳлӯи он ва дарозии теғаи онро ёбед.

179. Тарафҳои асоси росткунҷаи параллелепипед дар нисбати 7:24, масоҳати буриши диагонал ба 50 дм^2 баробар. Масоҳати сатҳи паҳлӯро ёбед.

180*. Теғаи рости параллелепипеди рост ба 1 м, тарафҳои асосҳо ба 23 м ва 11 м баробар аст. Асос нисбати диагоналҳо 2:3 барин. Масоҳати буриши диагоналро ёбед.

181. Тарафҳои асоси параллелепеди рост 3 см ва 5 см, яке аз диагоналҳои асос ба 4 см баробар. Яке аз диагоналҳои хурди параллелепипед бо ҳамвории асос кунҷи 60° ро ташкил мекунад. Дарозии диагоналҳои онро ёбед.

182. Теғаи рости параллелепипеди рост 5 м, тарафҳои асос 6 м ва 8 м, яке аз асосҳои диагонал ба 12 м баробар. Диагоналҳои параллелепипедро ёбед.

183*. Теғаи призмаи мунтазами секунҷа ба 3 баробар. Аз тарафи асос ва мобайни тир ҳамворӣ гузаронидаанд. Масоҳати буришро ёбед.

184. Баландии призмаи рости секунҷа 50 см, тарафҳои асос 40 см, 13 см ва 37 см. Сатҳи пурраи призмаро ёбед.

37



38



185*. Аз куби ягонаи дар расми 37 тасвирёфта тарафи асос ба 0,5 теғаи рост ба 1 баробар буда, призмаи чоркунҷаи мунтазам кофта гирифта шуд. Масоҳати сатҳи пурраи қисми боқимондаи кубро ҳисоб кенед.

186. Агар теғаи куб ба 1 воҳид афзояд, сатҳи пурраи он ба 54 воҳид зиёд мешавад. Теғаи кубро ёбед (расми 38).

187. $ABCC_1B_1A_1$ асоси призмаи моили секунҷаи баробарпаҳлӯи ABC буда, дар он $AB=AC=10$ см ва $BC=12$ см. Қуллаи A_1 ба қуллаҳои A, B ва C дар масофаи баробар мехобад ва ба $AA_1=13$ см баробар. Сатҳи пурраи призмаро ёбед.

188. Сатҳи паҳлӯи призмаи чоркунҷаи мунтазам ба160, сатҳи пурра ба 210 баробар. Диагонали асоси призмаро ёбед.

189. Теғаҳои паҳлӯи призмаи секунҷаи моилхобидаи масофаи байни хатҳои рости параллел 2 см , 3 см ва 4 см, теғаҳои паҳлӯ бошад ба 5 см баробар. Сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

190. Ҷамъи дарозии теғаҳои куб ба 96 баробар. Сатҳи паҳлӯи онро ёбед.

191. Сатҳи пурраи бисёрруяҳои дар расми 39 тасвирёфтаро ҳисоб кунед (ҳаммаи кунҷҳои дурӯя кунҷи ростанд).



192. Сатҳи пурраи бисёррӯяҳои дар расми 40 тасвирёфтаро ҳисоб кунед (ҳаммаи кунҷҳои дурӯя кунҷи ростанд).



193. Теғаи рости призмаи мунтазами шашкунҷа 8 см, тарафи асос бошад 3 см. Ҷамъи дарозиҳои ҳамаи теғаҳои призмаро ёбед.

194. Тарафи асоси призмаи мунтазами чоркунҷа 6 см, баландии призма бошад 5 см. Масоҳати буриши диагонали онро ёбед.

195. Тарафи асоси призмаи мунтазами секунҷа 6 см, теғаи рост бошад 12 см. Масоҳати сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

196. Масоҳати пурраи бисёррӯяи дар расми 41 тасвиршударо чен кунед (ҳамаи кунҷҳои дурӯя кунҷҳои рост).

197. Масоҳати пурраи бисёррӯяи дар расми 42 тасвиршударо чен кунед (ҳамаи кунҷҳои дурӯя кунҷҳои рост).

198*. Ченаки боми хонаи дар расми 43 тасвирёфта 6 м × 8 м. Боми он ба асос тахти кунҷи 45° моил аст. Масоҳати сатҳи бомро ёбед.

199. Теғаҳои аз як қуллаи параллелепипед бароянда ба таври мувофиқ, 6 см, 8 см ва 12 см. Суммаи дарозиҳои ҳамаи теғаҳои параллелепипедро ёбед.

41 а) б) с)



42 а) б) с)



43



44



45

200. Масоҳатҳои паҳлӯҳои аз як қуллаи параллелепипед бароянда ба таври мувофиқ 6 см^2, 12 см^2 ва 16 см^2. Масоҳати сатҳи пурраи параллелепипедро ёбед.

201*. Куби теғааш ба 3 см баробар буда, аз ҳар паҳлӯи он буриши яктарафа – асос ба 1 см баробар сӯрохиҳои квадратшакл кофта шудааст (расми 44). Масоҳати сатҳи пурраи ҷисми боқимондаи кубро ёбед.

202*. Сатҳи теғаҳои тӯби футбол ба 5 см баробар буда, аз 12 то панҷкунҷаи мунтазам ва 20 то шашкунҷаи мунтазам иборат аст (расми 45). Сатҳи пурраи тӯби футболро ёбед. Тӯб аз чарми сантиметри квадратиаш 60 сӯмӣ истеҳсол шудааст ва маълум аст, ки 10 фоизи он ба чок ва партов мебарояд, нархи чарми барои тӯб сарфшударо ёбед.

7. ҲАҶМИ ПРИЗМА

7.1. Мафҳуми ҳаҷм

Яке аз хусусиятҳои хоси ҷисми геометрӣ дар фазо ин мафҳуми ҳаҷм аст. Ҳар гуна предмет (ҷисм) кадом як қисми фазоро ишғол мекунад. Барои мисол, ғишт нисбати гӯгирд ҷойи зиёдтарро мегирад. Барои муқоисаи байни ин ҷисмҳо мафҳуми ҳаҷм дароварда мешавад.

Ҳаҷм нишондоди микдорӣ (ададӣ) аст, ки ба хосиятҳои зерини ҷисми фазоӣ соҳиб мебошад:

1. Ҳар гуна ҷисм ба ҳаҷми муайяни бо ададҳои мусбат ифодаёбанда соҳиб аст.

2. Ҳаҷми ҷисмҳои баробар ҳам баробар мешавад.

3. Агар ҷисм ба якчанд ҳисса тақсим шуда бошад, ҳаҷми он ба суммаи ҳаҷми ҳиссаҳо баробар мешавад.

4. Ҳаҷми куби теғааш ба як воҳиди дарозӣ баробар ба як баробар аст.

Ҳаҷм дарозӣ ва рӯя барин яке аз бузургиҳои ададӣ аст. Ба интихоби воҳиди ченаки дарозӣ нигоҳ карда, ҳаҷми *воҳиди куб* (теғааш дорои воҳиди дарозӣ) бо 1 см^3, 1 дм^3, 1 м^3 ва ҳоказо барин воҳидҳои ҳаҷм чен карда мешавад.

Ҳаҷми ҷисмҳоро бо усулҳои гуногун чен мекунанд, ёки ҳисоб менамоянд. Барои мисол, ҳаҷми деталҳои хурдро бо ёрдами зарфи ченакдор (шкаладор) ҳисоб кардан мумкин (расми 46). Ҳаҷми сатилро бошад бо ёрдами ба зарфи воҳиди ҳаҷмдор об рехта, пурра кардан чен кардан мумкин (расми 47). Лекин ҳаҷми ҳамаи ҷисмҳо ҳам бо чунин усулҳо чен карда намешавад. Дар ин ҳолатҳо ҳаҷм бо усулҳои гуногун ҳисоб карда мешавад. Дар поён доир ба ин усулҳо истода, баъзеяшонро бе исбот меорем.

7.2. Ҳаҷми параллелепипед

Теорема. Ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа ба ҳосили зарби се ченаки он баробар аст (расми 48): $V = a \cdot b \cdot c$.

46



47

48



49



Натиҷа. Ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа ба ҳосили зарби масоҳати асос бар баландӣ баробар аст (расми 49): $V = S \cdot h$.

Теорема. Ҳаҷми параллелепипеди ихтиёрӣ ба ҳосили зарби масоҳати асос бар баландӣ баробар аст (расми 50): $V = S \cdot h$.

Хосияти мазкур аз натиҷаи боло бармеояд. Параллелепипеди дар расмҳои 50 додашуда, чӣ гуна пуррашавии параллелепипеди росткунҷа тасвир ёфтааст. Аз ин истифода бурда хосиятро мустақил асоснок намоед.

50



7.3. Ҳаҷми призма

***Теорема.* Ҳаҷми призмаи рост ба ҳосили зарби масоҳати асос бар баландиаш баробар аст.** (расми 51): $V = S \cdot h$.

Исбот. *Ҳолати* 1. Призмаи рости асосаш аз секунҷаи росткунҷа иборат дода шуда бошад (расми 51). Ин призмаро бо призмаи ба он баробар то параллелопипеди росткунҷа пурра кардан мумкин(расм 51.б).

Ҳаҷми призмаи додашуда, масоҳати асос бар баландӣ ба тарзи мувофиқ V, S ва h бошад, ҳаҷми параллелепипеди росткунҷаи ҳосилшуда ба таври мувофиқ, масоҳати асос ва баландӣ $2V$, $2S$ ва h мешавад.

Яъне, $2V=2S \cdot h$ ёки $V=S \cdot h$ мешавад.

Ҳолати 2. Призмаи ихтиёрии n-кунҷа дода шудааст, Масоҳати асоси он S, баландиаш ба h баробар бошад. Асоси призма – n-кунҷаро бо диагоналҳои секунҷаҳо, ҳар як секунҷаро ба секунҷаҳои росткунҷа тақсим кардан мумкин (расми 52). Дар натиҷа, имконпазир будани тақсими призмаи додашудаи шуморааш маҳдуд ба росткунҷаи асосаш аз секунҷаҳо иборат ба призмаи ростро муайян мекунем. Баландии ин призма ба h баробар буда, асосҳои он ба суммаи додашудаи масоҳати призма баробар мешавад: $S = S_1 + S_2 + \ldots + S_k$.

Ҳаҷми призмаи додашуда ба суммаи ҳаҷмҳои призмаҳои секунҷаи онро ташкилкарда иборат аст:

$$V = S_1h + S_2h + \ldots + S_kh = (S_1 + S_2 + \ldots + S_k)\, h = S \cdot h, \quad \text{ёки} \quad V = S \cdot h. \ \square$$

51 а) б)



52



Теорема. Ҳаҷми призмаи ихтиёрӣ ба ҳосили зарби масоҳати асос бар баландиаш баробар аст: $\boldsymbol{V = S \cdot h}$.

Ин теоремаро аз расми 53 истифода бурда, аввал барои призмаи секунҷа (расми 53.а), пас барои призмаи ихтиёрӣ (расми 5.3.б) мустақилона исбот кунед.

53 а) б)



Масъалаи 1. Тарафҳои асоси параллелепипеди рост ба a ва b баробар буда, онҳо байнихуд кунҷи $30°$ -ро ташкил мекунад. Агар масоҳати паҳлӯи параллелепипед ба S баробар бошад, ҳаҷми онро ёбед.

Ҳал: Баландии параллелепедро бо h ишора мекунем (расми 54). Дар он мувофиқи шарт:



$$S = (2a+2в)\,h \quad \text{ёки} \quad h = \frac{S}{2(a+b)}.$$

$$S_{asos} = ab\sin 30° = \frac{ab}{2}.$$

$$V = S_{asos}\cdot h = \frac{ab}{2}\cdot\frac{S}{2(a+b)} = \frac{abS}{4(a+b)}.$$

Масъалаҳо доир ба мавзӯъ ва супоришҳои амалӣ

203. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 55тасвирёфтаро ёбед.



204. Ҳаҷми зарфи мувофиқи паҳншавӣ сохташударо аз расми 56 ёбед.

56



57



58

205*. Мувофиқи расми 57 масъала тартиб диҳед ва онро ҳал кунед.

206. Ҷисми дар расми 58 додашудаи аз 88 то кубчаҳои воҳид сохта шудааст. Масоҳати пураи сатҳи ҷисмро ёбед.

207. Масоҳати паҳлӯи параллелепипеди росткунҷа ба 12 ва дарозии теғаи ба он перпендикуляр ба12 баробар аст. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

208. Ҳаҷми кадоме аз шаклҳои фазовии дар расми 59 тасвиршуда, бузург аст, яъне аз кубчаҳои зиёди бисёррӯя ташкил ёфтааст?

59

а) б) с) д)



209. Ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа ба 24 баробар ва дарозии яке аз теғаҳои он ба 3 баробар аст. Масоҳати паҳлӯи параллелепипеди ба ин теға перпендикулярро ёбед.

210. Ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа ба 60 баробар ва рӯяи яке аз паҳлӯҳо ба 12 баробар. Дарозии теғаи параллелепипеди ба ин паҳлӯ перпендикулярро ёбед.

211. Дарозиҳои се теғаи аз як қуллаи параллелепипед бароянда ба 4, 6 ва 9 баробар. Теғаи куби ба он баробарбузургро ёбед.

212. Масоҳати сатҳи пурраи куб ба 18 баробар бошад, диагонали онро ёбед.

213. Ҳаҷми куб ба 8 баробар бошад, масоҳати сатҳи пураи онро ёбед.

214. Агар теғаҳои куб як воҳид афзояд, ҳаҷми он ба 19 воҳид меафзояд. Теғаи кубро ёбед.

215. Масоҳати пурраи рӯяи куб ба 24 баробар. Ҳаҷми онро ёбед.

216. Диагонали куб ба $\sqrt{12}$ баробар бошад, ҳаҷми онро ёбед.

217. Ҳаҷми куб ба $24\sqrt{3}$ баробар бошад, диагонали онро ёбед.

218. Ҳаҷми куби аввала аз дуюми 8 маротиба бузург. Масоҳати сатҳи пурраи куб аз дуюмӣ чанд маротиба бузург аст?

219. Ба зарфи (систернаи) шакли кубдоштаи теғааш 30 см чанд литр об меғунчад?

220. Теғаҳои аз як қуллаи параллелепипеди росткунҷа баромада ба 2 ва 6 баробар. Ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа ба 48 баробар. Теғаи аз ҳамин қуллаи параллелепипед баромадаро ёбед.

221. Дарозии тарафҳои асосии параллелепипед $2\sqrt{2}$ см ва 5 см, кунҷи миёнаи онҳо ба 45° га баробар. Агар диагонали хурди параллелепипед ба 7 см баробар бошад, ҳаҷми онро ёбед.

222*. Асоси параллелепипеди *a* ва *b* буда, тарафҳояш кунҷи 30° ташкил мекунад. сатҳи пуррааш ба S баробар. Ҳаҷми онро ёбед.

223. Ченакҳои параллелепипеди росткунҷа 15 м, 50 м ва 36 м. Теғаи куби ба он баробарбузургро ёбед.

224. Тарафҳои асоси призмаи рости секунҷа ба 29, 25 ва 6, теғааш бошад ба баландии калони асос баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

225. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 39 тасвиршударо чен кунед (тамоми кунҷҳои дурӯя кунҷи рост).

226. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 40 тасвиршударо чен кунед (тамоми кунҷҳои дурӯя кунҷи рост).

227. Масоҳати асоси параллелепипеди рост аз ромби 1 м^2 иборат аст. Масоҳати буриши диагонал,ба таври мувофиқ, 3 м^2 ва 6 м^2. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

228. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 41 тасвиршударо чен кунед (тамоми кунҷҳои дурӯя кунҷи рост).

229. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 42 тасвиршударо чен кунед (тамоми кунҷҳои дурӯя кунҷи рост).

230. Ба роҳрави паҳниаш 3 м ва дарозиаш 20 м буда, ба ғафсии 10 см асфалт хобониданд. Барои роҳрав чӣ қадар асфалт кор фармуданд?

231*. Тарафи асоси параллелепипеди моил аз квадрати ба 1 м баробар иборат аст. Яке аз теғаҳои паҳлӯи он ба 2 м баробар аст ва ба ҳар як тарафи худи асос часпида кунҷи 60° ташкил мекунад. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

232*. Тарафи рӯяҳои параллелепипед ба a баробар ва кунҷи тези 60° аз ромбҳои баробар иборат аст. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

233. Ҳар як теғаи параллелепипед ба 1 см баробар. Як қуллаи параллелепипеди ҳар се кунҷаш барҷаста тез буда, ҳар яке ба $2a$ баробар аст. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

234*. Дарозиҳои аз як қулла се теға баромадаи раллелепипед ба a, b, c баробар. Теғаҳои a ва b байни худ перпендикуляр, теғаи c бошад ба ҳар яки онҳо кунҷи α -роашкил мекунад. Ҳаҷми параллелепипедро ёбед (расми 60).

235. Ҳаҷми призмаи мунтазами асосаш а) сакунҷа; б) чоркунҷа; с) шашкунҷаи тарафаш a ва теғаи росташ b - ро ёбед.

236. Тарафҳои асоси параллелепипеди рост ба a см ва b см баробар буда, онҳо байни ҳам кунҷи α ташкил мекунад. Диагонали хурди параллелепипед ба d баробар бошад, ҳаҷми онро ёбед.

237. Теғаҳои паҳлӯи призмаи моили секунҷадор ба 15 м, масофаи мобайни онҳо бошад ба 26 м, 25 ва 17 м баробар аст. Ҳаҷми призмаро ёбед.

238. Диагонали призмаи мунтазами чоркунҷа ба 3,5 см, диагонали рӯяи рост ба 2,5 см баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

239. Тарафи асоси призмаи мунтазами секунҷа ба a, асосҳои сатҳи паҳлӯ ба суммаи масоҳатҳо баробар аст. Ҳаҷми онро ёбед.

240. Дар призмаи мунтазами шашкунҷа масоҳати буриши диагонали калонтарин ба 4 м^2, масофаи байни ду теғаи паҳлӯи муқобилсамт ба 2 м баробар аст. Ҳаҷми призмаро ёбед.

241*. Баъди ҳафт маротиба ҷома шустан андозаи собун ду маротиба кам мешавад (расми 61). Агар барои ҳар ҷомашӯӣ дар ҳаҷми якхела сарф шудани собун маълум бошад, собун боз барои чанд ҷомашӯӣ мерасад?

242*. Аз призмаи моил ба теғаҳои перпендикуляр ва тамоми теғаҳои паҳлӯ ҳамвории буранда гузаронида шудааст. Масоҳати буриши ҳосилшуда Q, теғаҳои паҳлӯӣ ба l баробар бошад, ҳаҷми призмаро ёбед (расми 62).

60



61

62



243. Тарафҳои асоси призмаи секунҷа ба 4 см, 5 см,7 см, теғаи паҳлӯ бошад ба баландии асос баробар аст. Ҳаҷми призмаро ёбед.

244. Ҳаҷми бисёррӯяи дар расми 63 тасвиршударо чен кунед.



245. Масоҳати асоси призмаи рости секунҷа ба 4 см², масоҳати рӯяҳои паҳлӯ ба 9 см², 10 см², 17 см² баробар бошад, хаҷми онро ёбед.

246*. Асоси призма секунҷаи баробарпаҳлӯ буда, як тарафи он 2 см, ду тарафи дигари он ба 3 см баробар. Теғаи рости призма ба 4 см баробар ва он бо ҳамвории асос кунҷи 45° ташкил мекунад. Теғаи ба ин призма баробарбузурги теғаи кубро ёбед.

247. Тарафи асоси призмаи моил ба a баробар буда, секунҷаи баробаркунҷ аст. Яке аз рӯяҳои паҳлӯ ба асос перпендикуляр ва диагонали хурд ба s баробар буда аз ромб иборат. Ҳаҷми призмаро ёбед.

248. Агар баландии призмаи рости чоркунҷа h, бо диагоналҳои асосаш ҳамворӣ кунҷҳои α ва β ташкил мекунад. Агар кунҷи диагоналҳои асос ба γ баробар бошад, ҳаҷми призмаро ёбед.

249*. Буриши асос 1,4 м вабаландиаш 1,2 м бошад қуввати обгузаронии қубури обгузари шакли секунҷаи баробарпаҳлӯ (ҳаҷми оби дар 1 соат ҷоришаванда) -ро ҳисоб кунед. Суръати ҷоришавии об 2 м/с.

250*. Буриши пойдевори роҳи оҳан дар шакли трапетсия буда, асоси поёнии он 14 м, асоси болоӣ 8 м ва баландиаш 3,2 м аст. Барои 1 км пойдевор сохтан чанд метри мукааб хок даркор аст?

251*. Вазни тахтаи чӯбини тарафаш 3,2 см ва ғафсиаш 0,7 см будаи шакли ҳашткунҷаи мунтазамдошта 17,3 г. Зичии чӯбро ёбед.

252. Чандто қуттии шакли параллелепипеди росткунҷаи андозаҳояш 30×40×50(см) бударо ба машинаи андозаи борхонааш 2×3×1,5 м ҷойгир кардан мумкин?

253*. Чанд адад плитаҳои пӯлодии шакли параллелопипеди росткунҷаи андозааш 420 мм × 240 мм × 90 мм, зичиаш 7,8 г/см^3 бударо бо мошинаи қуввати борбардориаш 3 т кашонидан мумкин?

254. Чанд адад ғишти шакли параллелопипеди росткунҷаи андозааш 250 мм × 120 мм × 65 мм, зичиаш 1,6 г/см^3 бударо бо мошинаи қуввати борбардориаш 3 т кашонидан мумкин?

255*. Чанд адад плитаҳои чӯянии шакли параллелопипеди росткунҷаи андозааш 820 мм × 210 мм × 120 мм, зичиаш 7,3 г/см^3 бударо бо крани борбардори қуввати борбардориаш 2 т бардоштан мумкин?

256. Аз чӯби чоркунҷаи рости қадаш 105 м ва андозаи буриши яктарафааш 30 см × 40 см иборат буда, чанд адад тахтаи қадаш 3,5 м, бараш 20 см ва ғафсиаш 20 мм мебарояд?

257. Андозаи ғишт 25 × 12 × 6,5 (см). Агар вазни ғишти дар ҳаҷми 1 м^3 буда, 1700 кг бошад, вазни як дона ғиштро бо граммҳо муайян кунед.

258. Мувофиқи меъёрҳои санитарӣ, барои ҳар як донишомӯзи синф 7,5 м^3 ҳаво рост меояд. Агар баландии синфхона 3,5 м ва он барои 28 донишомӯз мувофиқ бошад, майдони умумии синфхонаро ёбед.

259*. Майдони шаклаш чоркунҷаи рости қадаш 100 м, бараш 10 м бударо бо асфалти ғафсиаш 5 см пӯшонидан лозим. Агар вазни асфалти барои ҳаҷми 1 м^3 сарфшаванда 2,4 тонна ва қуввати боркашонии як мошини борбардор 5 тонна бошад, барои мумфарш намудани ин майдон чанд мошин асфалт лозим мешавад?

260*. Ба порчаи оҳани шакли параллелепипеди чоркунҷадори андозаҳояш 3 см, 4 см, 5 см буда, дар дастгоҳ коркард гузарониданд. Дар ин ҷарайён ҳар як теғаи он коста шуда, ба 42 см^2 кам шудани сатҳи пуррааш маълум аст. Ҳаҷми ин порчаи оҳан баъди сайқалёбӣ чӣ қадар мешавад?

261*. Дар расми 64.а буриши қубури чӯянӣ тасвир ёфтааст. Дар асоси маълумоти дар расм додашуда вазни як метр дарозидоштаи чунин қубурро муайян кунед (зичии чӯян – 7,3 г/см^3).

262. Вазни тахтачаи тиллоӣ(ёмбӣ)-и андозаҳояш дар расми 64.б додашуда 12,36 кг бошад, зичии онро муайян кунед.



263*. Асосҳои канали буриши яктарафааш 10 м, 6 м ва баландиаш 2 м аз трапетсияи баробарпаҳлӯ иборат аст (расми 65). Суръати гузариши об 1 м/с бошад, дар як дақиқа аз ин канал ба кадом ҳаҷм об ҷорӣ мешавад?





264*. Дар ҳар рӯяи куби аз мис сохташуда, ки теғааш ба 6 см баробар аст, ба асоси бурриши яктарафа сӯрохиҳои квадратшакли ба 2 см баробар кофта шудааст (расми 66). Агар зиччии муқоисавии мис 0,9 г/см^3 бошад, вазни боқимондаи кубро ёбед.

265. Блоки металии асосаш шакли параллелепипеди росткунҷадори андозааш 7 см ва 5 см. Вазни блок 1285 г ва зичии метал 7,5 г/см^3 бошад, балндии блокро ёбед.

266. Дар асоси маълумоти дар расми 67 додашуда ҳаҷми гаражро ёбед.







267. Чуқурии гулдони калони шакли параллелепипеди росткунҷадошта 2 фут, паҳноиаш 12 фут ва дарозаш 15 фут аст. Ҳаҷми гулдонро ёбед ва бо метри мукааб ифода кунед (1 фут = 30,48 см).

268. Анбори маҳсулоти дар расми 68 тасвирёфта призмаи трапетсияшакл аст. Дар асоси маълумоти дар расм оварда, ғунҷоиши анборро муайян кунед.

269*. Дар расми 69 андозаҳои қуттӣ дода шудааст. Асосҳои қуттӣ аз ашёи 1 метри квадратиаш 1000 сӯмӣ, рӯяҳои паҳлӯияш бошад аз ашёи 1 метри квадратиаш 2000 сӯмӣ сохта шудааст. Барои сохтани қуттӣ ашёи чандсӯма сарф шуд?

270. Ҳаҷми куб ба V баробар бошад, диагонали онро ёбед.

271. Аз параллелепипеди росткунҷаи калони дар расми 70 нишондодашуда барин параллелепипеди росткунҷаи хурд бурида гирифта шудааст. Дар асоси маълумоти додашуда ҳаҷми ҷисми ҳосилшударо ёбед.

272. Ҳаҷми пирамидаи дар расми 71 тасвиршударо ёбед.

70



71



72



273*. Аквариуми шакли параллелепипеди росткунҷадори дар расми 72 тасвирёфта чӣ қадар об дорад?

274*. Ба аквариумҳои якхелаи параллелипипедҳои росткунҷа дар расми 73 нишондода барин ба сатҳҳои гуногун об рехтаанд. Нисбати ҳаҷмҳои оби ба ин аквариумҳо рехта чӣ гуна мешавад?

73

а)



б)



с)



74



275*. **Таткиқот.** Корхона қуттиҳои болокушоди шакли параллелепипеди росткунҷадори ғунҷоишаш 1 литр, андозаҳои нисбии асосаш 1:2 ро истеҳсол карданист (расми 74). Барои истеҳсоли кам-харҷи қуттӣ, яъне барои аз ҳама кам шудани маҳсулоти ба он сарфшаванда андозаҳои он бояд чӣ гуна бошад? (Ба x қиматҳои гуногун дода, ҳаҷми кутиро ёбед ва бо муқоиса онҳоро ҳал карда бинед, ёки аз имкониятҳои ҳисоби дифференсиалӣ истифода баред).

276*. **Вазъияти муаммодор.** Геологҳо санги қимматбаҳо ёфтанд ва ҳаҷми онро бошад тахминан муайян карданианд. Онҳо дар соҳили кӯл истодаанд ва дар ихтиёри онҳо зарфи калони металии санг меғунҷида, якчанд сатилҳои ғунҷоишашон номаълум ва зарфи шишагини ғунҷоишаш 1 литр ҳаст. Геологҳо ин корро чӣ гуна ӯҳда мекунанд?

8. САТҲ ВА ҲАҶМИ СИЛИНДР

8.1. Сатҳи силиндр

Яке аз сифатҳои муҳими шаклҳои фазо – ҷисмҳои чархзанӣ аст. Силиндр яке аз ҷисмҳои чархзанӣ буда, бо он дар синфҳои поёнӣ шинос шуда будед. Хосиятҳои он бо хосиятҳои призма монанд аст, аз ҳамин сабаб онҳоро паиҳам меомӯзем.

Ҷисме, ки дар натиҷаи чархзанӣ дар атрофи яке аз тарафҳои чоркунҷаи рост ҳосил мешавад силиндр (саҳеҳтараш, силиндри рости гирд) меноманд (расми 75). Дар ин чархзанӣ як тарафи чоркунҷаи рост беҳаракат мемонад. Онро *тири силиндр* мегӯянд. Тарафи ба ин тарафи чоркунҷа муқобил хобидаи аз чархзании сатҳ ҳосилшуда – *сатҳи паҳлӯи силиндр*, худи тараф бошад *ташкилдиҳандаи силиндр* номида мешавад. Тарафҳои боқимондаи чоркунҷа дар ин чархзанӣ ду доираи баробар ҳосил мекунанд, ки, онҳоро *асосҳои силиндр* меноманд (расми 76).

75



76



Ёдрас. Ҷисми аз чархзании атрофи як тарафи чоркунҷаи рост ҳосил мешавад дар асл *силиндри рости гирд* меноманд. Мафҳуми силиндр бошад ба маънои васеъ чунин дохил мешавад.

Фарз намоем, дар фазо ягон шакли ҳамвори F_1 дар як параллелкӯчонӣ ба шакли F_2 гузарад. Ҷисмеро, ки ин ду шакл ва дар параллелкӯчонии мазкур нуктаҳои ба ҳамдигар гузаранда аз буриши пайвасткунанда иборат аст *силиндр* номида мешавад (расми 77).

Агар кӯчиши параллел ба шакли ҳамвории пахни F_1 перпендикуляр бошад, силиндр *силиндри рост* (расми 78) аст, дар ҳолати акс *силиндри моил* (расми 78.б) меномем. Минораи Пиза, ки дар расми 78.с тасвир ёфтааст дар шакли силиндри моил аст.

77



78



Агар шакли F_1 аз доира иборат бошад, силиндрро *силиндри гирд* меноманд.

Силиндри гирди рост ҷисми чархзанӣ мешавад. Дар оянда бо силиндрҳои гирди рост кор мебарем ва онҳоро кӯтоҳакак силиндрҳо меномем.

Асосҳои силиндр аз доираҳои байни худ баробар иборат буда, онҳо дар ҳамвориҳои параллел мехобанд. Перпендикуляри аз нуқтаи як асоси силиндр ба асоси ҳамвории дуюм фаровардаро *баландии* он меноманд.

Масофаи мобайни ин ҳамвориҳои параллел ба баландии силиндр баробар мешавад. Тири силиндр баландии он ҳам аст.

Ташкилкунандагони силиндр бошанд байни худ параллел ва баробар мешаванд. Инчунин, ташкилкунандагони тири силиндр ва дарозии баландӣ байни худ баробар мешаванд.

Аз буриши силиндр бо тири ба он параллели ҳамворӣ ҳосилгардида буриши чоркунҷаи рост иборат мешавад (расми 79.а). Ду тарафи он ташкулкунандагони силиндр, ду тарафи боқимонда бошад ба таври мувофиқ ба асосҳо хорда (ватар)ҳои параллеланд.

Хусусан, *тири буриш* ҳам чоркунҷаи рост мешавад. Он бурриши аз тири силиндр бо воситаи бурриши ҳамворӣ ҳосилшаванда аст (расми 79.б).

Диагоналҳои бурриши тири ташкилкунандаи маркази асос аз миёнаи бурриши нуқтаи Q мегузарад. Барои ҳамин ҳам, ин нуқтаи Q аз маркази симметрияи силиндр иборат мешавад (расми 79.с).

Ҳамвории ба тири силиндр перпендикуляр аз нуқтаи Q гузаранда аз ҳамвории симметрии силинд иборат мешавад (расми 80). Ҳамвориҳои аз тири силиндр гузаранда ҳам симметрияи ҳамвориҳои он мешавад (расми 81).

79 а) б) с)



80



Масъалаи 1. Масоҳати бурриши тири силиндр аз квадрати ба Q баробар иборат аст. Масоҳати асоси силиндрро ёбед.

Ҳал. Тарафҳои квадрат ба $\sqrt{Q}$ баробар. Он ба диаметри асоси силиндр баробар аст. Дар он масоҳати асоси силинд ба: $S = \pi r^2 = \pi\left(\frac{\sqrt{Q}}{2}\right)^2 = \frac{\pi Q}{4}$ баробар. □

Теорема. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндр ба ҳосили зарби дарозии давра асос бар баландиаш баробар аст: $\boldsymbol{S_{паҳлӯ} = 2\pi rl}$.

Теоремаи мазкурро дар асоси расми 82 мустақилона исбот намоед.

81



82



Натиҷа. Сатҳи пурраи силиндр бо сатҳи паҳлӯяш ба суммаи масоҳати ду асос баробар аст: $S_{пурра} = S_{паҳлӯ} + 2S_{асос}$ ёки

$$S_{пурра} = 2\pi rl + 2\pi r^2 = 2\pi r\,(l + r).$$

Силиндри ихтиёрӣ дода шуда бошад. Ба яке аз асосҳои он бисёркунҷаи $A_1A_2...A_{n-1}A_n$ -ро мекашем (расми 83). Бо воситаи қуллаҳои бисёркунҷаи $A_1, A_2, ..., A_{n-1}$ ва A_n, ба силиндри A_1B_1, A_2B_2, ..., ташкилдиҳандагони $A_{n-1}B_{n-1}$ ва A_nB_n ро мегузаронем ва қуллаҳои дигари ташкилдиҳандаи $B_1, B_2, ..., B_{n-1}$ ва B_n -ро бо буришҳои пайдарпай мепайвандем. Дар натиҷа призмаи $A_1A_2...A_{n-1}A_n\ B_1B_2...B_{n-1}B_n$ -ро ҳосил мекунем. Ин призмаи додашударо *призмаи ба силиндр дарункашида* меноманд. Силиндр бошад *силиндри ба призма берункашидаи* номида мешавад. Агар призма ба даруни силиндр кашида бошад, дар он асоси призма ба асоси силиндр дарункашида мешавад ва теғаҳои паҳлӯи призма дар сатҳи паҳлӯи силиндр мехобад.

Аён аст, ки агар ба асоси призма давраи беруна кашидан мумкин бошад, ба призма ҳам силиндри беруна кашидан мумкин аст.

Ба ин монанд мафҳуми *призмаи ба силиндр дарункашида* ва *силиндри ба призма берункашида* ҳам дароварда мешавад (расми 84). Агар призма ба силиндр дарункашида бошад, дар он асоси призма ба асоси силиндр берункашида мешавад ва рӯяҳои паҳлӯи призма ба сатҳи паҳлӯи силиндр мерасад.

Аён мешавад, ки агар ба асоси призма давраи берун кашидан мумкин бошад ба призма ҳам силиндри берун кашидан мумкин аст.

8.2. Ҳаҷми силиндр

Теорема. Ҳаҷми силиндр ба масоҳати асос ва ҳосили зарби ташкилдиҳанда баробар аст: $V = S_{асос} \cdot l.$

83


84


85


Исбот. Силиндри тираш OO_1 дода шуда бошад (расми 85).

Ба он призмаҳои дохилии $A_1A_2 ... A_{n-1}A_n\,B_1B_2 ... B_{n-1}B_n$ ва берунии C_1

$C_2 \ldots C_{n-1} C_n\ D_1 D_2 \ldots D_{n-1} D_n$ мекашем. Ҳаҷми силиндр V, ҳаҷми призмаҳои дохил ва берунро бо V_1 ва V_2 ишора кунем, дар он нобаробарии ҷуфти $V_1 < V < V_2$ бамаврид мешавад. Ҳаҷми призмаҳо аз формулаҳои зерин ёфта мешавад:

$$V_1 = S_{A_1A_2\ldots A_{n-1}A_n} \cdot l \qquad \text{ва} \qquad V_2 = S_{C_1C_2\ldots C_{n-1}C_n} \cdot l$$

Шумораҳои тарафҳои асосҳои призма n – ро торафт зиёд менамоем. Он вақт ҳаҷми призмаи дарункашида калон шуда меравад, ҳаҷми призмаи берункашида кам мешавад. Агар шумораи тарафҳо n беохир калон шавад, фарқи миёни ин ҳаҷмҳо ба нол майл мекунад. Ба силиндр ҳаҷми призмаҳои дохила ва берунаи кашида наздик шавад, ба сифати ҳаҷми силиндри диҳандаи адад гирифта мешавад.

Дар ин ҷарайён масоҳати бисёркунҷаҳои $A_1A_2\ldots A_{n-1}A_n$ ва $C_1C_2\ldots C_{n-1}C_n$ ба масоҳати давраи дар асоси силиндр хобида S наздик мешавад.

Яъне, $V = S_{\text{асос}} \cdot l$. $\square$

Масъалаҳо доир ба мавзӯъ ва супоришҳои амалӣ

277. Сатҳи паҳлӯ ва пурраи силиндри дар расми 86 овардашударо ёбед.

86



278. Радиуси асоси силиндр 6 см, баландии он 4 см. Масоҳати буриши тири силиндрро чен кунед.

279. Радиуси асоси силиндр 2 м, баландиаш 3 м. Диогонали буриши тирро ёбед.

280. Масоҳати асоси силиндр 64 π см^2, баландии он 8 см. Масоҳати буриши тири силиндрро чен кунед.

281. Буриши тири силиндр – ба масоҳати Q квадрати баробар. Масоҳати асоси силиндрро ёбед.

282. Масоҳати буриши тири силиндр аз квадрати 36 см^2 иборат аст. . Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндрро ҳисоб кунед.

283. Масоҳати буриши тири силиндр ба 4 баробар. Масоҳати сатҳи паҳлӯи онро ёбед.

284. Баландии силиндр 6 см, радиуси асос 5 см. Ба тири силиндр дар ҳолати параллел аз он дар масофаи 4 см масоҳати буриши гузаронидаро ёбед.

285. Радиуси асоси силиндр ба 2, баландиаш ба 3 баробар аст. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндрро ёбед.

286. Дарозии давраи асоси силиндр ба 3π, баландиаш ба 2 баробар аст. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндрро ёбед.

287. Сатҳи паҳнкунандаи силиндр 24π дм^2, баландии силиндр 4 дм. Радиуси асоси онро ёбед.

288. Радиуси асоси силиндр 5 см, баландии он 6 см. Диагонали буриши тири силиндрро ёбед.

289. Баландии силиндр 8 дм, радиуси асос 5 дм. Силиндр бо ҳамворӣ чунон бурида шудааст, ки аз буриш квадрат ҳосил шудааст. Аз ин буриш масофаи то тири силиндр бударо ёбед.

87



88



290*. Дар расми 87 мувофиқи тири буриши силиндри додашуда, масоҳати сатҳи паҳлӯ ва пурраи онро ёбед.

291*.Дар расми 88 мувофиқи паҳнкунандаи силиндри додашуда, масоҳати сатҳи паҳлӯ ва пурраи онро ёбед.

292. Радиуси асоси силиндр 3 см, баландиаш бошад аз радиуси асос 2 см зиёд. Ҳаҷми силиндрро чен кунед.

293. Ҳаҷми силиндр $64\ \pi$ см^3, баландиаш 4 см. Масоҳати асоси силиндрро чен кунед.

294*.Ҳангоми ба зарфи силиндршакли 2 литр об рехтан сатҳи об 12 см -ро ташкил намуд. Ба зарф ҷисмро андозем сатҳи об боз ба 9 см боло мешавад. Ҳаҷми ҷисмро муайян кунед ва ҷавобро бо см^3 ифода намоед.

295. Ҳангоми ба зарфи силиндршакл 3 литр об андохтан сатҳи об 15 см ро ташкил намуд (расми 89). Ба зарф ҷисмро андозем сатҳи об боз ба 4 см боло мешавад. Ҳаҷми ҷисмро муайян кунед ва ҷавобро бо см^3 ифода намоед.

296*. Ба зарфи силиндршакл 4 литр об андохтанд сатҳи об 20 см ро ташкил намуд (расми 90). Ба зарф ҷисмро андозем сатҳи об боз ба 5 см боло мешавад. Ҳаҷми ҷисмро муайян кунед ва ҷавобро бо см^3 ифода намоед.

89



90



297*.Дар расми 91- ускунаи роҳҳамворкунандаи силиндршакл тасвир ёфтааст. Аз маълумоти дар расм додашуда истифода бурда,муайян намоед, ки он ҳангоми як маротиба чарх задан чӣ қадар роҳро ҳамвор мекунад. (Ёдрас: 1 ft (фут) = 12 in. (дюм) = 30,48 см).

298*.Диаметри дохили қубури резинаи барои обпошӣ мувофиқшудаи дар расми 92 буда 3 см, диаметри берунааш 3,5 см, дарозиаш 20 м бошад, ба он чанд литр об рафтанашро ёбед. Агар зичии резин 7 г/см^3 буданаш маълум бошад, вазни ин банди қубури резиниро ёбед.

91



92

93



299*. Дар расми 93 зарфи сатҳи паҳлӯяш нимсилиндршакл дода шудааст. Агар барои ранг кардани масоҳати 1 см^2 сатҳи зарф 6 г ранг сарф шавад, барои қисми берун ва даруни онро ранг кардан чӣ миқдор ранг лозим мешавад.

94



95

96

300*. Яке аз зарфҳои шакли силиндр дошта аз дуюмаш ду баробар васеъ, лекин се маротиба пасттар аст (расми 94). Ғунҷоиши кадоме аз ин зарфҳо зиёд аст?

301*. Асосҳои зарфи шарбати апелсини силиндршакл, ки радиуси асосаш 5 см, баландиаш 20 см аст аз металл, сатҳи паҳлӯяш бошад аз картон сохта шудааст (расм 95). Агар нархи 1 см^2 металл 5 сӯм, нархи 1 см^2 картон 2 сӯм бошад, барои сохтани ин зарф чанд сӯмина маҳсулот даркор мешавад? Ба зарф чӣ қадар шарбат меғунҷад?

302*. Зарфи консерваи силиндиршакл, ки радиуси асосаш 1,5 дюм, баландиаш бошад 4,25 дюм дода шудааст (расми 96). Сатҳ ва ҳаҷми зарфро ёбед. Агар нархи 1 см^2 металл 5 сӯм бошад, барои сохтани ин зарф маҳсулоти чандсӯма лозим мешавад? (Ёдрас: 1 in. (дюм) = 2,54 см.)

303*. Баландии зарфи нефтнигоҳдорӣ (систерна) 16 фут, радиуси асос 10 фут буда, силиндршакл аст. Агар 1 куб фут аз 7,5 галлон баробар бошад, ғунҷоиши ин систернаро ба ҳисоби галонҳо муайян кунед. (Ёдрас: 1 галлони америкоӣ = 3,785 литр. 1 баррели америкоӣ = 42 галлони америкоӣ = 159 литр.)

304*. Зарфи сӯзишворинигаҳдории фермер силиндршакл аст. Баландии он 6 фут, радиуси асос 1,5 фут. Ғунҷоиши бакро бо галлонҳо ёбед.

305. Аз маълумоти расми 97 истифода бурда ҳаҷми ҷисмҳои фазовии тасвиршударо муайян кунед.

97



306*. Ба зарфи силиндршакл 6 см^3 об андохтанд. Ба оби зарф детал ҷойгир карданд, ҳаҷми об 1,5 маротиба балнд шуд. Ҳаҷми деталро муайян кунед ва ҷавобро бо см^3 ифода намоед.

307*. Сатҳи оби зарфи силиндршакл 16 см. Ба даруни ин зарф зарфи диаметри асосаш аз он ду маротиба хурдбудаи силиндршаклро гузорем он вақт сатҳи об чӣ қадар мешавад?

308. Ҳаҷми силиндри якум 12 м^3. Баландии силиндр дуюм аз якумӣ дида 3 маротиба бузург, асоси радиус бошад 2 маротиба хурд. Ҳаҷми силиндри дуюмро ёбед.

98



309*. Зарфи шакли силиндрдошта аз дуюмаш 2 баробар баланд, лекин 1,5 маротиба васеътар аст. Нисбати ҳаҷми ин зарфҳоро чен кунед?

310. Ҳаҷми ҷисми фазовии дар расми 98 тасвиршударо ёбед .

311. Ҳаҷми порчаи силиндри дар расми 99 тасвиршударо ёбед

99



312. Ҳаҷми порчаи силиндри дар расми 100 тасвиршударо ёбед.

100



313. Радиуси асоси параллелепипеди росткунҷа ва силиндри баландиаш ба 1 баробар берункашидаанд (расми101). Ҳаҷми параллелепипедро ёбед.

101



102



103



314. Ба параллелепипеди росткунҷаи асосаш радиусаш ба 4 баробар буда силиндри беруна кашида шудааст (расми 102). Ҳаҷми параллелепипед ба 16 баробар бошад, баландии силиндрро ёбед.

315. Асоси призмаи рост аз секунҷаҳои кунҷҳои росташ 6 ва 8 катетдошта иборат, теғаҳои паҳлӯ бошад ба 5 баробар аст (расми 103). Ҳаҷми силиндри ба ин призма берункашидаро ёбед.

316. Асоси призмаи рост – аз квадрати тарафаш ба 2 баробар иборат, теғаҳои паҳлӯ бошад ба 2 баробар. Ҳаҷми силиндри ба ин призма берункашидаро ёбед.

317. Ба силиндри 2 баробари радиуси асоси призмаи чоркунҷаи ростбуда беруна кашидаанд (расми 104). Масоҳати сатҳи паҳлӯи призма ба 48 га баробар бошад, баландии силиндрро ёбед.

104



105



106



318. Ба силиндри радиуси асосаш призмаи чоркунҷаи мунтазам ва баландиаш ба 1 баробар буда, беруна кашида шудааст (расми 105). Масоҳати сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

319. Ба силиндри радиуси асоси призмаи рости секунҷааш ба $\sqrt{3}$ ва баландиаш ба 2 баробар буда беруна кашида шудааст (расми 106). Масоҳати сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

320. Ба силиндри радиуси асоси призмаи секунҷаи мунтазамаш ба 2 $\sqrt{3}$ ва баландиаш ба 2 баробар буда дарун кашида шудааст (расми 107). Масоҳати сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

107



108



321. Ба силиндри радиуси асоси призмаи мунтазами шашкунҷаи ба $\sqrt{3}$ ва баландиаш ба 2 баробар буда, беруна кашида шудааст (расми 108). Масоҳати сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

322*. Ҳаҷми детали дар расми 10 тасвиршударо ёбед.

323*. Барои сатҳи берунаи қубури силиндршакли дарозиаш 10 м, диаметри асосаш 1 м бударо ба ғафсии 1 мм ранг кардан чӣ қадар ранг даркор мешавад?

324*. Қубури яккаҷаи дар расми 110 тасвиршударо: а) масоҳати сатҳи паҳлӯяшро; б) ҳаҷмашро ёбед ($\pi \approx 3$ гуфта гиред).

325*. Дарозии чӯянқубур 2 м, диаметри берунааш 20 см. Ғафсии девори қубур 2 см ва зичии нисбии чӯян 7,5 г/см^3 бошад, вазни онро ёбед.

326*. Аз расми 111 истифода бурда, барои силиндри моил бамаврид будани баробарии $S \cdot h = Q \cdot l$ -ро асоснок намоед.

327*. Аз сатҳи силиндри дар расми 112 тасвиршуда, дарозии наздиктарини роҳи аз нуқтаи A то нуқтаи B -ро ёбед. (Нишондод: Аз паҳншавии силиндр истифода баред.)

109



110



111



112



Маълумоти таърихӣ

Абӯ Райҳон Берунӣ дар қисми ба геометрия бахшидаи асари машҳураш "Китоби маълумоти ибтидоӣ аз санъати Астрономия" (ба таври кӯтоҳ "Астрономия") ба сифати ба стереометрия ворид шудан чунин таърифҳои шаклҳои фазоиро меорад.

Абӯ Алӣ ибни Сино

Куб – шакли ҷисмдор бада, ба донаҳои шатранҷ монанд аст, аз шаш тарафаш бо шаш квадрат иҳота шудааст.

Призма – шакли муҷассамёфта буда, аз тарафи паҳлӯ бо ҳамвориҳои шакли квадрат ёки чоркунҷаи рост аз боло ва поён бо ду секунҷа иҳота шудааст.

Дар ин таърифи додаи Берунӣ ҳолати хосаи призма, яъне таърифи призмаи секунҷа оварда шудааст.

Китоби "Қонуни Масъудӣ"-и Абӯ Райҳон Берунӣ дар соли 1037 навишта шуда, дар он қоидаҳои ёфтани ҳаҷмҳои параллелепипед, призма ба тарзи:"Агар ҷисм чоркунҷа набуда, дигаргуна бошад, андозаи он чунин аст: масоҳати онро бидон, онро бо амиқӣ (чуқурӣ) зарб намо, дар натиҷа ҳаҷм ҳосил мешавад" дода шудааст.

Ғиёсиддин ал Кошӣ

Абӯ Алӣ ибни Сино дар боби "Ибтидо доир ба ҷисмҳои геометрӣ" -и асари машҳураш "Донишнома" таърифи ҷисм ва призмаи секунҷаро меорад ва шартҳои байни ҳам баробар шудани ду призмаро баён мекунад. Ибни Сино призмаро чунин таъриф медиҳад: "Призма ҷисмест, ки аз ду шакли ҳамвори секунҷа ва бо се шакли ҳамвори тарафҳояш байни худ параллел иҳота шудааст".

Ғиёсиддин Ҷамшед ибн Масъуд ал Кошӣ дар асари худ "Китоби ҳисоб" қоидаҳои зиёдеро доир ба ҳисоби масоҳати сатҳҳо ва ҳаҷмҳои ҷисмҳо овардааст. Ӯ аз сабаби он ки математика, геометрия, тригонометрия, механика ва астрономия барин фанҳоро амиқ медонист ба ҳурмату эътибори Улуғбек сазовор шуд. Ал Кошӣ дар қатори бисёркунҷаҳо, призмаҳо, пирамидаҳо, силиндрҳо, конусҳо, конусҳои сарбуридаро ҳам тадқиқ кардааст.

МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА ТАКРОРИ БОБИ 9

9.1. Санҷиши тестии 2

1. Куб чанд ҳамвории симметрӣ дорад?

А) 8; Б) 9; С) 7; Д) 10.

2. Агар масоҳати буриши диагонали куб ба $2\sqrt{2}$ баробар бошад, ҳаҷми онро ёбед.

А) $2\sqrt{2}$; Б) $\sqrt{7}$; С) $4\sqrt{2}$; Д) $5\sqrt{2}$.

3. Тарафҳои асоси параллелепипеди росткунҷа 7 см ва 24 см аст. Баландии параллелепипед 8 см. Масоҳати буриши диагоналро ёбед.

А) 168; Б) 1344; С) 100; Д) 200.

4. Диагонали призмаи чоркунҷаи мунтазам ба 4 баробар буда, бо рӯя кунҷи 300°- и ташкил менамояд. Сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

А) $16\sqrt{2}$; Б) 16; С) 18; Д)$18\sqrt{2}$.

5. Тарафи аоси призмаи чоркунҷаи мунтазам ба $\sqrt{2}$, кунҷи миёни бо рӯяи рост диагонал бошад ба 300 баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

А) $8\sqrt{2}$; Б) 4; С) 16; Д) $4\sqrt{2}$.

6. Ҷамъи теғаҳои призма 36 то бошад, он чандто рӯяи рост дорад?

А) 12; Б) 16; С) 9; Д) 10.

7. Теғаи рост призмаи моил ба 20 баробар ва бо ҳамвории асос кунҷи 300° - и ҳосил мекунад. Баландии призмаро ёбед.

А) 12; Б) $10\sqrt{3}$; С) 10; Д) $10\sqrt{2}$.

8. Тарафҳои асоси призмаи рости секунҷа ба 15, 20 ва 25, теғаи рост ба баландии асос баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

А) 600; Б) 750; С) 1800; Д) 1200.

9. Диагонали калонтарини призмаи шашкунҷаи мунтазам ба 8 баробар ва он бо теғаи рост кунҷи 300°-и ҳосил мекунад. Ҳаҷми призмаро ёбед. А) 72; Б) 64; С) 76; D) 80.

10. Агар масоҳати буриши тир ба 10 баробар бошад, масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндро ёбед.

А) 10π; Б) 20π; С) 30π; Д) 15π.

11. Баландии силиндр ба 8 диагонали паҳншавии сатҳи рост ба 10 баробар аст. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндро ёбед.

А) 48; Б) 48π; С) 24; Д) 48π.

12. Чоркунҷаи рости тарафҳояш ба 2 ва 4 баробар дар атрофи бузургии худ чарх зад. Сатҳи пурраи ҷисми ҳосилшударо ёбед.

А) 22π; Б) 23π; С) 24π; Д) 20π.

13. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндр ба 72 π баробар ва дар паҳншавии он чоркунчаи рости ҳосилшуд бо асоси диагонал кунҷи 45° ташкил мекунад. Асоси радиуси силиндрро ёбед.

А) 5; Б) 4; С) 6; Д) 8.

14. Агар радиуси асоси силиндрро ду маротиба зиёд намоем, ҳаҷми он чанд маротиба меафзояд?

А) 4; Б) 2; С) 3; Д) 6.

15. Ҳаҷми силиндр ба 120π, сатҳи паҳлӯӣ ба 60π баробар. Радиуси асоси силиндрро ёбед.

А) 4; Б) 5; С) 6; Д) 4; 2.

16. Баландии силиндр ба 5, тарафи секунҷаи мунтазами ба асос дарункашида ба $3\sqrt{3}$ баробар. Ҳаҷми силиндрро ёбед.

А) 25π; Б) 35π; С) 45π; Д) 40π.

17. Диагонали тири буриши силиндр аз 12 квадрати баробар иборат аст. Ҳаҷми онро ёбед.

А) $108\sqrt{2}\pi$; Б) $54\sqrt{2}\pi$; С) $36\sqrt{2}\pi$; Д) $216\sqrt{2}\pi$.

18. Сатҳи пурраи силиндр ба 24π, сатҳи паҳлӯяш бошад ба 6π баробар. Ҳаҷми ҳамин силиндрро ёбед.

А) 7π; Б) 11π; С) 8π; Д) 9π.

9.2. Масъалаҳо

328. Дар параллелепипеди росткунҷа $ABCDA_1B_1C_1D_1$ (расми 113) $DC_1=\sqrt{40}$, $DC=2$, $P_{ABCD}=10$. Диагонали параллелепипедро ёбед.

329. $ABCDA_1B_1C_1D_1$ параллелепипеди росткунҷа. Мувофиқи маълумоти расми 114 дарозии теғаи B_1C_1 -ро ёбед.

113



114



115



330. Асоси призмаи рост ромби $ABCD$ аст (расми 115). Масоҳати буришҳои диагонали призма ба 60 ва 80, баландиаш бошад ба 10 баробар аст. Сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

331. Асоси призмаи рост ромби $ABCD$ аст. Масоҳати буришҳои диагонали призма ба 24 ва 32, баландиаш бошад ба 4 баробар аст. Сатҳи паҳлӯи призмаро ёбед.

116


117


118


119


332. Призмаи мунтазами $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дар (расми116) $\angle B_1DB = 45°$, $S_{пур} = 32(2\sqrt{2}+1)$. AD -ро ёбед.

333. Призмаи мунтазами $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дар (117-расм)$\angle C_1DC = 60°$, $S_{пур} = 128(2\sqrt{3}+1)$. AD ро ёбед.

334. Параллелепипеди росткунчаи $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дар (расми118) $DB_1=13$, $DA_1 = 3\sqrt{17}$, $DC_1 = 4\sqrt{10}$. Масоҳати сатҳи паҳлӯи параллелепипедро ёбед.

335. Параллелепипеди росткунчаи $ABCDA_1B_1C_1D_1$ дар (расми 119) $AB = 6$, $AD = 8$, $DB_1 = 9$. Масоҳати сатҳи паҳлӯи параллелепипедро ёбед.

336. Нуқта K миёни теғаи BC аст(расми120). Ҳаҷми призмаи $ABKA_1B_1K_1$ -ро нисбати ҳаҷми параллелепипеди $ABCDA_1B_1C_1D_1$ ёбед.

337. Нуқтаҳои N ва M миёнаи теғаҳои параллелепипед (расми 121). Ҳаҷми призмаи $AA_1B_1NDD_1C_1M$ -ро нисбати ҳаҷми параллелепипеди $ABCDA_1B_1C_1D_1$ ёбед.

120


121


122


123


338. Масоҳати сатҳи паҳлӯи чоркунчаи мунтазам ба 72 см^2, масоҳати асос бошад ба 64 см^2 баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

339. Параметри асоси призмаи мунтазами чоркунча 12 см, параметри рӯяи рост бошад ба18 см баробар. Ҳаҷми призмаро ёбед.

340. Куб дода шудааст (расми 122).Ҳамвории $CM = MC_1$ ва ҳамвории ADM кубро ба ду ҳисса тақсим мекунад. Ҳаҷми ҳиссаи калони кубро нисбати ҳиссаи хурди он ёбед.

341*. Куб дода шудааст (расми 123). *Ҳамвории* $AO : OD = 2 : 1$ ва BB_1O кубро ба ду ҳисса тақсим мекунад. Агар ҳаҷми ҳиссаи хурди куб ба 6 баробар бошад, ҳаҷми кубро ёбед.

342*. Баландии призмаи мунтазами чоркунҷа ба 8, моилии ҳамвории асоси диагонал ба 45° баробар (расми124). Ҳаҷми призмаро ёбед.

343*. Тарафи призмаи мунтазами чоркунҷа ба $2\sqrt{6}$, бо ҳамвории асоси диагонали кунҷи 30°-ро ташкил мекунад (расми 125). Ҳаҷми призмаро ёбед.

124



125



126



127



344. Масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндр ба 91π баробар (расми 126). Масоҳати тири буриши силиндрро ёбед.

345. Масоҳати буриши тири силиндр квадрати ба 173 баробар аст (расми 127). масоҳати сатҳи паҳлӯи силиндрро ёбед.

346. Баландии силиндр ба 24, диагонали тири буриш ба 26 баробар. Ҳаҷми силиндрро ёбед.

347. Масоҳати буриши тири силиндр ба 10, дарозии давраи асос ба 8 баробар. Ҳаҷми силиндрро ёбед.

348. Радиуси силиндр ба 3, масоҳати сатҳи паҳлӯ ба 200 баробар. Ҳаҷми силиндрро ёбед.

9.3. Намунаи кори назоратии 2

1. Нуқтаи *A* -и кунҷи дурӯя аз теғаи он 10 см, аз рӯяаш дар 5 см дуртар ҷой гирифтааст. Ченаки радиуси кунҷи дурӯяро ёбед.

2. Тамоми теғаҳои призмаи мунтазами шашкунҷа ба 2 баробар бошад, масоҳати сатҳи пурраи онро ёбед.

3. Систернаи силиндршакли диаметри асосаш 18 м ва баландиаш 7 м буда бо нефт пур аст. Агар зичии нефт 0,85 г/см^3 бошад, вазни нефти ин систерна чанд тонна аст?

4. Ҳаҷми силиндри дарункашидаи призмаи шашкунҷаи мунтазамро, ки ҳар як теғаи он ба 4 см баробар аст ёбед.

5. (Масъалаи иловагӣ барои донишомӯзони дарсро хуб *аз бар карда*.) Ҳаҷм ва сатҳи пурраи детали андозаҳояш бо мм -ҳо дар расми 128 бударо ёбед.

128



Ҷадвали қимматҳои тақрибии функсияҳои тригонометрӣ

A	sin *A*	тг *A*	*A*	sin *A*	тг *A*	*A*	sin *A*	тг *A*
0°	0	0	30°	0,50	0,58	60°	0,87	1,73
1°	0,0175	0,0175	31°	0,52	0,60	61°	0,87	1,80
2°	0,035	0,035	32°	0,53	0,62	62°	0,88	1,88
3°	0,05	0,05	33°	0,54	0,65	63°	0,89	1,96
4°	0,07	0,07	34°	0,56	0,68	64°	0,90	2,02
5°	0,09	0,09	35°	0,57	0,70	65°	0,91	2,15
6°	0,10	0,11	36°	0,59	0,73	66°	0,91	2,25
7°	0,12	0,12	37°	0,60	0,75	67°	0,92	2,36
8°	0,14	0,14	38°	0,62	0,78	68°	0,93	2,48
9°	0,16	0,16	39°	0,63	0,81	69°	0,93	2,61
10°	0,17	0,18	40°	0,64	0,84	70°	0,94	2,78
11°	0,19	0,19	41°	0,66	0,87	71°	0,95	2,90
12°	0,21	0,21	42°	0,67	0,9	72°	0,95	3,08
13°	0,23	0,23	43°	0,68	0,93	73°	0,96	3,27
14°	0,24	0,25	44°	0,69	0,97	74°	0,96	3,49
15°	0,26	0,27	45°	0,71	1,00	75°	0,97	3,73
16°	0,28	0,29	46°	0,72	1,04	76°	0,97	4,01
17°	0,29	0,31	47°	0,73	1,07	77°	0,97	4,33
18°	0,31	0,32	48°	0,74	1,11	78°	0,98	4,71
19°	0,33	0,34	49°	0,75	1,15	79°	0,98	5,15
20°	0,34	0,36	50°	0,77	1,19	80°	0,98	5,67
21°	0,36	0,38	51°	0,78	1,23	81°	0,99	6,31
22°	0,37	0,40	52°	0,79	1,28	82°	0,99	7,12
23°	0,39	0,42	53°	0,80	1,33	83°	0,992	8,14
24°	0,41	0,45	54°	0,81	1,38	84°	0,994	9,51
25°	0,42	0,47	55°	0,82	1,43	85°	0,996	11,43
26°	0,44	0,49	56°	0,83	1,48	86°	0,998	14,30
27°	0,45	0,51	57°	0,84	1,54	87°	0,999	19,08
28°	0,47	0,53	58°	0,85	1,60	88°	1,00	28,64
29°	0,48	0,55	59°	0,86	1,66	89°	1,00	57,29

Ҷавобҳо

Ҷавобҳои боби 1

3. $A(5; 7; 10)$, $B(4; –3; 6)$, $C(5; 0; 0)$, $D(4; 0; 4)$, $E(0; 5; 0)$, $F(0; 0; –2)$. **6.** (3; 2; 0), (3; 0; 4), (0; 2; 4). **8.** $\sqrt{26}$. **9.** а) 3, 3, 3; Б) $3\sqrt{2}$, $3\sqrt{2}$, $3\sqrt{2}$; с) $3\sqrt{2}$. **10.** 2, 3, 1. **11.** (3; 3; 3), (–3; 3; 3), (3; –3; 3), (3; 3; –3), (–3; –3; 3), (–3; 3; –3), (3; –3; –3), (–3; –3; –3). **12.** $O(0; 0; 0)$, $B(2; 0; 0)$, $A(2; 2; 0)$, $C(0; 2; 0)$, $O_1(0; 0; –2)$, $B_1(2; 0; –2)$, $A_1(2; 2; –2)$, $C_1(0; 2; –2)$. **13.** D нуқта. **14.** $3\sqrt{6}$. **15.** Yo‘q. **17.** *с)* баробарпаҳлӯ, $P=6\ (1+\sqrt{3})$, $S = 9\sqrt{2}$. **18.** (–0,25; 0,25; 0). **19.** $D_1(1; –1; 1)$, $A_1(1; 1; –1)$, $B_1(–1; 1; –1)$, $D_1(1; –1; –1)$. **21.** $x^2+y^2+z^2=25$, $x^2+y^2+z^2\leq 25$. **22.** $(x–1)^2+(y–2)^2+(z–4)^2=9$; $(x–1)^2+(y–2)^2+(z–4)^2\leq 9$. **23.** $(x+2)^2+(y–3)^2+(z–4)^2=9$. **25.** 1)(0; 1; 0); 2) (1; 1; 1); 3) (0; 0; 2), 4) (–0,7; 0,1; 0,6); 5) $(2\sqrt{3};\ 1{,}5;\ 1)$. **28.** $A(5;–4;0)$, $B(–7;5;6)$, **31**. $K\left(0;–5;\dfrac{17}{2}\right)$. **32.** а) $D(–1; –3; –9)$. **33.** *а)* $M(–1; 2; 0)$; *с)* $M(3;\frac{3}{4}; 0)$. **35.** $L(\frac{25}{8};\frac{33}{8};\frac{9}{4})$. **36.** $\frac{4\sqrt{2}}{5}$. **37**. а) $\sqrt{2}$; б) 30°; 30°; 120°; с) $2\sqrt{3}$. **38.** $MK=\frac{\sqrt{73}}{3}$. **39.** $A(5; 4; 10)$, $B(4; –3; 6)$, $C(5; 0; 0)$, $D(4; 0; 4)$. **40.** $\overline{OA}=(1; 1; 1)$, $\overline{OB}=(–1; 0; 1)$, $\overline{OC}=(0; 1; 1)$, $\overline{BO}=(1; 0; –1)$, $\overline{CO}=(0; –1; –1)$, $\overline{AB}=(–2; –1; 0)$. **42.** а) $\overline{AB}=(2; 5; 3)$, Б) $\overline{AB}=(4; –6; 2)$. **43.** $|\overline{a}|=\sqrt{3}$; $|\overline{b}|=2\sqrt{5}$, $|\overline{c}|=\sqrt{14}$, $|\overline{d}|=\sqrt{30}$. **44.** ±3. **45.** а) $\overline{a}(3; 6; –3)$, Б) $\overline{a}(–3; –6; 3)$. **46.** а) 1 ёки –1; б) 3 ёки –1; с) 2 ёки –4; d) 3 ёки 5/3. **48.** $D(–2; 0; 1)$. **50**. $n=\frac{4}{3}$; $м=\frac{3}{2}$. **52.** а) $D(3; 0; 0)$. **56.** $\overline{c}(–3; –4; 8)$, $|\overline{c}|=\sqrt{89}$; 2) $\overline{c}(4; 5; 5)$, $|\overline{c}|=\sqrt{66}$. **57.** $\overline{c}(–3; 4; 0)$, $|\overline{c}|=5$; 2) $\overline{c}(0; 2; 6)$, $|\overline{c}|=2\sqrt{10}$. **59.** $\overline{a}=\overline{i}–\overline{j}+\overline{k}$, $\overline{b}=2\overline{j}–4\overline{k}$, $\overline{c}=2\overline{i}+3\overline{j}–\overline{k}$, $\overline{d}=\overline{i}+2\overline{j}+5\overline{k}$. **60.** $\sqrt{59}$, $\sqrt{219}$, $\sqrt{122}$, $\sqrt{918}$. **63.** $AC = AO + OC = 4i + 2k$, $AC(–4; 0; 2)$; $CB = CO + OB = 2k + 9j$, $CB\ (0; 9; 2)$; $AB = AO + OB = –4i + 9j$, $AB(–4; 7; 0)$. **65.** ≈180N. **66.** а) 60°; б) 30°; с) 90°; д) 60°; е) 45°. **67.** а) –6; б) 3; с) –6; d) 3. **68.** а) 40°; б) 140°; с) 150°. **69.** а) 30; б) 3; с) 15; д) –28. **70.** а) 1/3; б) –1; с) 2; d) 4. **71.** а) 16. **75.** а) 1; б) 0. **76.** $\overline{BF}=2(\overline{DO}–\overline{DC})$. **77.** $\frac{1}{3}(2\overline{AC}–\overline{AB})$. **78.** $\frac{1}{3}(\overline{AB}+\overline{AC})–\overline{AD}$. **83.** а) (1; –1; 7); б) (–2; 3; 1); с) (0; –4; 4). **84.** $\overline{p}(–1; 5; 3)$. **86.** $B(–8; 4; 1)$. **88.** (2; –5; 9); (–2; –2; 7); (6; –12; 2). **93.** Oxz нисбати ҳамворӣ. **100.** (0; –3; 1). **106.** а) 36 см; б) 48 см; с) 6 см; д) 4 см. **110.** а) $B(–5; 7{,}5; 12{,}5)$; б) $B(5; –7{,}5; –12{,}5)$; с) $B(–0{,}5; 0{,}75; 1{,}25)$; д) $B(0{,}5; –0{,}75; –1{,}25)$. **111.** а) $B(–2{,}5; 1; 3)$; б) $B(–7; 2; 6)$. **112.** а) $O_1(0; 0; 0)$, $A_1(–4; 0; 0)$, $B_1(0; –4; 0)$, $C_1(0; 0; –4)$; б) $O_1(–4; 0; 0)$, $A_1(4; 0; 0)$, $B_1(–4; 8; 0)$, $C_1(–4; 0; 8)$. **115.** (2;–3; 3). **116.** –3. **117.** (7; 1; 2). **118.** (1; –2; 3). **119.** (–1; –2; –3). **120.** (1; 2; –3). **121.** (–2; –3; –5). **122**. $D(0; 9;–7)$. **123.** $C(2; 0;–8)$. **124.** 19. **125.** (–7; 7; –7). **126.** (1; 2; 1). **127.** (–2; 7; 1). **128.** ±2. **129.** ±3. **130.** 13. **131.** 10. **132.** 9. **133.** 0. **134.** –2. **135.** 1. **136.** 4. **137.** 90°. **138.** 4. **139.** –4. **140.** –2; 4. **141.** $8\vec{i}+9\vec{j}–4\vec{k}$.

Ҷавоби санҷиши тестии 1

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
С	Д	Д	Б	Д	Б	Б	А	А	Д	Б	Б	Б	С	А	С	Б	Д

Ҷавоби кори назоратии 1

1) (1; 2; -3); 2) 13; 3) $\sqrt{2}$; 4) 90°; 5) 1.

Ҷавобҳои боби 2

142. 47°, 133°, 47°, 133°. **143.** 128°. **144.** 80°. **145.** 90°. **146.** 5 см, 5 см. **147.** 12 см. **148.** 5 см. **152.** 45°. **153.** 45°. **154.** 80°. **159.** 60°, 45°. **165.** а) 4, 10; б) 5, 12. **166.** Не. **170.** 6, куб. **171.** 15 то. **172.** 9 то. **173.** 180 то. **174.** 24 см^2. **175.** 44 см^2. **176.** 76,8 см^2. **177.** 17,64 см. **178.** $4\sqrt{3}$см^2 , 4 см. **179.** 124 дм^2. **180.** 20 м^2, 30 м^2. **181.** 8 см, 8 см. **182.** 13 см, 9 см. **184.** 4500 см^2. **185.** 7,5. **186.** 4. **187.** 480 см^2. **188.** $5\sqrt{2}$. **189.** 45 см^2. **190.** 144. **191.** а)18; б)76; с) 110; д) 132; е) 48; ё) 96; ж) 124. **192.** а) 146; б) 126; с) 108; д) 146. **193.** 84 см. **194.**$3\sqrt{2}$ см^2. **195.** 216 см^2. **196.** а) 58; Б) 62; с) 94. **197.** а) 38; б) 92; с) 48. **198.** ≈68 м^2. **199.** 104 см. **200.** 68 см^2. **201.** 78 см^2. **204.** 5120 см^3. **207.** 144. **209.** 8. **210.** 5. **211.** 6. **212.** 3. **213.** 24. **214.** 2. **215.** 8. **216.** 8. **217.** 72. **218.** 4. **219.** 27 литр. **220.** 4. **221.** 60 см^2. **222.** $\frac{(S-aБ)ab}{4(a+Б)}$.

223. 30 м. **224.** 1200. **225.** а) 4; б) 40; с) 71; d) 88; е) 18; f) 33; г) 78. **226.** а) 90; Б) 77; с) 54; d) 96. **227.** 6 м^3. **228.** а) 21; б) 26; с) 58. **230.** 6 м^3. **231.** $\sqrt{2}$ м^3. **232.** $\frac{a^3\sqrt{2}}{2}$.

233. $2\sqrt{\sin 3\alpha \sin^3\alpha}$. **234.** $abc\sqrt{-\cos 2\alpha}$. **235.** а) $\frac{a^2b\sqrt{3}}{4}$; б) a^2b; с) $\frac{3a^2b\sqrt{3}}{4}$. **237.** 3060 м^3.

238. 3 см^3. **239.** $\frac{a^3}{8}$. **240.** $3\sqrt{3}$ м^3. **241.** 1 маротиба. **243.** 24 см^3. **245.** 12 см^3. **246.** 2 см.

247. $\frac{ac\sqrt{12a^2-3c^2}}{8}$. **248.** $\frac{h^3\sin\gamma}{2\operatorname{tr}\alpha\operatorname{tr}\beta}$. **249.** 6048 м^3/соат. **250.** 35200 м^3. **251.** 0,5 г/см^3.

252. 150 то. **253.** 42 то. **254.** 961 то. **255.** 13 то. **256.** 90 то. **257.** 3315 г.

258. 60 м^2. **259.** 24 то. **260.** 24 см^3. **261.** 1927,2 г. **262.** 1927,2 г. **263.** 960 м^3. **264.** 144 г. **265.** 19,3125 г/см^3. **266.** 440 м^3. **267.** 0,0127 м^3. **271.** $(y+w+z)yx$. **274.** $a{:}b{:}c$. **277.** 240π см^2 , 280π см^2. **278.** 48 см^2. **279.** 5 см. **280.** 128 см^2. **281.** $\pi Q/4$. **282.** 36π см^2. **283.** 4π. **284.** 36 см^2. **285.** 12π. **286.** 64. 6. **287.** 3 дм. **288.** $2\sqrt{34}$ см. **289.** 3 дм. **290.** 200π, 250π. **291.** 50, 50 +50/π. **292.** 45π см^3. **293.** 16π см^2. **294.** 1500 см^3. **295.** 800 см^2. **296.** 1000 см^2. **297.** 5574 см^2, 1824 см^2. **298.** 1375π см^3, 11,375 kг. **299.** 141900 г, 310860 см^2. **300.** Якумашро. **301.** 2041 сӯм, 15700 см^2. **302.** 349,45 см^2, 492 см^3, 1747 сӯм. **303.** 37680 галлон. **304.** 318 галлон. **306.** 3 см^3. **307.** 4 см . **308.** 9 м^3. **309.** 1,125. **311.** а) 45π; б) 3,75π; с) 144π. **312.** а) 14π; Б) 937,5π. **313.** 4. **314.** 0,25. **315.** 125π. **316.** 4π. **317.** 3. **318.** 8. **319.** 36. **320.** 36. **321.** 24. **322.** ≈30 м^3. **323.** ≈3000 см^3. **324.** а) ≈1050 см^2; б) ≈2250 см^3. **325.** ≈162 kг. **328.** 7. **329.** 4. **330.** 200. **331.** 160. **332.** 4. **333.** 8. **334.** 168. **336.** 1/3. **337.** 1/3. **338.** 144 м^3. **339.** 56 см^3. **340.** 6. **341.** 2. **342.** 256. **343.** 96. **344.** 91. **345.** 173 π. **346.** 600π. **347.** 20. **348.** 300.

Ҷавобҳои тести санҷишии 2

1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	17	18
Б	А	Д	А	Б	А	С	С	А	А	А	С	С	А	А	С	А	Д

Ҷавобҳои кори назоратии 2

1) 30^0; 2) $2\sqrt{3}$ +24; 3) 1513 l; 4) 64π см^3; 5) 35 дм^2, 6,5 дм^3.

Ёдрас. тартиби рақами масъалаҳои душвори доир ба *геометрия бо ситорача, масъалаҳои барои дар хона иҷро кардан тавсияшуда бо ранги сурх дода шудааст.*

Адабиётҳои таълимиву услубӣ ва захираҳои электоронии дар офаридани китоби дарсӣ истифодашуда ва барои омӯзиши иловагӣ тавсияшаванда

1. *А.В. Погорелов* "Геометрия 10–11", учебник, Москва. "Просвешение", 2009.
2. *Л. А. Латотин, Б. Д. Чеботаревский.* "Математика 11", учебник, Минск, 2013.
3. *И.М. Смирнова, В.А. Смирнов* Геометрия. 10–11 класс. учебник, Москва, 2008
4. *О.Я. Билянина и др.* "Геометрия 11" учебник, Киев, "Генеза", 2010.
5. *Daniel C.Alexander,* Elementory геометry for collеге students, Canada, Brooks/ Cole, Cenгаге Learninг, 2011.
6. *Mal Coad and others,* Mathematics for the international students, Haese and Harris publocations, Australia, 2010.
7. *Norjiгitov X., Mirzayev Ch.* Stereoметrik мasallarni Ҳал. Akadeмik litseylar uchun o'quv qo'llanма. –T., 2004.
8. *Israilov I., Pashayev Z.* Геометriya. Akadeмik litseylar uchun o'quv qo'llanма. II qisм. –T.: Тириtuvchi, 2005.
9. http://www.uzedu.uz – Xalq то'liмi вazirligininг axborot то'liм portoli.
10. http://www.eduportol.uz – Multiмedia мarkazi axborot то'liм portoli.
11. http://www.ixl.coм – Masofadan turib тиритish sayti (inгliz tilida).
12. http://www.mathkanг.ru – "Kenгuru" xalqaro мatematik тonlov sayti (rus tilida).
13. http://www.khanakademy.orг – "Xon akadeмiyasi" мasofaviy то'liм sayti (inгliz tilida).
14. http://www.brilliant.orг – Matematikadan мasofaviy то'liм sayti (inгliz tilida).

Мундарича

БОБИ I. Системаи коррдинатаҳо ва векторҳо дар фазо

БОБИ II. Призма ва силиндр

Alгebra ва analiz asoslari: **M.A. Mirzaahмedov, Sh.N. Isмailov, A.Q. Aмanov.**

Geoмetriya: **B.Q. Xaydarov.**

MATEMATIKA 11
ALГEBRA BA ANALIZ ASOSLARI, GEOMETRIYA
I QISM

O'гта то'liм muassasalarininг 11-sinfi o'quvchilari uchun darslik
1- nashr
(Tojik tilida)

Тарҷимон:	А. Шукуров
Муҳаррир:	Ш. Бобоҷонов
Муҳаррири техникӣ:	А. Абдусаломов
Саҳифабанди компуторӣ	Ҳ. Шарипова

Литсензияи нашриёт AI № 296. 22.05.2017
Ба чоп рухсат дода шуд 28.07.2018. Андозааш $70\times100^{1}/_{16}$
Гарнитураи “TimesNewRoman” .
Ҳаҷм: Ҷузъи чопӣ 12,0. Ҷузъи нашрӣ 11,0.
Адади нашр 7797 нусха
Макети оригиналӣ дар ҶММ “Zamin Nashr” тайёр шуд.
100053, ш. Тошканд,
кӯчаи Боғишамол, 160. Tel: 235 44 82

Дар чопхонаи ҶММ "CREDO PRINT GROUP" чоп шуд.
ш. Тошканд, кӯчаи Боғишамол, 160. Tel: 234 44 01
Супориши № 1934